**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 327.2(575.3+510)**
**ТКБ: 66.72 (2т+2К)**
**З-78**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ЗОКИРОВ ИБРОҲИМ ИСМОИЛОВИЧ**

# ИСТИҚРОР ВА РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ХИТОЙ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (солҳои 1991-2021)

**Ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои таърих**
**Бобозода Ф.Т.**

**Душанбе-2025**

## МУНДАРИҶА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО..........................................................................3**

**МУҚАДДИМА…………………………….............…………….............4-18**

**БОБИ I. ҲАМКОРИҲОИ СИЁСӢ-ДИПЛОМАТӢ МИЁНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ...........................19-55**

1.1. Заминаҳои таърихии ташаккули ҳамкориҳои халқҳои тоҷику хитой………………………………..................................……19-34

1.2. Барқароршавии робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой дар замони истиқлол..............…34-55

**БОБИ II. ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТӢ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ...........................56-99**

2.1. Вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой дар охири асри XX ва оғози асри XXI……...........….................................…56-70

2.2. Сатҳи рушди ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой: самтҳои асосии он……..................................70-99

**БОБИ III. ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛАИ ТОҶИКИСТОН ВА ХИТОЙ ДАР СОҲАҲОИ МАОРИФ, ФАРҲАНГ ВА ДАР ДОИРАИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ....................100-141**

3.1. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии халқии Хитой дар соҳаи маориф ва фарҳанг......................................................................100-122

3.2. Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СҲШ ва СММ……………………………………………………...…....122-141

**ХУЛОСА…….……………………………………........……........142-147**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА......148-175**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

1. **з.м -** замони мо
2. **ИМА –** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
3. **ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ
4. **кВт -** киловат
5. **НМСУ** - Навоҳии мухтори Синсзян Уйғур
6. **СММ -** Созмони Миллали Муттаҳид
7. **СҲШ -** Созмони ҳамкории Шанхай
8. **ҲКХ -** Ҳизби коммунистии Хитой

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар муносибатҳои байналмилалӣ беш аз 30 сол мешавад, ки чун субъекти мустақил ва комилҳуқуқ баромад мекунад. Дар ин марҳала тағйироти куллӣ дар арсаи миллӣ ва байналмилалӣ ба миён омаданд, ки ҳамкории байнидавлатӣ ҷузъи таркибии чунин дигаргуниҳо мебошад. Дар ин миён ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Тоҷикистон) ва Ҷумҳурии халқии Хитой (минбаъд – Хитой) унсури муҳимтарини ҳамкории байнидавлатии ҷумҳуриҳои мазкурро ташкил медиҳад, ки ба рушду устувории соҳаҳои ҷамъиятии онҳо равона гардидаанд.

Аз даврахои қадим ҳудуди Тоҷикистон ва Хитой қисми ҷудонашавандаи Роҳи бузурги абрешим буданд, ки минтақаҳои асосии фарҳангӣ-хоҷагии АвруОсиё-Хитой, Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Шарқи Миёна ва Наздик, Баҳри Миёназамин ва Аврупоро муттаҳид менамуд. Аз ин лиҳоз, ин ҳудудҳо объекти таваҷҷуҳи тақрибан ҳамаи империяҳои бузурги ҷаҳон, аз қабили Ҳахоманишҳо, Империяи Искандари Мақдунӣ, Хилофати Араб, Империяи муғул, Темур, Империяи Россия ва Иттиҳоди Шуравӣ қарор гирифтанд.

Оғози солҳои 90-уми асри XX марҳалаи дигаргуниҳои қатъӣ дар таърихи халқи тоҷик гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлоли давлатиро ба даст овард. Аз ин лаҳза дар таърихи ҷумҳурӣ давраи нав оғоз меёбад. Тоҷикистон пешбурди сиёсати мустақили хориҷиро оғоз менамояд.

Дар Мурочиатномаи худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992 Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон зимни баррасии сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ қайд намуд: «Ворид гардидани ҷумҳурӣ ба ҷомеи ҷаҳонӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо тамоми кишварҳо, ки хоҳиши ҳамкориро дар асоси баробарҳуқуқӣ ва манофеи мутақобила бо

Тоҷикистон доранд» ба сифати яке аз вазифаҳои афзалиятнок муайян гардидааст [165, с. 18-19].

Бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ Тоҷикистон рушди сиёсати хориҷиро бо кишварҳои ҳамсоя пеш гирифт. Ҳамкориҳои халқҳои тоҷику хитой дорои решаҳои марбут ба гузаштаи дур мебошанд. Тақрибан ду ҳазор сол пеш намояндаи сулолаи Ғарбии Хан Чжан Сян ҳамчун сафир ба минтақаи ҳамсояи ғарбӣ равон гардид, ки оғози алоқаҳои дӯстии мардуми хитой бо мардумони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Зиёда аз ҳазор сол қабл «Роҳи бузурги абрешим» аллакай ба сифати пули дӯстӣ миёни мардумони тоҷику хитой қарор гирифт.

Баъди эълони истиқлолияти Тоҷикистон, Хитой бо тамом интихоби мардуми Тоҷикистонро эҳтиром намуда, яке аз аввалин кишварҳое гардид, ки муносибатҳои дипломатиро барқарор намуд. Созишнома дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой, ки 4 январи соли 1992 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида буд, ба ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя таҳрик бахшид [119, с. 147].

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 23 июни соли 1993 дар Муроҷиатномаи худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо Хитой баррасӣ намуда, қайд менамоянд: «Дар муддати кутоҳи баъди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ ба мо муяссар гардид, ки натиҷаҳои хубро дар муносибатҳо бо Хитой соҳиб гардем» [76, с. 48]. Ин муносибатҳои боэътимод миёни кишварҳо боиси он гардид, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аввалин сафари давлатии худро ба Хитой (моҳи марти соли 1993) анҷом дод [87, с. 573]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ҳодисаи мазкур аз назари мазмун ва муҳтаво аҳаммияти муҳимми таърихӣ дорад.

Дар ин замина мунтазам ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии кишварҳо рушд намуда, дар зарфи кӯтоҳи вақт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем. Барои мисол агар соли 1993 ҳаҷми тиҷорат миёни Тоҷикистон ва Хитой 8,9 млн доллари ИМА-ро дар бар гирифта бошад, пас ин нишондод

соли 2015 зиёда аз 793,0 млн. доллар ё худ 12 фоиз рушд ёфта, ба 885 млн. доллари ИМА баробар гардид.

Соли 2017 дар табодули тиҷорати кишварҳо поёнравӣ ба назар расида, дар ин сол нишондодҳо миёни Тоҷикистон ва Хитой 591,6 млн. доллар, аммо аллакай соли 2018 бо талоши ҳукуматҳои ду кишвари ҳамсоя табодули мол миёни онҳо ба 651,2 млн. доллари ИМА баробар гардид [7].

Аз ин рӯ, мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда дар ҳолатҳои зерин инъикос мегардад:

**аввал,** мавзуи мазкур ҳам аз лиҳози равандҳои муосири ҷаҳонӣ, инчунин тағйиротҳое, ки бо дарназардошти пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ташкили давлатҳои нав дар солҳои 90- уми асри XX дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омаданд, мубрам ба ҳисоб меравад;

**дуюм,** Хитой талош меварзад то мавқеи иқтисодӣ ва сиёсии худро дар Тоҷикистон мустаҳкам намояд. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ва Хитой манофеи умумии байналмилалӣ дошта, онҳо таъмини рушди устувор, таҳкими сулҳу субот, мубориза бо экстремизм ва терроризм дар сатҳи байналмилалӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд;

**сеюм,** таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз назари дарёфти махсусияти соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ, бо назардошти вазоифи дохилӣ ва хориҷие, ки дар назди Тоҷикистон истодааст;

**чорум,** ҳамкориҳои бисёрҷониба бо Хитой барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибихтиёр, аз назари рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва фарҳангӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ин омили муҳимми суботи дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти миллии он, манофеи миллӣ ва ҳаракат ба суи пешрафт мебошад;

**панҷум,** ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ-таълимии Тоҷикистон ва Хитой решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар шароити муосир ҳамчунин ба омӯзиши маҷмӯӣ, ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ ниёз доранд;

**шашум,** дӯстии миёни халқҳои тоҷику хитой – исботи ҳамешагии муносибатҳои дӯстонаи миёни ду кишвар мебошанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки бо оғози давраи нав ҳамкориҳо ва дӯстӣ миёни халқҳои мо беист таҳким меёбанд. Инро мо дар ҳама ҳолат, сатҳ ва соҳаҳои алоқаҳои дуҷониба мушоҳида менамоем. Зиёда аз ин, ҳолати дӯстии амиқи дар сатҳи дуҷониба ба таври боэътимод дӯстии миёни Хитой ва Тоҷикистонро аз таъсири ҳар гуна омилҳои хориҷӣ, ноустувории ҳолати муносибатҳои ҳозира эмин нигоҳ медорад. Ҳамсоягии нек, дӯсти хуб ва шарики боэътимод будан - ин тафаккур дар рӯҳияи мардумони мо ҷой гирифтааст;

**ҳафтум,** дар баробари рушди ҳамкориҳо дар сатҳи дуҷониба тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷониба бо Хитой возеҳ мегардад, ки ниҳоди муассир дар ин самт Созмони Ҳамкории Шанхай (минбаъд – СҲШ) ба шумор меравад. Заминаҳои ҳамкориҳои мутақобила, эътимоди ҷонибҳо ва дурнамои таҳаввули ҳамкориҳо зарурати омӯзиши ҷиддиро тақозо менамоянд, ки мубрамии таҳқиқотро инъикос менамояд;

**ҳаштум,** имрӯз дар воситаҳои ахбори омма (асосан хориҷӣ) дар бораи афзоиши таъсири Хитой ба Тоҷикистон, сиёсати қарзии он ва дурнамои «манфӣ» ва «вобастагӣ»-и кишвари мо иттилооти зиёди гуногунҷанба нашр мегардад. Аҳаммияти таҳқиқот аз инъикоси возеҳи масоили ҳамкорӣ, хислати мутақобилаи он, дастоварди ҷонибҳо ва дурнамои таҳаввули равобити Тоҷикистон ва Хитой бармеояд.

Омӯзиши мавзуъ имкон медиҳад, ки дар муносибатҳои ду кишвар иқтидори бузург ва имкониятҳои истифоданашуда мавҷуд аст ва бо истифодаи онҳо метавон муносибатҳои онҳоро дар тамоми соҳаҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба сатҳи нав баровард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Новобаста аз мавҷудияти доираи васеи адабиёти илмӣ, қайд намудан ба маврид аст, ки масъалаи мазкур дар шакли пешниҳодшуда ва чаҳорчӯбаи таърихӣ дар таърихнигории ватанӣ зиёд омӯхта нашудааст.

Сарфи назар аз он ки дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ оид ба таърихи ҳамкориҳои ду кишвар ҳаҷми муайяни корҳои илмӣ ҷамъоварӣ гардидааст, аммо то ҳол ҳамкории ҷонибҳо дар чунин шакли васеъ омӯхта нашудааст. Дар алоқа бо ин, зарурати дар шакли низомнок ва фарогири илмӣ таҳлили ҳамкориҳои кишварҳо аз назари таърихи муосир ба амал омад, ки ҳам барои илми таърихи муосир ва ҳам умқи муколамаи ҳамкорӣ миёни ду кишвар мусоидат менамояд.

Маҷмуи фарогири адабиёти мавҷударо вобаста ба таҳқиқот метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

Ба **гурӯҳи аввал** мо таҳқиқоти мутахассисини тоҷикро ворид намудем:

Аҳаммияти баланди илмиро корҳои муҳаққиқи варзида, сиёсатшинос ва дипломат Р.Қ.Олимов [82; 83; 84; 85; 86; 183; 184; 185; 186; 187; 188; 189; 190] соҳиб мебошад. Дар таҳқиқоти Р.Қ. Олимов, аҳаммияти зарурӣ ба таҳлили ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни Тоҷикистон ва Хитой равона гардидааст.

Ҳамзамон, таҳқиқоти собиқ вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Т. Назаровро [114; 115; 116; 117; 199; 200; 201; 202; 203; 204] қайд намудан ба маврид аст, ки дар баробари дигар масъалаҳо, борҳо ба масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар қаринаи рушди робитаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон, бахусус бо Хитой муҳаққиқон Т. Назаров ва А. Сатторзода [113] таваҷҷуҳи хосса равон намудаанд, ки дар таҳқиқоти онҳо коркарди арзишманди консептуалӣ дар самти истиқрор ва рушди дипломатияи тоҷик баъд аз касби истиқлол ба назар мерасад.

Дар таҳқиқоти профессор Г. Майтдинова [193; 194; 195] тағйиротҳои асосӣ дар ҳамкориҳои иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва нақши қуввахои хориҷӣ дар равандҳои минтақавӣ баррасӣ гардидааст.

Инчунин, дар кори илмӣ таълифоти олимони тоҷик[101; 102; 103] оид ба таърихи халқи тоҷик аз давраҳои қадимтарин то замони мо, инчунин маълумоти ҷолиб оид ба ҳамкории Осиёи Миёна ва Хитой ҷой дода шудааст. Дар қисми шашум, таърихи сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият баррасӣ гардидааст.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик З. Сайидзода[137;138;139;140;141;142] таҳлили низомноки рушди муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон дар давраи истиқрори сиёсати хориҷии он баъд аз касби истиқлолият анҷом дода шудааст. Муаллиф талош варзидааст то сиёсати бисёрсамтаи хориҷии «дарҳои кушода»-и Тоҷикистонро ба воситаи баррасии геополитика, бахусус афзалиятҳои фарҳангии кишвар дар замони муосир таҳлилу баррасӣ менамояд.

Дар диссертатсия, инчунин, осори профессорон Н.М. Мирзоев[110;111] ва Р.Ш. Нуриддинов[123;124;125] истифода гардидааст, ки ба таври дақиқ равандҳои ҷаҳони муосир ва таъсири онҳоро дар ташаккули тамоюлҳои сиёсати хориҷӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон таҳлил менамоянд.

Рисолаи номзадии Ш. Шарипов [180] ҷанбаҳои муҳими ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва Хитойро дар солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI фаро мегирад. Рисола аввалин таҳқиқоти фарогирест, ки дар он муаллиф дар асоси маводҳои ҳуҷҷатӣ решаҳои таърихии дӯстӣ миёни халқҳои тоҷику хитой, равандҳои пайдоиш ва таҳким, инчунин самтҳои асосии ҳамкории онҳоро мекушояд.

Зиёда аз он дар таҳқиқот диссертатсияи Ҳ. Мирзоев[173; 174] истифода гардид, ки ҷиҳати баррасии масъалаҳои илмӣ-фарҳангии ҳамкории Тоҷикистон ва Хитой мусоидат намудааст. Муҳаққиқ ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳоро дар самтҳои маориф, илм ва фарҳанг дар доираи дуҷониба ва дар шакли бисёрҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати рушди ҳамкории кишварҳо тавсияҳои амалӣ ироа намудааст.

**Ба гурӯҳи дуюм** мо корҳои дастаҷамъонаи муҳаққиқони тоҷикӣ ва хитой Р. Олимов, М. Халифаев, У. Ситзюй ва Яо Шаочуянро [80] дохил намудем, ки аввалин бор ба матни ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ, ки миёни Тоҷикистон ва Хитой аз соли 1992 - оғози ба роҳ мондани ҳамкориҳои дипломатӣ миёни ду кишвар ба имзо расидаанд, дахл намудаанд. Дар ин гурӯҳ метавон корҳои олимони тоҷику хитой зери таҳрири умумии собиқ вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Т. Назаров [151], ки дар он таҳлили самтҳои асосии ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷкистон ва Хитой анҷом ёфтааст дохил намуд. Муаллифон таваҷҷӯҳи бештарро ба масъалаи ҳамкории Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои ба монанди сиёсат, иқтисод ва фарҳангу маориф равона намудаанд.

Дар диссертатсия аз таҳқиқоти илмии Ван Лин Лин [171] истифода шудааст. Муҳаққиқи хитойӣ вазъи ҳамкориҳои гуманитарии ду кишвар, афзалият ва самтҳои асосии ҳамкории ду кишварро таҳлил намуда, моҳияти рушди соҳаро аз нуқтаи назари хитойӣ маънидод намудааст.

Истифодаи осорин гурӯҳ ва муқоисаи мавқеи назари олимони тоҷику хитой заминаи асосии таҳқиқи масоили ҳамкориҳои мутақобила гардиданд.

**Ба гурӯҳи сеюм,** таҳқиқоти олимони Шуравӣ ва осиёимарказӣ А. Ҷекшенқулов [94], С. Кушкумбаев [106], В. Постников [130], С. Примбетов [131], К Прохоров [133], К. Портяков [129], А. Торкунов [152], А. Семенов [145], Д.С. Попов [252], Ю. Морозов [197] дохил гардиданд, ки ба таърихи ҳамкори кишварҳои Осиёи Марказӣ, ИҶШС ва Хитой, инчунин ҷойгоҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон дар замони муосир бахшида шудаанд.

Дар кори В. Портяков махсусиятҳои асосии ҳаёти сиёсии Хитой дар марҳалаи анҷоми идоракунии Тзян Тземин ва марҳалаи оғози фаъолияти роҳбарияти Хитой бо сарварии Ху Тзинтао, инчунин як қатор мушкилот ва муваффақиятҳои иқтисодии Хитой таҳлил гардидааст.

Дар корҳои А. Ҷекшенкулов ва С. Кушкумбаев нақш ва ҷойгоҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тақсимоти қувваҳои байналмилалии геополитикӣ ва самтҳои асосӣ дар соҳаи сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар қаринаи муносибатҳои онҳо бо Россия ва Хитой таҳлил гардидааст.

Дар таҳқиқоти К. Прохоров масъалаи сарҳади Шуравӣ ва Хитой ба таври муназзам равшан гардидааст. К. Прохоров ҳамкорӣ ва муносибатҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва Хитойро оид ба танзими сарҳади Шуравӣ-хитойӣ ба таври мушаххас баррасӣ намудааст.

Новобаста аз таҳқиқоти мазкур, дар онҳо ҷанбаҳои алоҳидаи равобити таърихӣ, масъалаҳои мушаххаси ҳамкорӣ байни ҷонибҳо ва нуқтаҳои назари мухталиф инъикос гардида, дар осори таҳлилшуда таҳқиқи раванди сисолаи рушди мустақили ҳамкориҳо, пайдапрпай ва марҳалаҳои ташаккули онҳо ба назар намерасад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва инъикоси паҳлулҳои алоҳидаи ҳамкории ҷонибҳо дар чаҳорчӯбаи мушаххаси хронологии мазкур ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои (лоиҳаҳои) илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба мавзӯи тасдиқшудаи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ» барои давраи солҳои 2016-2020 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи кори диссертатсионӣ дар таҳлили раванди истиқрор ва рушди ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангу маориф миёни Тоҷикистон ва Хитой дар солҳои 1991-2021 зоҳир мегардад.

Барои расидан ба ин аҳдоф вазифаҳои таҳқиқотии зерин муайян гардидаанд:

- таҳлили заминаҳои таърихии ташаккули ҳамкориҳои халқҳои тоҷику хитой;
- баррасии барқароршавии робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой дар солҳои пасошӯравӣ;
- баррасии вазъи иқтисодии ҳарду давлат дар охири асри XX - оғози асри XXI;
- арзёбии динамикаи рушди ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой, инчунин муайян намудани самтҳои асосии он;
- тавсифи сохтор ва хусусиятҳои ҳамкориҳои давлатҳо дар соҳаи маориф ва фарҳанг;
- таҳлили механизмҳо ва вижагии ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи сохторҳои байналмилалӣ, аз қабили СҲШ ва СММ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Шароит ва хусусиятҳои истиқрор ва рушди муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Хитой дар солҳои 1991-2021 ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Марҳалаҳои асосии таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои сиёсӣ-дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву маориф миёни Тоҷикистон ва Хитой дар давраи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

**Марҳалаи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот дар марҳалаи аз соли 2016 то соли 2021 иҷро гардидааст.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот.** Марҳалаҳои асосии таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои сиёсӣ-дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву маориф миёни Тоҷикистон ва Хитойро дар давраи солҳои 1991-2021 дар бар мегирад.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** равиши низомноки мушаххаси таърихӣ, ҳамгироишудаи маҷмӯи усулҳои

илмӣ: таърих, таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ, назарияи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, ки имкони ташаккули нагоҳи консептуалиро ба рушди ҳамкориҳои тоҷикӣ-хитойӣ дар ибтидои асри XXI ва таҳлили муназзам оид ба равандҳои муҳим ва падидаҳо дар таърихи ҳамкории ду кишвар ба ҳисоб меравaнд.

**Пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** маводҳои меъёрӣ-омории ба табърасидаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, Ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, инчунин маълумоти матбуоти даврӣ, рисолаҳо ва дигар адабиёти илмӣ, маводҳои порталҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои расмии ба мавзӯи таҳқиқот нигаронидашуда ташкил менамоянд.

**Пойгоҳи сарчашмавии мавзуъро** метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

**Гурӯҳи аввал ва муҳими сарчашмаҳо**ро осор, баромад ва изҳоротҳои расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон[76; 70; 74; 67; 68; 75; 62] ва Раиси Хитой Си Ҷинпин[77; 78] ташкил менамоянд, ки дар онҳо тавсифи умумӣ, дидгоҳ, дурнамо ва самтҳои ҳамкории миёни ду кишвар оварда шудааст.

**Гурӯҳи дуюм**ро ҳуҷҷатҳои расмӣ ташкил медиҳанд, ки ба онҳо санадҳои ҳуқуқӣ, созишномаҳо, матни қарордодҳо, изҳоротҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки ба ду давлати соҳибихтиёр тааллуқ доранд. Миёни онҳо мавқеи махсусро «Изҳороти муштарак миёни Тоҷикистон ва Хитой оид ба принсипҳои асосии ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Хитой» (Пекин, 09.03.1993) [47], «Изҳороти муштарак миёни Тоҷикистон ва Хитой оид ба рушди муносибатҳои ҳамсоягии нек, дустӣ ва ҳамкории ба асри XXI равона гардида» (Душанбе, 04.07.2000) [48], «Изҳороти муштараки Тоҷикистон ва

Хитой оид ба истиқрори шарикии стратегӣ (Пекин, 20.05.2013)» ишғол менамоянд [48].

**Ба гурӯҳи сеюм маводҳои бойгонӣ дохил мегардад.** Дар кор маводҳо аз бойгониҳои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон [4; 12; 22; 31; 40; 47; 48], Вазорати фарҳанги Тоҷикистон [2; 5; 16; 17; 29; 34; 44; 53], Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон [1; 3; 8; 9; 10; 13; 14; 15; 18; 19; 20; 23; 24; 25; 27; 32; 37; 38; 41; 45; 46; 49], Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон [6; 7; 21; 28; 35; 51; 52; 55], Ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш Тоҷикистон истифода гардидаанд [30].

**Гурӯҳи чоруми сарчашмаҳоро** матбуоти даврӣ, маводҳои оҷонсиҳои иттилоотӣ, мавод аз сарчашмаҳои электронӣ ва сомонаҳои хабарии марбут ба мавзӯи таҳқиқот ташкил менамояд.

Маводи оҷонсиҳои иттилоотӣ дорои маълумоти даврӣ ва рӯзмараи хабарӣ оид ба ҷанбаҳои мухталифи ҳамкорӣ, масъалаҳои мавҷуда ва дурнамои ба он алоқаманд мебошанд. Таҳлили онҳо имкон медиҳад, ки тасаввуротро вобаста ба самтҳои ҳамкории кишварҳо ниҳоят васеъ намуда, шароити воқеаҳои таҳқиқшавандаро амиқтар дарк намоем.

Боиси таъкид аст, ки маводи гурӯҳҳои сарчашмавӣ дар маҷмуъ, тасаввуроти комилро дар бораи ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Хитой фароҳам меорад. Новобаста аз он, ки маводи ин гурӯҳҳо қисман хислати оморӣ ва хронологӣ доранд, вале маҳз омӯзиши онҳо дар якҷоягӣ бо адабиёти истифодашуда, таҳлили умумӣ ва муқоиса моҳияти таҳқиқоти моро фароҳам овард.

**Навгонии илмии тадқиқот** ба дарки ҳамаҷонибаи равандҳои ташаккул ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой дар давраи аз соли 1991 то 2021 бо таваҷҷӯҳ ба ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию башардӯстона асоснок мегардад.

**Навгониҳои илмӣ дар чунин шакл муайян мегардад:**

- заминаҳои таърихии ташаккули ҳамкориҳои халқҳои тоҷику хитойӣ таҳлил гардид;
- барқароршавии робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой дар марҳалаи пасошӯравӣ баррасӣ гардид;
- роҷеъ ба вазъи иқтисодии Тоҷикистон ва Хитой дар охири асри XX -а оғози асри XXI таҳлил анҷом дода шуд;
- таҳаввули рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ миёни ду давлат арзёбӣ гардида, инчунин самтҳои асосии он муайян карда шуд;
- сохтор ва хусусиятҳои робитаҳои дуҷонибаи давлатҳо дар соҳаи маориф ва фарҳанг тавсиф гардид;
- механизмҳо ва вижагии ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи сохторҳои байналмилалӣ, аз қабили СҲШ ва СММ таҳқиқ гардид.

**Муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Тоҷикон ва хитойиҳо аз давраҳои қадим дар ҳамсоягӣ бо якдигар зиндагӣ менамоянд. Дар давраи сулолаи Ғарбии Хан сафири хитойӣ Чжан Сян дар соли 138 то замони мо ду маротиба ба ҳудудҳои ғарбӣ ташриф оварда, роҳи машҳури абрешимро кушода, ба алоқаҳои дӯстонаи миёни халқҳои хитой ва тоҷикон оғоз бахшид. Ин алоқаҳо, мубодилаҳои тиҷоратӣ ва ҳамкориҳо марҳала ба марҳала, ба хусус дар аҳди Сомониён ташаккул ёфта, новобаста аз мушкилоти таърихӣ дар давраҳои дигар, ҳатто дар замони мавҷудияти давлати Шуравӣ идома доштанд.

2. Дар марҳалаи муосир раванди рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи мутақобилан судманд миёни кишварҳо аз фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ва сафоратхонаҳои ду кишвар вобастагӣ доранд. Қайд кардан ба маврид аст, ки 4 январи соли 1992 миёни Тоҷикистон ва Хитой муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда шуд ва дар солҳои баъдӣ сафоратхонаҳо дар ҳудуди ҳарду кишвар фаъолиятро оғоз намуданд.

3. Бо баркарорсозии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон ва Хитой ҳамкориҳои густурда дар соҳаҳои гуногунии ҷамъиятии ҳарду кишвар, аз қабили иқтисод, маориф, фарҳанг ва ғайра ба роҳ монда шудаанд. Новобаста аз оне, ки дар марҳалаҳои аввали рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бисёр мушкилиҳо ҷой доштанд, ҳамкориҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои мухталифи халкҳо густариш ёфтанд.

4. Дар давраи омӯзиш раванди мунтазами рушди ҳамкориҳои дарозмуддат дар соҳаҳои иқтисод ва савдои байни кишварҳо мушоҳида карда шуданд. Дар баробари тавсеъаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, тавсеъаи сармоягузорӣ ва таҳияи тарҳҳои муштарак ин омил дар афзоиши гардиши молҳои мутақобила зуҳур мекунад. Агар дар соли 1993 ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистон ва Хитой 8,9 миллион доллари амрикоиро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 бар асари таъсири пандемияи коронавирус бо талошҳои ҳукуматҳои ду кишвар табодули коло байни ба 550 миллион доллар расиданд.

5. Бояд гуфт, ки муносибатҳо дар соҳаи маориф ва фарҳанг байни давлатҳо аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба роҳ монда шуда буданд. Дар доираи хамкорӣ дар соҳаи маданият, рузҳо ва ҳафтаҳои маданият, ташкили намоишҳои кинематографистон, суратгирӣ ва санъати тасвирӣ, сафарҳои мутақобилаи ходимони маданияту санъат анъана шудааст. Яке аз механизмҳои дар ин соҳа амиқ гардондани муносибатҳо ин Ҷамъияти тоҷикистонии дустӣ ва алоқаҳои маданӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ мебошад.

Асоси ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой дар соҳаи маориф дар моҳи марти соли 1993 дар нахустин мулоқоти сарвари Тоҷикистон дар Хитой гузошта шуда буд. Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф бо назардошти ҷалби теъдоди зиёди донишҷӯён ба донишгоҳҳои ҳарду кишвар дар сатҳи баланд қарор дорад. Ҷанбаи асосии робитаҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи маориф ҳамкориҳои байни донишгоҳҳо мебошад. Қабл аз

пандемия беш аз 3 ҳазор донишҷӯи тоҷик дар беш аз 112 муассисаи олии таълимии Хитой таҳсил мекарданд.

6. Тоҷикистон ва Хитой дар чаҳорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ба монандаи СҲШ ва СММ ҳамкории фаъол доранд. Тоҷикистон ва Хитой дар доираи ҳамкориҳо дар майдонҳои СММ ва СҲШ вобаста ба мушкилоти асосии замони муосир мавқеи монанд ва наздикро коркард намудаанд. Ҳарду давлат ташаббусҳои якдигарро дар чаҳорчӯбаи СММ ва СҲШ дастгирӣ намуда дар ин самт ҳамкорӣ менамоянд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки мавод ва хулосаҳои рисола метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаи муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Хитой, ҳангоми коркарди якҷояи лоиҳаҳои давлатӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми коркарди барномаҳои таълимӣ ва курсҳо барои муассисаҳои олии таълимӣ, нашри дастур ва роҳнамоҳои таълимӣ хизмат намоянд.

Инчунин, аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар навиштани таҳқиқоте, ки ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардумони ду кишвари ҳамсоя, ҳангоми хондани курсҳои лексия оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин тартиби нақшаҳои рушди муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва Хитой дар марҳалаи муосир мусоидат намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар дақиқияти маълумотҳо, кофӣ будани ҳаҷми он ва нашрияҳои таҳқиқшуда зоҳир мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ-амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони Истиқлолия (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои таърих ба шиносномаи 07.00.15-таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳия ва асосноксозии номи мавзуъ, таҳия ва татбиқи нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва таҳияи маводҳои илмӣ, омӯзиши адабиёти мавҷуда, коркарди мафҳуму консепсияи нав, таҷлили шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи минташиносии хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва Шурои олимони факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида ба ҳимоя тавсия шудааст. Аз рӯи натоиҷи таҳқиқот маърузаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-назариявии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод шуда, дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 5 мақолаҳои илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ва 2 мақолаҳои илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳаҷми 175 саҳифаи чопӣ иҷро шуда, аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

# БОБИ I. ҲАМКОРИҲОИ СИЁСӢ-ДИПЛОМАТӢ МИЁНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ

## 1.1. Заминаҳои таърихии ташаккули ҳамкориҳои халқҳои тоҷику хитой

Тавре Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша қайд менамояд, бе омӯзиши таъриху адабиёт ва фарҳанги мардуми худ, мо наметавонем, ҳамкории миёни халқҳо ва давлатҳоро омӯзем.

Таҳқиқи таърихи адабии халқҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти нокифоягии сарчашмаҳо ва гуногуншаклии маводҳои бостоншиносӣ мураккаб мебошад. Олимон муайян намудаанд, ки тоҷикон решаҳои қадимтарин ва қадими мардумони эронӣ: суғдиҳо, бохтариҳо, фарғонагиҳо, тахористониҳо, хоразмиҳо, марғиёниҳо, портиҳо, ҳайтолиён ва форсизабонон, қабилаҳои кучманчӣ ва куҳистонӣ: саккоӣ, кангюйҳо мебошанд, ки дар ҳазорсолаи аввали давраи нав ташаккул ёфтаанд [87, с. 19].

Асрҳои VI-X з.м. – давраи ташаккули мардуми тоҷик, забони муосири он давлатдории худӣ ва ҳудуди этникӣ- Тоҷикистони таърихӣ, пояҳои ахлоқи ягона ва субстрати муштараки фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Ин марҳалаи ниҳоии рушди этнофарҳангӣ ва ҳаёти таърихии ниёгони бевоситаи он: суғдиҳо, бохтариҳо-тахориҳо, портҳо, хоразмиҳо, фарғониҳо, саккоиҳо, массагетҳо, кангюйҳо, ҳайтолиҳо ва иттиҳоди этникии онҳо дар заминаи лаҳҷаи эрониҳои миёнаи хуросонӣ-тахорӣ (форсӣ-паҳлавӣ) забони ягонаи умумихалқӣ форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ (форсӣ) ва коркарди меъёрҳои умумиадабӣ ба ҳисоб меравад.

Ин давраи коркарди қонунҳои ягонаи умумифарҳангӣ, моддӣ ва маънавӣ, арзишҳои фарҳанги нави тоҷикӣ дар заминаи таҳаввули аҷдодӣ, гуногуншаклии фарҳанги аҷдодон, марҳалаи таъсиси сохтори ягонаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо хоҷагии гуногунсоҳа ва марҳалаи рушдёбандаи муносибатҳои феодалӣ ба шумор меравад. Оғози ин раванд дар замони қудрати Сосониён ва халқҳои аҷдодӣ замина гузошта шуда, ташаккули

этногенетикии он аллакай дар ҳайати давлати Сомониён анҷом меёбад [103, с. 3].

Этногенези тоҷикони муосир аз ҳудуди давлати Сосониён - дар Хуросон маншаъ гирифта, баъдан Мовароунаҳрро фаро гирифта, дар асл аллакай дар аҳди Сомониён дар паҳнои байни Ҳиндукуш ва Тияншан, Хазар ва Помир ба анҷом мерасанд» [122, с. 78].

Воқеан, давраи Сомониён дар маҷмуъ, давраи эҳёи давлатдории маҳаллӣ ва оинҳои маҳаллӣ, рушди иқтисоди Хуросон ва Мовароунаҳр, фарҳанги тоҷикӣ, адабиёт ва илм, замони рушди шаҳрсозӣ ва ҳаёти шаҳрӣ-ташаккули шаҳрҳои осиёимиёнагӣ ва асримиёнагии дорои сохтори мукаммали иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ба ҳисоб меравад. Ин вақти рушди баланди қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар буд. Садсолаҳои IX-X дар таърихи халқи тоҷик давраи касби дастовардҳои имконпазири таърихии рушди иқтисодӣ ва фарҳангии асримиёнагӣ, давраи истиқрори давлатдории он, ташаккули худогоҳии тоҷикӣ, замони баромади илм ва адабиёти тоҷик ба арсаи ҷаҳонӣ ва оғози хизмати башардӯстонаи онҳо ба нафъи умумиинсонии байналмилалӣ буд [103, с. 6].

Бояд таъкид намуд, халқи хитой дар тӯли таърих борҳо бо истилогарон бархӯрд намуда, маҳз фарҳанги он омили ҳифзи асолати миллӣ ва давлатдории Хитой гардидааст. Ин махсусият дар тақдири таърихии халқҳои тоҷику хитой баръало возеҳ мебошад.

Хитой яке аз аввалин кишварҳое мебошад, ки истиқлолияти Тоҷикистонро пазируфт. Ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар дар асоси принсипҳои ҳамзистии осоишта ба роҳ монда шуда, пай дар пай ва собитқадамона мутобиқ ба манфиатҳои ҳарду кишвар рушд менамояд. Дар даврони истиқлолият бо талоши ғамхоронаи роҳбарони ду кишвар, муносибатҳои тоҷикӣ-хитойӣ бе танаффус рушд ёфта, ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳама соҳаҳо рушд меёбанд.

Дар мавриди стратегияи ҳамкориҳои имрӯзу ояндаи Хитой ва Тоҷикистон ҳарф зада, аз гузашта, ки ҳамеша бар пояи принсипҳои муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ки аз марзи муштарак ва зарурати шарикии тиҷоратӣ бармеояд, наметавон ёдовар нашуд. Ин муносибат аз назари таърихӣ ба умқи қарнҳо мерасад.

Тавре маълум, аҷдодони тоҷик ҳанӯз то ташаккули Роҳи бузурги абрешим тиҷорати байнидавлатӣ ва минтақавиро бо Хитойи қадим оғоз ва тавсеа доданд. Дар радифи мисриҳо, ошуриҳо, ҳиндуҳо ва дигар халқҳои қадим, аҷдодони тоҷик ба таври фаъол ба тиҷорати байналмилалии роҳи хушкӣ ворид буданд. Миёнаравҳои асосӣ дар ин роҳи таърихӣ аҷдодони тоҷик- суғдиҳо, саккоиҳо ва бохтариҳо буданд [151, с. 8].

Сарчашмаҳои хитойӣ наздикии қавмӣ ва забонии аҳолии кушонӣ ва ҳайтолиро аз Даван (Фарғона) то Анси (Парфия) таъкид мекунанд. Раванди ваҳдати қавмӣ дар шароити субот ва устувории нисбии империяҳои Осиёи Марказӣ– Кирпанд ва Парфия ҷараён дошт. Ин равандҳо дар фарҳанги моддӣ ва маънавӣ ба таври ошкоро ҷило медиҳанд [194, с. 186].

Дар давраи сулолаи Ғарбии Хан сафири хитойӣ Чжан Сян дар соли 138 то замони мо ду маротиба ба ҳудудҳои ғарбӣ ташриф оварда, роҳи машҳури абрешимро кушода, ба алоқаҳои дӯстонаи миёни халқҳои хитой ва тоҷикон оғоз бахшид. Маҳз ташрифи у ба Осиёи Марказӣ ва гузориш оид ба лашкаркашиҳои ғарбӣ бо сакҳо – юҷиҳо бевосита сабаби фиристодани сфорати бузурги хитойӣ (соли 119. то з.м.) ба ин кишварҳо гардид. Ин сафорат, ки дар ихтиёри он ҳаҷми бузурги абрешим буд, аввалин гузарандагони Роҳи бузурги абрешими достон мебошад [221, с. 31].

Роҳи бузурги абрешим яке аз аввалин роҳи корвонгузар ба ҳисоб мерафт. Дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна он сарзамини аҷдодони моро бо Хитой, Ҳинд, Мисри Қадим, Бобул, Форс ва Византия, Бохтар ва Суғд, ки дар саргаҳи Роҳи бузурги абрешим қарор доштанд ва тавассути он корвонҳои бешумор ба тамоми гӯшаҳои олам мепайваст [70, с. 136]. Дар ибтидои соли

112 т.з.м. сафирони Бохтар ва дигар шоҳигариҳо ба пойтахти сулолаи Хан ташриф овардаанд. Бо ин ҳол, аз он вақт миёни Бохтар ва сулолаи Хан муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда мешавад [97, с. 56]. Чжан Сян дар шаъни мардумони Осиёи Миёна дар асрҳои II-I то з.м., натанҳо имкони тиҷорат, балки ғанишавии мутақобилаи фарҳангиро мушоҳида менамояд. Ҳуҷҷатҳои корӣ бо забони суғдии мутаалиқ ба асрҳои III-IV замони мо шаҳодати ҳуҷҷатии мавҷудияти алоқаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ миёни Суғди қадим ва Хитойи Ғарбӣ мебошанд [187, с. 17].

Дар солҳои 70-80 асри I з.м. миёни давлати Кушониён ва Хитой аҳднома барои тақсими доираҳои нуфуз мавҷуд буд. Давлати Кушониён бо Хитой алоқаи зич дошта, тиҷорат байниякдигарӣ ба роҳ монда шуда буд. Аммо дар соли 87 з.м. муносибат миёни собиқ иттифоқчиён бад мешавад. Баҳона барои ин асорати сафорати аз ҷониби давлати кушонӣ фиристода (номашро сарчашмаҳои хитойӣ нишон намедиҳанд) ба дарбори Хан буд. Ин сафорат ба император тухфаҳои қиматбаҳоро мебурд то шоҳдухтари хитойиро ба шоҳи кушонӣ хостгорӣ намояд (ё писарашро). Дар ҷавоб ба асорат шоҳи кушонӣ бар муқобили Бан Чао артишро бо роҳбарии волӣ Сэ мефиристад. Лашкаркашии нобарори Сэ ба пурра канда шудани муносибат миёни ҷонибҳо боис шуд [102, с. 421].

Далелҳои муътамад нишон медиҳанд, тоҷикон ва хитойиҳо натанҳо аз назари тиҷоратӣ дар Роҳи бузурги абрешим алоқаманд буданд. Сарчашмаҳои қадимаи хитойӣ масалан воридшавии шаробпазиро аз Водии Фарғона ба Хитой, инчунин парвариши сабзаи «мусу» (юнучқа)-ро нишон медиҳанд. Гуфта мешавад, ки фарҳанги пахтакорӣ низ ба Хитой аз Осиёи Миёна, инчунин ниҳолҳои дарахтони анору чормағз интиқол ёфтааст [82, с. 266].

Ба қавли профессор Ху Чженхуа, «бархе аз хитойиҳои миллати хуэй ба гурӯҳи халқҳои форсӣ марбутанд. Қисме аз онҳо тоҷиконе мебошанд, ки аз Осиёи Марказӣ ворид шудаанд. Аҷдодони хуэй аз Юнан ва Нинся кучида дар давраҳои сулолаҳои Юан ва Мин аз Бухоро ва Самарқанд буданд. Дар луғати

забони хуэй, ки дар давраи ҳамин сулолаҳо нашр гардидааст, ки дар он ибораҳои зиёди форсӣ-тоҷикӣ мавҷуд аст. Маҷмӯаи дорухатҳои хуэй, ки дар давраи ҳокимияти сулолаи Мин ба табъ расидааст дар асоси тарҷумаи осори олимони форсу тоҷик ба миён омадааст. Тоҷикон дар паҳн гардидани ислом дар Хитой таъсири муассир доранд. Китоби ашъори шоири форсу тоҷик Саъдиро то ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти динии Хитой меомӯзанд. Ҷанбаҳои зиёди алоқаҳои Хитой бо халқи тоҷик таҳқиқоти ҷиддиро тақозо менамояд» [185, с. 93].

Осиёи Миёна дар асрҳои VI-VII аллакай кайҳо барои хитойиҳо маълум буд. Роҳбарони Империяи осмонӣ на як бору дубор намояндаҳои худро ба ғарби кишвар фиристоданд, табодули сафорат, тиҷорат ва миссияҳои дипломатиро анҷом доданд. Ҳисоботи сафоратҳо ва нигораҳои сайёҳон ба сифати сарчашма барои таърихчиёни хитойӣ хизмат менамояд. Хитойиҳо аз хоҷагидорӣ, тарзи ҳаёт ва урфу одати аҳолии Осиёи Миёна, мавқеи ҷуғрофӣ ва муносибатҳои идории осиёимиёнагӣ бархурдор буданд, ба рушди вазъи сиёсии он диққати махсус медоданд ва борҳо дар онҳо иштирок намудаанд.

Дар асоси маълумотҳои мавҷудае, ки дастрас мебошанд миёни онҳо навиштаҳои Сон Юн нисбатан комил мебошанд, ки ҳангоми сафараш ба Ҳинд (516-522) гузариш аз Помир ва Сюан Тзан, ҳамчунин дар роҳ ба Ҳинд ва Осиёи Миёна (солҳои 629-648) ташриф оварда, оиди Осиёи Миёна маълумот медиҳад. Маълумотҳои Сон Юн бештар ба Помир тааллуқ доранд. Ӯ ба Бохо (Вахон) ташриф оварда, аз табиати кишвар, боду ҳаво, либос ва тарзи ҳаёти аҳолӣ менависад. Навиштаҳои Сюан Тзан дорои маълумоти бештаранд. Ӯ тавассути Осиёи Миёна ба шимолу ҷануб ҳаракат намуда дар роҳ маълумоти арзишмандро ҷамъоварӣ менамояд. Дар нигораҳои он тавсифи қариб ҳамаи мулкҳои осиёимиёнагӣ, дарозии сарҳад, масофаи миёни пойтахтҳо ва дурии онҳо аз Хитой, маълумотҳо оид ба шуғли аҳолӣ оварда шудааст.

Шарҳи ҳоли ӯ навиштаҷотро пурра менамояд, ки ба охири асри VII тааллуқ дорад. Ҳарду сайёҳон буддоӣ буданд, ки он аз муҳтавои навиштаҷоташонвозеҳ аст. Махсусан ин дар навиштаҳои Сюан Тзан, ки аҳолии маҳаллиро тавсиф менамояд, мушоҳида мешавад. Инчунин навиштаҳои ду хитойии дигар - Вей Тзе (ибтидои асри VII) ва Пей Тзю (соли 606) низ мавҷуданд, ки то замони мо дар шаклҳои алоҳида расидаанд, аммо дар натиҷа маълум мегардад, ки онҳо маводи зиёди арзишмандро истифода намудаанд.

Дар корҳои Пэй Тзю харитаи «Кишвари ғарбӣ» пешниҳод шудааст. Маълумотҳои арзишманди дигар оид ба таърихи асримиёнагии Осиёи Миёна ифодагари марҳалаҳои сулолавии «Сайшу» («Таърихи сулолаи Суй»), ду таҳрири «Таншу» - «Тзю Таншу» («Таърихи қадими Тан») ва «Син Таншу» («Таърихи нави Тан»), «Бейши» («Таърихи шоҳигарии шимолӣ»), «Нанши» («Таърихи шоҳигарии ҷанубӣ»), «Ляншу» ва «Вэйшу» мебошанд. Тибқи қонуни таърихнигории Хитой ҳар як солнома бахши тавсифи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои осиёимиёнагиро дорад; ғайр аз ин, дар матни асосӣ (солномаҳо) дар бораи муносибатхои берунии онҳо маълумоти мухтасар оварда шудаанд. Бо шарофати тарҷумаи Н.Я.Бичурин (Иакинф) маълумотҳои хитойӣ барои муҳаққиқон дастрас гардиданд [103, с. 15].

Чӣ тавре, ки академик Т.Назаров қайд менамояд: «Хитой дар тули тамоми таърих бо халқи тоҷик умумиятҳои зиёд дошт ва бо онҳо натанҳо тиҷорат менамуд, балки аз давраҳои қадим фаъолиятҳои ғайритиҷоратӣ низ дошт”. Кофист иброз намоем, ки бостоншиносони Тоҷикистон дар нимаи дуюми садсолаи бистум дар ҷануби кишвар муҷассамаи бузурги Буддоро пайдо намуданд, ки дарозиаш ба 13 метр баробар буд. Мушкил аст, ки ин муҷассамаи қадимаро ба ин ё он халқ мутаалиқ донист. Қайд намудан зарур аст, ки дар заминаи тавсеаи муносибатҳо миёни хитойиҳо ва тоҷикон Роҳи бузурги абрешими қадима яке аз роҳҳои марказии татбиқ ва табодули тиҷоратӣ ва молӣ гардид [201, с. 11].

Вобаста ба ин мавзуъ, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон менависад: «Аз оғози ташаккули тамаддуни инсонӣ ва давлатдорӣ сарҳадҳои Бохтару Суғд мавзеи гузариши манофеи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ гузариши мутақобилаи арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ ва ҷангҳои бузург ба ҳисоб мерафтанд. Бо ин ҳол дар тамоми давраҳо аҷдодони мо мустақилияти миллӣ, арзишҳои моддӣ ва маънавии худро ҳифз намуданд. Садои зангулаҳо, нишон аз ҳаракати корвонҳои марбут ба бохтариҳо ва суғдиҳо аз баландиҳои кӯҳҳои Бадахшон то саҳроҳои қазоқӣ, аз соҳилҳои баҳри Хазар то Форс, Хитой, Тибет, Ҳинд ва Кашмир танинандоз буд. Дар гузаргоҳи Роҳи бузурги абрешим шаҳрҳои мутараққӣ бо корвонсаройҳо, растаҳои тиҷоратӣ, бозорҳо ва маҳалҳои ҳунармандон қомат афрӯхтанд» [70, с. 136].

Роҳи бузурги абрешим, ба мавзеи сукунати халқҳои гуногун гузашта, фарҳангҳои гуногунро мепайваст. Асосгузори Роҳи бузурги абрешим, сафири хитойӣ, Чжан Сян як сол (дар соли 127 то з.м.) дар Бохтар зиндагӣ намуда, дар бозорҳои маҳаллӣ бамбук ва матои хитойӣ дарёфт менамояд. Абрешими хитойӣ ва матоъҳои тунук, аз оғози кушодани роҳ ба Империяи Форс аз тарафи юнониҳо, маъруфияти баландро дар кишварҳои Ғарб ва ҳудудҳои шарқии он пайдо намуданд. Оқибат ба абрешими тунук натанҳо бохтариҳо ва суғдиҳо ва ашрофзодаҳо таваҷҷӯҳ зоҳир карданӣ шуданд, балки сиёсатмадорони баландпоя ва ашхоси дарбории Форс ва Бобул, Миср ва Ошуриҳо низ моил гардида, абрешим бо вазни тилло баҳогузорӣ мешуд [151, с. 34].

Эътибори бемисл ва маъруфиятро Роҳи бузурги абрешим бо шарофати аспҳои даванд ва уштурони дукӯҳонаи бохтарӣ пайдо намуд. Нақш ва аҳамияти аспҳо ва уштурони бохтариро дар он замон танҳо бо абрешими машҳури хитойӣ муқоиса намудан мумкин буд. Ҳатто бо боварӣ метавон гуфт, ки абрешими хитойӣ чунин тавсеаро дар Шарқ ва Ғарб маҳз бо шарофати тиҷорати бохтариҳо ва суғдиҳо, аспҳо ва уштурони онҳо соҳиб гардид [70, с. 136]. Аҳамияти зиёдро ҳокимони хитойӣ ба хариди аспҳои

ҷангии бохтарӣ медоданд, ки бо назардошти суръат ва тобоварӣ беҳамто буданд [82, с. 266].

Фарҳанги шаҳрии қадим ва заминдории Ҳоқонати ғарбии турк, - бо иштироки суғдиҳо бунёд шудааст, ки шаҳракҳои тиҷоратӣ- заминдории худро дар масири Роҳи бузурги абреши - дар Ҳафтруд, Ҷунгария, Туркистони Шарқӣ, Хитойи Шимолӣ бунёд карда буданд. Дар асрҳои V-VII истеъмори фаъоли суғдӣ дар водии дарёҳои Талас («кишвари Аргу» дар сарчашмаҳои туркӣ), Чу ва Или ба бунёди даҳҳо шаҳрҳо ва маҳаллаҳои истеҳкомӣ замина гардид. Маҷрои асосии суғдиҳо ба Ҳафтруд, ба хусус, ба водии Чу ба асрҳои VII-VIII рост меояд. Дар ин ҷо шаҳрҳое бузурге бунёд гардиданд, ки вобаста ба ҳаҷм аз шаҳрҳои оғози асримиёнагии Осиёи миёна камӣ надоштанд. Танҳо дар водии Чу дар асрҳои VI- VIII на камтар аз 18 шаҳрҳои бузург ва теъдоди зиёди маҳаллаҳои хурд мавҷуд буданд, ки аз ҷониби суғдиҳо, туркҳо, суриягиҳо, форсҳо бунёд гашта буданд [84, с. 10].

Агар ба воқеияти таърихӣ аз ин нуқта назар афканем, пас ба таври осон ду аҳамияти фарҳангии онҳоро мефаҳмем. Аввал, давраи то паҳн гаштани ислом, ки он бесамар ва аз аҳамият холӣ набуд. Дуюм, аҷдодони муосири тоҷикон байни ҳамсояҳои дуру наздики хеш- онҳо ҳам дар водиҳо ва воҳаҳо, ҳам дар дашту кӯҳистон зиндагӣ менамуданд, натанҳо таҷрибаи динии худ (зардуштӣ ва монавия), балки насронӣ ва буддоиро низ паҳн намудаанд. Инҳоро мубаллиғони аҷнабӣ анҷом надодаанд.

Ҳатто аз оғози истилои юнону мақдунӣ суғдиҳо натанҳо дар муҳоҷирати қисмати ғарбии муосири Хитой, балки дар дарунтари ин кишвар иштирок намудаанд. Баъдан дар тули асрҳои III-VII давраи насронӣ- ҷамоати зиёди суғдиҳо тамоми қисмати осиёии Роҳи бузурги абрешимро идора менамуданд, ки далели он табдил ёфтани забони суғдӣ ба забони умумии муоширати байналмилалӣ мебошад. Зиёда аз ин, тибқи шаҳодати таърихчиён, фаъолони суғдитабор ба мартабаҳои баландӣ ҳарбӣ, сиёсӣ, ва фарҳангӣ дар Хитой расидаанд [84, с. 15].

Ҳадс мезананд, ки будоии машҳур, мутафаккир Фатзан суғдӣ буд. Баъзе аҷдодони тоҷикони муосир ба Конфутсий эътиқод доштанд. Масалан, табиби маъруфи тоҷик Дин Хонян, ки ба қуллаи дониши Конфутсий расидааст, ҳамроҳи ҳамқабилааш Ифтихор-уд-Дини маҷмӯаи «Дорӯҳои мусулмонӣ» -ро якбора ба ду забон: ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва хитойӣ тартиб додааст [82, с. 268].

Соли 717 ҳангоми азнавсозии шаҳри Инчоу дар сарҳадҳои шимолу шарқии империяи Тан барои савдогарони суғдӣ маҳаллаҳои махсус ҷудо карда шуданд. Шуғли асосии суғдиён дар Хитой тиҷорат буд. Дар Чанъан ва Лоян дӯконҳои онҳо маҳаллаҳои зиёдро дар бар мегирифтанд. Суғдиён асосан ашёи боҳашамат: ҷавоҳирот, металлҳои нодир, зарфҳои қиматбаҳо, аспҳоро савдо мекарданд. Тасаввур кардан душвор нест, ки суғдиён дар пеши назари оммаи аҳолии Хитой чӣ гуна буданд. «Онҳо дар тиҷорат моҳиранд ва барои фоидаи ночиз мубориза мебаранд. Баробари ба синни бистсолагӣ расидан ҷавонҳоро ба кишварҳои хориҷӣ мефиристанду онҳо то ба Хитой мераванд. Дар ҳар ҷое, ки фоида ҳаст, дар ҳама ҷо пеш мераванд» [192, с. 178].

Бояд таъкид намуд, ки таърихи равобити халқҳо бархӯрдҳои ҳарбиро низ инъикос менамояд. Дар муҳорибаи машҳури Талас байни империяи Тан ва хилофати араб дар соли 751 ба шарофати матонати ҷанговарони Абумуслим ва қарори пешвои қабилаи қарлуқҳои кучманчӣ ҷиҳати гузаштан ба ҷабҳаи мусалмонон хитойиҳо асосан мағлуб шуданд [108, с. 21]. Қарлуқҳо мусулмононро дастгирӣ намуда, сарнавишти ояндаи худро бо аҳолии маҳаллии муқимӣ алокаманд мекарданд, ки исломро қабул карда буданд [176, с. 16].

Дар солҳои минбаъда муносибатҳои Осиёи Миёна ва Хитой рушд меёбад. Дар асрҳои IX-X дар замони давлати Сомониён алоқаҳои тиҷоратӣ бо Хитой рушд менамояд. Пойтахти Сомониён шаҳри Бухоро ва шаҳри

Самарқанд марказҳои бузурги ҳунармандӣ ва тиҷорат, илм, адабиёт ва санъат буданд.

Муносибатҳои давлати Сомониён ва Хитой, пеш аз ҳама, бо Роҳи бузурги абрешим, ки тавассути Самарқанд мегузашт, сурат мегирифт. Дар бораи муносибати давлати Сомониён ва Хитой маълумот хеле кам бошад хам, бо вучуди ин аз Хитой мол, пеш аз ҳама абрешим, чиниворӣ, қоғаз ва ғайра ба микдори зиёд ворид мешуд. Аз абрешиме, ки аз Хитой ворид мегардид, либосҳои гуногун дӯхта мешуданд. Сомониҳо баҳри Хазарро барои рушди тиҷорат бо ҳамсояҳои Ғарб, ба воситаи дарёҳҳои Волга ва Днепр ба таври фаъол истифода менамуданд. Қоғази аз Хитой дастрасшуда тавассути роҳҳои корвонгузар ба пойтахти хилофат - Бағдод рафта мерасид. Хитой ҳавасмандии худро барои рушди муносибатҳои бисёрҷониба бо Эрон иброз медошт [151, с. 89].

Яке аз василаҳои ташаккули ҳамкории халқҳо дар масири Роҳи бузурги абрешим мубодилаи фарҳангӣ ба шумор меравад. Мубодилаи фарҳангии маҳсулоти кишоварзии Хитой ва Осиёи Марказӣ аз гиёҳи мушк (тухми мушк бо аспҳо ба Хитой аз Осиёи Миёна оварда шуданд) ва ангур оғоз мегардад.

Хитой ба ғайр аз токи ангур ва мушк аз кишварҳои дигар лубиё, дарахтони чормағз, бодом ва анор, пиёз, кашниз, бодиринг, хурмо, заъфарон, кунҷит, сабзӣ ва ғайраро ворид намуд. Агар хоҳем, ки танҳо ду маҳсулоти кишоварзиеро, ки хитоиҳо ба ҷаҳон дар мубодила пешниҳод карданд номбар намоем, пас пилла ва чой пеши назар меояд.

Дар баробари арзишҳои дигар густариши донишҳои тиббӣ, дорӯворӣ ва таҷрибаи табобатӣ бо ин роҳҳои тиҷоратӣ аҳамияти хосса дорад. Барои пайгирии ҷузъии татбиқи ин самт метавон аз мавқеъгирии ҷуғрофии талаботи тиҷоратӣ ба ду навъи молҳо хулоса баровард – молҳое, ки барои мардуми ноогоҳи Ғарб тамоман ғайричашмдошт буданд, вале дар оянда харидорони зиёд доштанд– ин доруворӣ ва атриёти Шарқ ба шумор меравand [127, с. 541].

Дар давраи давлатдории Сомониён халқи тоҷик ба комёбиҳои зиёд ноил шуда, шӯҳрати ин кишвар сар то сари ҷаҳон паҳн гардид. Инкишофи илму фарҳанг, санъати бинокорӣ, хоҷагии халқ, ва истеҳсолоти саноат нуфузу иқтидори ин давлатро дучанд афзун гардонид. Асоси додугирифти давлати Сомониён тиҷорат бо Хитой ба шумор мерафт [127, с. 541].

Барои олимони зиёди замони мо ҷолиб ва норавшан буд, ки чӣ гуна дар асрҳои қадим ва миёна метавонад роҳи корвонгузар тавассути Бадахшон то сарҳади Хитой вуҷуд дошта бошад. Мо ҷавобро дар китоби Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дарёфтем.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар китобаш менависад: «Саволе ба миён меояд: чӣ тавр агар дар охири асри XX бо чунин мушкилӣ тавассути Бадахшон ба сарҳади Хитой роҳ мекушоӣ, метавонад дуюним се ҳазор сол пеш роҳи корвонгузар вуҷуд дошта бошад? Барои он ки инро исбот намуд, далелҳо лозим аст. Мо маҳз ба яке аз онҳо муроҷиат менамоем. Ман навиштаҷоти бо се забон- эронии қадимӣ, иломӣ ва бобулиро дар назар дорам, ки дар сутунҳо ва тахтасангҳои қасри вайроншудаи Доро мебошанд. Инчунин онро – «Катибаҳои қасри Шуш» меноманд. Оғози сохтмони ин қаср ба солҳои 520 то з.м., ва маводҳои беҳамтои он ба ин ҷо аз Осиёи Миёна оварда шуда буданд. Катибаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз Бохтар тилло, аз Суғд ёқут, аз Ҳинд устухони фил оварда шудааст.

Бе шубҳа, сангҳои қиматбаҳое, ки дар катибаҳо ҳамчун «касака капаутака» зикр гардидаанд, ба кӯмаки тоҷирони суғдӣ аз Бадахшон оварда шудаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар он замонҳо роҳи тиҷоратӣ ба Ҳинд тавассути Бохтар ва Бадахшон мегузашт, ки ҳамчун қисми Бохтар дониста мешуд. Ва мо метавонем ба таври комил тахмин кунем, ки устухони фил аз Ҳинд ҳамин тариқ ба маҳалли сохтмони қасри Дориюш оварда шудааст [70, с. 137].

Дар китобҳои қадимаи хитойӣ оид ба муносибати миёни давлати Сомониён ва Хитой оварда нашудааст. Мисле, ки ҳеҷ вақт миёни ҷонибҳо

алоқаҳо мавҷуд набуд, аммо табодули миёни давлати Сомониён в Хитой дар адабиётҳои арабӣ мавҷуд мебошанд. Дар асри XI дар боби IV «Навиштаҳо дар бораи ҷавоҳирот», ки аз тарафи муаллиф Абдул Ҳусейн Аҳмад Бу Зубайр, воқеаҳои алоқаи Хитой ва давлати Сомониён навишта шудааст. Ба тартиб оварда шудааст, ки чӣ тавр император ҳайати хитойиро дар соли 939 ба Бухоро мефиристад.

Муқаррароти васеи ташрифи ҳайати хитойӣ ба давлати Сомониёнро дар китоби олимони тоҷик низ мушоҳида намудан мумкин аст: «Дар шаҳри Бушанири давлати Сомониён марде ба ҳабс гирифта шуд, ки бар муқобили ислом баромад мекард,. Имкон надошт, ки дар давлати Сомониён зиндагӣ намояд, ӯ тамоми роҳро гурехта тай намуд (мисле, ки нагурехт, балки бо аспи бохтарӣ тай намудааст) то ба Хитой расид, аз ҷониби императори хитойӣ меҳрубонӣ ва боварӣ дида, то мансаби вазирӣ расид. Ин шахс аз наздикӣ бо императори хитойӣ истифода намуда, онро розӣ мекунонад то қушунеро барои забти давлати Сомониён фиристад ва доройӣ ва сарзамини кишвари исломиро забт кунад. Бо пайгирӣ аз суханони ин шахс, императори Хитой дар соли 939 ба давлати Сомониён дар ҳайати чор инсони донишмандтарин миссияи дипломатиро мефиристад.

Аввалин таваққуфи миссияи дипломатии хитойӣ шаҳри Фарғона буд. Ҳокими давлати Сомониён Насри II бо зердастони худ миссияи дипломатиро мутобиқи тамоми русумот пазируфт. Дар ҳоли ташрифоти минбаъда Насри II ҳамеша ба миссияи дипломатии хитойӣ ба таври меҳрубонона рафтор менамуд. Бо назардошти қабули мутантан ва меҳмондӯстона дар давлати Сомониён миссияи дипломатии хитойӣ қарор дод то ба хона баргардад» [151, с. 96].

Бо иззату эҳтиром қабул гардидани миссияи дипломатии ҷониби хитойӣ ва бо меҳрубонӣ муносибат намудан бо онҳо як бори дигар аз дипломатияи баланд ва фарҳанги халқи тоҷик дарак медиҳад. Бо амалҳои худ

Насри II, аввал аз низоъ бо Хитой эъмин мемонад, дуюм муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратиро бо ин давлат мустаҳкам мекунад.

Яке аз шарқшиносони машҳури Аврупо С. П. Фитсҷералд дар китоби худ "Хитой: Таърихи мухтасари фарҳанг" мегӯяд, “ба роҳ мондани дӯстии дипломатӣ миёни хитойиҳо ва форсҳо ба он мусоидат намуд, ки дар Хитой ба сохтмони маъбадҳо ва парастиши Зардушт иҷозат дода шуд” [198, с. 298].

Нақши халқҳои эронӣ дар Хитой дар аҳди ҳукмронии истилогарони муғул, дар давраи Юан (асрҳои XIII—XIV) ҷолиб аст. Дар он замон намояндагони халқҳои эронӣ – тоҷикон ва форсҳо, ки ҳамроҳи муғулҳо ба Хитой омада буданд, дар давоми қариб ду аср дар ҳокимияти муғулҳо дар Хитой ба як унсури муҳим табдил ёфта, худро дар бахшҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва фарҳангӣ нишон доданд. Кофист, бигуем, ки забони эронӣ – форсӣ дар замони ҳукмронии муғулҳо дар баробари забонҳои муғулӣ ва хитойӣ ба яке аз забонҳои давлатӣ табдил ёфт [192, с. 180].

Аз ҷумлаи намояндагони халқҳои Эрон, ки дар соҳаи омузиши арзишҳои хитойӣ ба қуллахои баланд расидаанд, Као Кегун ва Саъдулло адибон ва санъаткоронеанд, ки бо забони хитойӣ эҷод кардаанд; шоирон Бегликшоҳ (хитойӣ Белушао), Алӣ Яотсин ва писараш Ли Сиин [192, с. 182].

То асри XIV исломигардонии минтақае, ки ҳоло бо номи Вилояти Мухтори Синсзян-Уйғури Хитой ё Туркистони Шарқӣ маъруф аст, аслан анҷом ёфт, ки он зери таъсири анаъанаҳои эронӣ сурат гирифт, зеро дар шарқи ҷаҳони ислом забони форсӣ умдаи фарҳангӣ буд, ки бар арабӣ бартарӣ дошт [192, с. 184].

Дар асрхои XV–XVII бартарии мукотиба бо забони чағатойӣ дар миёни аҳолии Кошғару Ёрканд ба назар мерасад, вале дар баробари ин навиштаҷотҳои зиёде бо хатти форсӣ низ вуҷуд доштанд.

Дар давоми асрхои XVIII–XX намояндагони халқҳои эронизабон як табақаи доимӣ ва муҳимми аҳолии шаҳрӣ буданд. Дар шаҳрҳои ҷануби минтақа шаҳракҳои тиҷоратии бадахшониҳо, шуғнониҳо, паштунҳо ва

дигарон барпо гашта будаанд, ки ба забонҳои эронии шарқӣ суҳбат мекунанд. Инчунин дар байни муҳоҷирони Бухоро низ забони форсӣ ҳукмфармо буд. Ин маълумотро олими қазоқ Чоқан Валихонов пешниҳод намудааст, ки соли 1858 ба таври пинҳонӣ, бо либоси савдогари бухороӣ ба Кошғар омада буд [192, с. 186].

Новобаста аз он, ки равандҳои таърихӣ на як бору ду бор таҳаввул пайдо менамуданд, давраҳо иваз мешуданд, инсонҳо мерафтанд, алоқаи инсонҳо давом ёфта, тавсеа ва шакли гуногунро гирифта, аксари самтҳои фаъолияти рӯзгорро фаро мегирифтанд. Бешубҳа, дар таърихи навин, ба хусус аз асри XX сар карда муносибати халқҳои Тоҷикистон ва Хитой тарҳи мушаххастро касб намуда, ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳким меёбанд.

Сохтори дунявӣ дар Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаҳои муайян ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва мутақобилаи онҳо дар соҳаҳои мушаххас мусоидат намуд. Дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ Хитой барои Тоҷикистон кишвари дур ва муаммо буд. «Дарвоза ба Хитой» баста буда, пулҳои ҳавоӣ ва заминӣ (роҳи оҳан ва мошингард) роҳҳои алоқа бо Тоҷикистон мавҷуд набуд, айнан мисли алоқаҳои мустақими тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ [189].

Баъди Инқилоби Октябр то соли 1991 робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон ва Хитой ба воситаи вазорату ташкилотҳои Шуравӣ аз марказ роҳандозӣ гардида, идора мегардид.

Ҷолиби диққат, ки дар он солҳо соҳаҳои саноати вазнин, сабук, соҳаи хӯроквории ҶШС Тоҷикистон хеле хуб тараққӣ карда буд. Аз Тоҷикистон ба Хитой трансформаторҳои барқӣ, яхдонҳои “Помир”, дастгоҳҳои бофандагию ресандагӣ, матоҳои пахтаги, матоъҳои абрешимӣ, алюминӣ, ҳамчунин пахта ва монанди онҳо содир карда мешуд.

Дар навбати худ ба воситаи Вазорати тиҷорати хориҷии собиқ ИҶШС, савдои хориҷии Союзвнешторг ва монанди онҳо Хитой молу матоъҳои

пахтагин, матоъҳои нафиси абрешимӣ, чиниворӣ, термосҳо ва ғайра ба Тоҷикистон ворид карда мешуд [127, с. 543].

Бо мурури замон қавму ақрабои мо бо сабабҳои гуногун дар қисми вилояти мухтори Синсзян Уйғури Хитой ҷой гирифта, 17 сентябри соли 1954 ноҳияи Тошқӯрғонро бунёд намуданд.

Хитойиҳо дар тӯли асрҳо дарк намуданд, ки тоҷикон халқи хеле қадима ба шумор рафта, бо асилӣ ва нажоди ориён дохил шудани худ фарқ мекунад. Ҳамкорӣ бо миллати тоҷик барои онҳо чӣ дар Хитой ва чӣ берун аз марзи он маънои бурдбориро дошт. Хитойиҳо дар шахсияти тоҷикони дар Тошқӯрғон сукунатдошта ба халқи асили тоҷик самимият доранд. Чунин меҳру рафоқат буд, ки Ҳукумати Хитой яке аз аввалинҳо шуда, соҳибистиқлолии Тоҷикистонро эътироф намуда, дар пойхтахти кишвар сафоратхона ва намояндагии тиҷоратии худро таъсис дод. Бинобар ин, пешрафти ин кишварро дар дар масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иқтидори ҳарбӣ ва таҷрибаи бой дар гузаронидани модернизатсияи мамлакат, гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ба назар гирифта, Ҳукумати Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ба ин давлат эътибори махсус медиҳад [127, с. 544].

Дар алоқа бо ин мебояд қайд кард, ки танҳо бо касби истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар соли 1991 ба ҳамкориҳои калонмиқёси сиёсӣ-дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни давлат ва халҳои мо замина гузошта шуд.

Таҳлили муносибатҳои халқҳои тоҷику хитойӣ дар давраи таҳқиқшаванда нишон медиҳанд, ки:

**Аввал,** таърихи тоҷикон ва Хитойиҳо гуногуншакл мебошанд, аммо онҳо дар тули ин солҳо дар ҳамсоягӣ, канори ҳам зиндагӣ намуда, дар ин муддат ба ҳам ба дастовардҳои зиёд ва ҳам мушкилот рӯ ба рӯ гаштанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи ҳамкориҳои ду халқи ҳамсоя мубрам ба ҳисоб меравад;

**Дуюм,** Роҳи бузурги абрешим, дар истиқрор ва рушди муносибатҳои тоҷикӣ-хитойӣ нақши бузург бозид. Тиҷорат тавассути Роҳи бузурги абрешим тоҷикон ва хитойиҳоро аз давраҳои дур мепайвандад. Абрешими хитойӣ ва матои тунук, дар кишварҳои Ғарб маъруфияти зиёдро маҳз бо шарофати аспҳо ва уштурони дукӯҳонаи бохтарӣ пайдо намудаанд;

**Сеюм,** дар давраи Шуравӣ муносибатҳои мустақил миёни Тоҷикистон ва Хитой ба назар намерасид. Новобаста аз ин дар чаҳорчӯбаи Вазорати тиҷорати хориҷии собиқ ИҶШС, савдои хориҷии Союзвнешторг миёни кишварҳо муомилоти молу маҳсулот ба назар мерасид.

Дар маҷмуъ, кишварҳои мо таърихан алоқаҳои зич ва пурсамар дошта, пайваста барои беҳтар намудани онҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ талош меварзиданд.

## 1.2. Барқароршавии робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой дар замони истиқлол

Ҳар як миллату давлат барои истиқлолият- ифтихор, оромӣ ва умеди шаҳрвандони худ мубориза мебарад. Дар ин давра мо натавонистем аз имкониятҳои бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ, ки асоси истиқлолият мебошанд истифода намоем. Ин сабабҳои худро дорад. Пеш аз ҳама ин шикасти давлати ягона, аз байн рафтани алоқаҳои иқисодӣ миёни собиқ кишварҳои Шуравӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳама ба харобии ин ҷумҳуриҳо, аз ҷумла Тоҷикистон оварда расонид [68, с. 186].

Барҳам хӯрдани Иттифоқи ҶШС яке аз бузургтарин ҳодисаҳои геополитикӣ дар таърихи ҷаҳонии асри бист, ки пайдо гардидани понздаҳ кишвари нави соҳибистиқлолро дар харитаи сиёсии ҷаҳон дар пай дошт ба ҳисоб меравад. Ба даст овардани истиқлолияти кишварҳои пасоШуравӣ тақозо намуд, ки бархурди нави стратегӣ оид ба ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ҳамгироии минтақавӣ таъмини иқтисоди ба бозор равонагардида роҳандозӣ карда шавад [99, с. 11].

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX бо барҳам хӯрдани Иттифоқи ҶШС, дар назди давлатҳои нави соҳибистиқлол вазифаи ҳаётӣ гузошта шуд-таҳкими соҳибихтиёрӣ, ташаккули асосҳо ва авлавиятҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар асоси амсилаҳои муосири тамаддунӣ. Ба сифати чунин кишварҳо Тоҷикистон низ дохил мегардид, ки вазифаи мустақилона муайян кардани сохторҳои нави бунёди миллӣ-давлатӣ ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро дар пеш дошт [101, с. 438].

Дар охири соли 1991 ва ибтидои соли 1992 раванди расмии эътирофи истиқлолияти Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои олам оғоз гардид. Дар ин муддат Тоҷикистонро 40 кишвар эътироф намуд. Дар баробари ин сафарҳои расмӣ ва корӣи намояндагони кишварҳои бузурги хориҷӣ оғоз гардид. Аммо ҳодисаҳои баҳор, тобистон ва тирамоҳи соли 1992, метавон гуфт, ки тамоми дастовардҳои баамаломадаро дар муносибатҳои байналмилалӣ зери шубҳа гузошт. Кор то ҷое расид, ки соли 1992 як қисми аз намояндагони хориҷӣ шумораи ҳайати дастгоҳҳои худро, ки дар Душанбе кушода буданд кам карданд, ё пурра фаъолияти худро қатъ карда кишварро тарк намуданд [142, с. 6].

16 ноябри соли 1992 иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар ш. Хуҷанд оғоз шуд, ки дар он қонун ва қарорҳо дар бораи иҷрои истиқлолияти Тоҷикистон қабул карда шуданд [155, с. 3].

Хушбахтона, дар ин лаҳзаи тақдирсоз ва ноором дар асоси қарорҳои иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи сиёсат омад. Талоши бетанаффус дар самти дастёбии сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ аз ҷониби роҳбари ҷавон ва ҳакими тоҷик 5- сол давом намуд. Сиёсати Ӯ ба дастёбии сулҳ ва авфи умумӣ равона гардида буд, ки аз рӯзи аввали ба сари ҳокимият омадан, аз ҷониби мардум дастгирӣ ёфта, ки асоси хубе барои амалӣ гардонидани сиёсати хориҷӣ ва муаррифии давлати нави тоҷикон барои ҷаҳониён буд [163, с. 133].

Баъди эълони истиқлолияти Тоҷикистон дар соли 1991 Хитой яке аз аввалин кишваре буд, ки бо кишвари мо муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд. Заминаи оғози муносибатҳо бо Хитой 18 июни соли 1991, вақте, ки дар ш. Душанбе бо мақсади шиносоӣ Сафири Фавқулода ва мухтори Хитой дар ИҶШС Юй Хунлян бо ҳамсараш ташриф оварда буданд, гузошта шуд. Мақсади сафари Сафир ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва рушди муносибатҳои дӯстӣ миёни Хитой ва Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт [180,с. 10]. Изҳороти муштарак оид ба истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой 4 январи соли 1992 дар шаҳри Душанбе ба имзо расид [22]. Дар изҳороти муштарак миёни ҷонибҳо оид ба муносибатҳои дипломатӣ гуфта мешуд, ки: «Дар алоқа бо манофеъ ва орзӯи халқҳои ду кишвар ва меъёрҳои Оинномаи СММ, Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой қарор намуданд муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишварро дар сатҳи сафоратҳо аз 4 январи соли 1992 ба роҳ монанд» [80, с. 3]. Аввалин Сафири Фавқулода ва мухтори Хитой дар Тоҷикистон ҷаноби Си Чжаомин (августи соли 1992 – марти соли 1995) буд [258].

Маҳз барқарории муносибатҳои дипломатӣ миёни кишварҳоямон, имкони тавсеа ва таҳкими алоқаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангиро миёни ду кишвар фароҳам овард. Ҳукуматҳои ду кишвар ба мувофиқа омаданд, ки дар асоси баробарӣ ва мутақобилан судманд, мутобиқи амалияи дипломатӣ ва меъёрҳои Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатӣ тамоми талошҳояшонро ба харҷ медиҳанд то вазифаҳои худро иҷро намоянд. Изҳороти муштаракро муовини Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Э. Раҳматуллоев ва муовини Вазири корҳои хориҷии Хитой Тян Тзэнпэйем 4 январяи соли дар шаҳри Душанбе ба имзо расониданд [84, с. 199].

Маҳз ин оғози нек боиси он гардид, ки дар асоси сиёсати ҳусни ҳамҷаворӣ аввалин сафари хориҷии Сардори давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Хитой сурат гирифт. Дар рафти ин боздид яке аз

ҳуҷҷатҳои муҳим Эъломияи муштарак дар бораи принсипҳои асосии ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халкии Хитой дар шаҳри Пекин, 9 марти соли 1993 ба имзо расид [195].

Сардори давлат дар гузориши худ дар Иҷлосияи Шурои Олии Тоҷикистон дар таърихи 23 июни соли 1993 шаҳодат медиҳад: «Дар як муддати начандон тӯлонӣ, баъд аз барқарор сохтани муносибатҳои дипломатӣ бо хоҳишу кӯшишҳои тарафайн ба он муваффақ шудем, ки байни Тоҷикистону Хитой заминаи хуби муносибатҳои умедбахше ба вуҷуд оварем» [76, с. 48]. Маҳз ҳамин «заминаи хуби муносибатҳои умедбахше», ки аз оғоз дар байни Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой ба вуҷуд омада буд, боиси он гардид, ки роҳбари ҷумҳурӣ нахустин сафари расмии давлатии худро ба Хитой баргузор намояд. Ин нишонаи ба ҳам мувофиқ омадани манфиатҳои миллии ин ду кишвар буд.

Ҷиҳати фарққунандаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой он мебошад, ки аз оғоз ин муносибатҳо ҳамвор ҷараён дошта, марҳала ба марҳала рушд ва густариш меёбанд. Ҳарду кишвари ҳамсоя ба инкишофи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои иқтисодии судманд манфиат доранд.

Маврид ба зикр аст, ки Хитой ба Тоҷикистон ҳамчун шарики баробар муносибат карда, ҳеҷ гоҳ мавқеи афзалиятноки худро барои бор кардани иродаи сиёсӣ ё фоидаи иқтисодии истифода намебарад [181].

Дар ин солҳо муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой, дар асоси панҷ меъёри ҳамзистии осоишта рушди боаҳамиятро касб намудаанд. Бо роҳи машварати баробарҳуқуқ мушкилоти таърихии сарҳадиро ҳал намуда: Аҳднома дар бораи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ ва ҳамин тавр, асоси мустаҳками рушди ҳамкориҳои минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба гузошта шуд [118, с. 28]. Бо ин ҳол дар тули ҳамкориҳои чандинсола Хитой тавассути музокирот ва машваратҳои дӯстона тавонист бо Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон дар ҳаҷми 3300 км масоили сарҳадии хешро ҳаллу фасл намояд [268, с. 41]. Талошҳои ҳалли масоили сарҳадӣ миёни Хитой ва кишварҳои

Осиёи Марказӣ, аз қабили Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон низ дар солҳои 1998, 1999, 2002 ва 2011 аз аҳамият холӣ нестанд [268, с. 37].

Метавон гуфт, ки муносибатҳои муосири халқҳои тоҷику хитойӣ аз назари таҳкими бетанаффуси боварии сиёсӣ, мустаҳкамии ҳамешагии ёрии тарафайн ва рушди ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳо фарқ менамоянд.

Ҳангоми баромад дар Парлумони мамлакат дар соли 2006 Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки: «Дастоварди муҳими Тоҷикистони соҳибистиқлол муносибатҳои дӯстона бо Хитой мебошад. Сатҳи баланди боварӣ ва ҳамкории ду кишвар имкони таъмини мушкилотҳои сиёсӣ ва қонунии ҳалли мушкилоти сарҳадӣ, ки дар тули садсолаҳо ҳал нагардида буд фароҳам меорад. Ин ҳолат ба таври фаъол таҳкими истиқлолияти кишвари маҳбуби моро таъмин менамояд ва ҳамзамони шароити мусоид барои ҳамкориҳои васеъ ва дӯстии сарҳадӣ, суръат бахшидани рушди алоқаҳои иқтисодӣ ва шарикии минтақавӣ ва байналмилаӣ фароҳам меорад» [64, с. 7].

Ҳоло, ки мо дар асри XXI зиндагӣ менамоем, дар шоҳидии мо маълум, ки чӣ тавр Роҳи бузурги абрешими қадима дар шакли нав эҳё мегардад ва тамаддуни бузурги гузаштаи кишварҳои моро такмил дода, Тоҷикистони соҳибистиқлол аз нав долонҳои васеъро барои ҳаракати молҳо аз Хитой ба Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мекушояд.

Бо ин ҳол мо мебинем, ки чӣ тавр равандҳои таърихӣ бо муносибатҳои тиҷоратӣ-иҷтисодӣ дар замони мо пуле миёни гузашта, ҳозира ва оянда қарор гирифтаанд. Ба ҳама маълум, ки ҳеҷ чиз дар ҷойи холӣ ба вуҷуд намеояд. Дониш ва таҷрибаи гузашта ҳамчун пойгоҳест, ки метавонанд дар қаринаи фоидаашон барои ғанӣ гардонидани ҳалқаҳои дар ҳамкории ҳозира мавҷудбуда истифода гарданд. Бо ибораи дигар бо нигоҳе ба гузашта, мо бояд алоқа пайдо намоем то аз имконоташ барои лоиҳаҳои ҳозира ва имконпазири оянда истифода намоем [201, с. 8].

Сафари Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи марти соли 1993 ба Хитой аввалин сафари расмии хориҷии роҳбари давлат ба кишвари хориҷи дур ҳисоб мерафт.

Чӣ тавре, ки Назриев ва Сатторов қайд менамоянд: «8-11 марти соли 1993, ё сад рӯз баъд аз интихоб шуданашон ба сифати роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати ҳукумати Хитой аввалин сафари расмии худро ба ин кишвар анҷом дод. Дар вохӯрӣ ва музокирот миёни роҳбари тоҷикон бо Котиби генералии КМ ҲКХ Сян Тзэмин, Раиси Хитой Ян Шанкун ва Сарвазири Шӯрои давлатии Хитой Ли Пэн баргузор гардид. Табодули афкори амиқ оид ба масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба, инчунин мушкилоти байналхалқии фарогири манофеи мутақобила сурат гирифт» [120, с. 141].

Аввалин сафари Президент Тоҷикистон аз ҷониби ВАО хитойӣ таваҷҷӯҳи зиёдро эҷод намуд. Маҷаллаҳои Renmin Ribao ва China Daily натиҷаи сафарро чунин баҳогӯзорӣ намуданд: «Сатҳи баланди пазириш, хислати кушода ва бовариноки табодули андешаҳо бо роҳбарияти хитойӣ ва дар натиҷа ҷонибдории ҳаматарафа аз тарафи аъзои доимии Шӯрои амнияти СММ, аҳамияти бебаҳо дошта, таъсири зиёд натанҳо ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба, балки ба таҳкими обрӯи ҳукумати Тоҷикистон дар ҷаҳон мерасонад [216]. Роҳбарияти Хитой ва Тоҷикистон аз натиҷаҳои аввалин ташриф дар таърихи ду кишвар дар сатҳи олӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, далелеро баҳои баланд доданд, ки муносибатҳо миёни ду кишвар ба марҳалаи сифатан нав баромаданд. Онҳо изҳори умедворӣ ба он намуданд, ки рушди муносибатҳо миёни ду кишвар дорои дурнамои васеъ буда, барои таҳким ва пурра амалӣ намудани он талош хоҳанд кард» [215].

Дар натиҷа 9 марти соли 1993 Эъломия дар бораи усулҳои асосии муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Хитой қабул гардид [27]. Дар ин ҳуҷҷати таърихӣ, аввалин бор як қатор муқарраротҳо ба миён омаданд, ки баъдан

асоси бунёдӣ ҷиҳати рушди босуботи ба оянда ҳамкориҳои дарозмуддати ҷонибҳо гардиданд [80, с. 143].

Ҷонибҳо ба он талош варзиданд, ки дар шароити нави таърихӣ талошҳои ду кишвари ҳамсоя натанҳо ба муносибатҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд, балки самтҳои асосӣ ва соҳаҳои ҳамкории тоҷикӣ-хитойиро дар дурнамои оянда муайян намуда, самти муҳимтари ҳамкорӣ, аз ҷумла дар арсаи байналхалқии ҷавобгӯ ба манофеъ ва орзӯҳои якдигарро возеҳ созад.

Пеш аз ҳама ҷонибҳо аҳд намуданд, ки муносибатҳои ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар асоси меъёрҳои эҳтироми соҳибихтиёрии якдигар ва тамомияти арзӣ, ҳамла накардан ба ҳам, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарӣ ва суди мутақобила, мавҷудияти босубот ба роҳ монанд.

Муҳимтар аз ҳама ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки тамоми мушкилоти баамаломадаро миёни ҳамдигар ба тариқи осоишта ҳал намуда, қувва ва таҳдиди қувваро дар ягон шакл миёни ҳам истифода наменамоянд. Ҷонибҳо ӯҳдадор шуданд, ки аз иштирок дар амалҳои хусуматомез нисбат ба тарафҳо худдорӣ намуда, инчунин имкон намедиҳанд, ки ҳудуди онҳо бо мақсади халал ворид намудани соҳибихтиёрӣ ва амнияти ҷонибҳо истифода гарданд [23].

Дар натиҷаи музокироти баамаломада 10 Созишнома миёни Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой қабул гардиданд:

1. Эъломияи муштарак оид ба принсипҳои асосии ҳамкориҳои мутақобила миёни Тоҷикистон ва Хитой;

2. Созишнома миёни Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой оид ба тавсеа ва ҳифзи сармоягузорӣ;

3. Созишнома миёни Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой оид ба ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ;

4. Созишнома миёни Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

5. Созишнома миёни Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои радио и телевизион;

6. Созишнома миёни Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва илми тиб;

7. Созишнома миёни Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой оид ба низоми бераводиди сафарҳои хизматӣ;

8. Протоколи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Хитой;

9. Протокол миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой оид ба алоқаи ҳавоӣ;

10. Созишнома миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ [80, с. 145].

Тоҷикистон сидқан хостори ҳамкориҳои дӯстӣ ва шарикӣ бо тамими кишварҳоро дошата, дар ҷустуҷӯи ҳамкориҳои амалӣ, илмӣ-техникӣ дар шакли дуҷониба ва бисёрҷониба дар чаҳорчӯбаи сиёсати бисёрсамтӣ мебошад. Бо ин ҳол, дар ин сатҳ меъёри ҳамкориҳои афзалиятнокро бо кишварҳое, ки ҳамкории мутақобилан судманд ва дустӣ, аз ҷумла дар даҳсолаи охир дорад, ҳифз менамоянд [201, с. 14].

Чӣ тавре, ки Шарипов Ш, қайд менамояд: «Баъди сафари дуюми кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Пекин, ки 26 апрели соли 1996 ба вуқуъ пайваста буд, ҳамкориҳо миёни кишварҳо мустаҳкам гардиданд. Ин бор музокирот ба самти таҳкими меъёрҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ, аввалин бор назари зарурати иттиҳод ва мутобиқ сохтани қувваи тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ барои рушди иқтисодӣ ва таҳкими амният пешниҳод гардид. Дар заминаи ин фикр таъсиси Панҷгонаи Шанхай рӯи кор омад» [180, с. 11].

Дигаргунии бештарро Эъломияи муштараки Тоҷикистон ва Хитой, ки 16 сентябри соли 1996 дар шаҳри Пекин ба имзо расида буд, ба амал овард. Ҷонибҳо уҳдадории қатъии худро нисбат ба иҷрои ҳуҷҷати мазкур дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои сиёсӣ иброз намуданд.

Таъини Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Хитой бо қароргоҳи доимӣ санаи 9 январи соли 1997 дар Пекинро метавон яке аз омилҳои рушди ҳамкориҳои дуҷониба номид [142, с. 28]. Аввалин Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Хитой Каримов Ҷамшед Халилович (январи соли 1997- майи соли 2002) ба ҳисоб меравад [24].

Баҳои махсусро умқи муносибатҳои боварӣ ва мутақобила миёни роҳбарияти олии Тоҷикистон ва Хитой соҳиб мебошанд. Дар даҳсолаи охир, гуфтушунидҳои бошиддат ва гуногунсамтаи сиёсӣ ба роҳ монда шуда, ба таври фаъол ба муносибатҳои тоҷикӣ-хитойӣ рушди босуръат мебахшанд. Анъанаи хуби дастгирии дӯстонаи шахсии алоқаҳо дар баландтарин сатҳ дар вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон ва Тзян Тзэмин дар моҳи марти соли 1993 гузошта шуда буд, ки то ҳол давом доранд [180, с. 12]. Бо даъвати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Ҳукумати Хитой Тзян Тземин аввалин бор аз 3 то 4 июли соли 2000 бо сафари давлатӣ ба Тоҷикистон ташриф овард. То соли 2000 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Тзян Тзэмин 12 маротиба вохӯрӣ намуда буд [180, с. 12].

Чӣ тавре, ки Р. Олимов қайд менамоянд: «Дар давраи миёни солҳои 2003-2012 Президент Эмомали Раҳмон ва Раис Ху Тзинтао сенздаҳ маротиба вохӯрӣ намуданд. Баъди ба сари қудрат омадани «насли панҷуми роҳбарони Хитой» Президенти Тоҷикистон миёни роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ аввалин шуда бо сафари расмӣ даъват гардида буд» [81, с. 15].

Дар солҳои минбаъда муносибатҳои Тоҷикистон-Хитой бо суръат рушд ёфта тамоми соҳаҳои муносибатҳои дуҷонибаро фаро мегирад. Дар солҳои 1996-1998 миёни кишварҳо 14 созишнома ва протокол ба имзо расид.

Эъломияи муштараки Тоҷикистон ва Хитой оид ба рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳамсоягии нек, дустона ва ҳамкорӣ, Созишнома миёни Тоҷикистон ва Хитой оид ба сарҳади давлатӣ, Созишномаи байнидавлатӣ оид ба алоқаҳои нақлиётӣ, ҳамкорӣ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунӣ ва суистеъмоли воситаҳои нашъадор, психотропӣ ва ғайраҳо дар чаҳорчӯбаи сафарҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи августи соли 1999 ба Хитой имзо гардиданд [142, с. 44].

Ин сафар дар таърихи муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой саҳифаи нав кушод. Дар ҳоли сафар ҳавасмандии ҷонибҳо дар асоси ҳамкориҳои мутақобилан судманд, бо истифодаи бартариҳои умумии ҷуғрофӣ иброз гардид.

Рашид Олимов ҳамчунин муҳимияти ин сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба Хитой қайд менамояд: «Муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Хитой аз ибтидо дар заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии стратегӣ рушд менамоянд. Ба имзо расидани Изҳороти муштарак миёни Тоҷикистон ва Хитой оид ба рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳамсоягии нек, дӯстона ва ҳамкорӣ, ки дар рафти сафари Президенти Тоҷикистон ба Хитой 13 августи соли 1999 ба имзо расида буданд, аҳамияти муҳими таърихӣ дорад» [80, с. 5].

Дар рафти музокирот Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд: «Мо имзои Созишнома оид ба сарҳадҳои давлатии тоҷикӣ-хитойиро истиқбол намуда, ҳамзамон омодагии худро оид ба музокироти сарҳадӣ дар шакл ва руҳияи амиқ барои ҳалли меросе, ки аз таърих боқӣ мондааст изҳор медорем. Дар алоқа бо махсусияти сарҳади номувофиқашудаи тоҷикӣ-хитойӣ, изҳор гардид, ки он бузургтарин қисмати сарҳади собиқ Шуравӣ-хитойӣ ба ҳисоб рафта, умедворем, ки дар раванди музокирот оид ба онҳо дӯстони хитойиаон воқеияти таърихии онро ба инобат мегиранд. Дар навбати худ, Раиси Хитой изҳори боварӣ намуд, ки «рӯзи ҳалли пурраи масъалаи сарҳадӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой дур нахоҳад буд» [142, с. 44].

Дар воқеъ, аз оғози истиқлолият то соли 2002 яке аз мушкилоти асосии муносибатҳо миёни кишварҳо ҳалли масъалаи сарҳади давлатӣ буд. Ин масъала миёни кишварҳо аз давраи Иттифоқи Шуравӣ боқӣ монда буд.

Вобаста ба масъалаи сарҳади давлатӣ қайд намудан зарур аст, ки ташаккули он тулонӣ ва раванди пурпечутоп буд. Ҳар як кишвар дар ҳар кучое, ки чойгир набошанд ҳудуде доранд, ки сарҳади муайяни маҳдуд дорад. То истиқрори сарҳади давлатӣ, сухан дар бораи мутаалиқии ҳудуд ба ин ё он давлат аз мантиқ дур мебошад. Барои муайян намудани ҳачми дилхоҳ ҳудуд, пеш аз ҳама барқарории хатти он, бо ибораи дигар нуқта ба нуқта зарур аст [97, с. 20].

Мушкилоти сарҳад, ҳифзи тамомияти арзии давлат барои ҳар як кишвар ва халқи он муҳимтарин ва дардмандтарин масъала мебошад. Баъди пош хӯрдани Иттифоқи Шуравӣ Точикистон бо риояи меъёрҳои қабулшудаи амалияи байналмилалӣ ӯҳдадории ҳалли нуқтаҳои баҳсноки сарҳади давлатии точикӣ-хитойиро ба дӯши худ гирифт [172, с. 3].

Мавчуд набудани муносибатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташаккули сарҳади давлатӣ миёни як қатор кишварҳо ва мавчудияти нуқтаҳои баҳснок ва қисматҳои номувофиқашуда ташаннучро дар манотиқи сарҳадӣ эчод, муносибати байнидавлатӣ ва вазъи низоии минтақаро боло мебарад.

Хитой бо Точикистон 476 км хати сарҳадӣ дорад. Дар алоқа бо ин масъалаи деллимитатсияи сарҳад миёни Хитой ва Точикистон мубрамияти хосро касб намудааст, ки таърихан масоили зиёди фаросарҳадиро дошта, ҳалли оқилонаро тақозо менамояд [172, с. 6].

Масъалаи мураккаби сарҳади давлатии Точикистон-Хитой дар он зоҳир мегардад, ки ин нуқтаи сарҳади давлатӣ дар минтақаи Помир дар ҳуччатҳои таърихӣ, ки миёни шоҳигарии Россия ва Хитойи синӣ ба имзо расида буданд, мушаххас нагардида, танҳо самти умумии он нишон дода шудааст [97, с. 10].

Сарҳади миёни Точикистон ва Хитойи муосир аз Помири Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то баландии Сарикӯл мерасад. Гиреҳи кӯҳи

Помир баландшавии азими орогенист, ки маркази як қатор каторкуҳҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Миёна, аз ҷумла каторкӯҳҳои Ҳиндукуш ва Қароқорум, инчунин куҳҳои Кунлун ва Тиёншон мебошад. Аксари ин қаторкӯҳҳо дар дохили Тоҷикистон воқеъ аст, вале қисмате аз манотиқи он ба Афғонистон, Покистон, Хитой ва Қирғизистон тааллуқ дорад [130, с. 44].

Таърихи ташаккули сарҳади муосири тоҷикӣ-хитойӣ ба нимаи дуюми асри XIX рост меояд. Дар асри XIX Россия ва Хитойро имкон даст дод то якчанд аҳднома оид ба муайянсозии меъёрҳои худудмуайянкунӣ дар Осиёи Миёна ба имзо расонанд. Дар асоси марзкашии русӣ-хитойӣ Аҳдномаи Пекин дар соли 1860, Протоколи Чугучак соли 1864, инчунин Аҳдномаи Петербург соли 1881 ва барои иҷроиши он Протоколҳои Қошғар ва Марғелони Нав (соли 1884) баста шудаанд.

Равандҳои музокирот оид ба танзими сарҳадӣ миёни ИҶШС ва Хитой сар карда аз соли 1964 тақрибан 25 «нуқтаи баҳс»- ро дар тули 33 ҳаз км$^2$ муайян карда шуд, ки диди ду ҷониб оид ба сарҳади Шуравӣ-хитойӣ мутобиқат наменамуд, аз ҷумла дар қисмати сарҳади тоҷикӣ. Дар ҳудуди Тоҷикистон се нуқтаи номувофиқашуда ба назар мерасид. Инҳо қитъаи №17- дарёи Маркансу, қитъаи №8- минтақаи ағбаи Каразак ва қитъаи №19- минтақаи Помири Бузург, дар ҷануб аз ағбаи Уз-Бел ба ҳисоб мерафтанд. Ин «қитъаҳои номувофиқашуда» натиҷаи аҳдномаҳои номувофиқашудаи қаблан қабулгардида мебошад [172, с. 7].

Дар солҳои аввали истиқлолият давлати моро зарур буд, ки ҳарчи зудтар масъалаи мавҷудаи сарҳадиро миёни Тоҷикистон ва Хитой ҳал намояд, чун аз ҳалли он тақдири рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳои ҳамсоя вобастагии зиёд дошт. Натиҷаи машварат миёни Вазоратҳои корҳои хориҷӣ дар Пекин дар ноябри соли 1997 боиси ба имзо расидани Протокол, фарогири натиҷаҳои музокирот оид ба масоили сарҳадии ҳайати якҷояи ҳукумати Тоҷикистон, Россия, Қазоқистон ва Қирғизистон бо ҳайати ҳукуматии Хитой ба ҳисоб мерафт. Дар асоси нақшаҳои

тасдиқгардида, иштироки комиссияи тоҷикии мазкур, Комиссияи муштарак оид ба музокирот бо Хитой вобаста ба масъалаҳои сарҳадӣ, ки дар раванди он имкони ба мавқеи муайян дар ҳалли як қатор мушкилот дар қитъаи сарҳади тоҷикӣ бо Хитой омадани кишварҳо ба даст омад, тасдиқ карда шуд [138, с. 213].

Нуқтаҳои пайвасткунандаи сарҳади Тоҷикистону Хитой мақоми махсусро соҳиб мебошанд ва онҳо оғоз ва анҷоми марзи кишварҳои созишкунандаро бо кишвари сеюм муайян менамояд. Чунин нуқтаҳо дар натиҷаи боҳам пайвастани сарҳади се давлати ҳамсоя ба вуҷуд меоянд, ки тавассути созишномаи махсуси сеҷониба муайян карда мешаванд.

Дар натиҷаи музокироти панҷҷониба ва машваратҳои дуҷонибаи идораҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Хитой дар моҳи августи соли 1999, роҳбарони ду кишвар созишнома дар бораи “Сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой”- ро (ки дар доираи он аҳд карда шуд, ки оид ба қитъаи № 19, ки дар «ҷануби ағбаи Уз-Бел» ҷойгир буд, музокирот давом меёфтанд. Бо имзои ин ҳуҷҷат Тоҷикистон аввалин шуда, тибқи меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ сарҳади хориҷии худро аз ҷониби шарқӣ мустаҳкам намуд [172, с. 13].

Бо ин ҳол, раванди музокирот оид ба танзими сарҳадӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой, ки дар Ҳайатҳои муштараки Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Федератсияи Россия дар соли 1993 ва то октябри соли 1997 дар шакли дуҷониба давомдошта дар моҳи майи соли 2002 ба анҷом расиданд [97, с. 12].

Танзими “қитъаи номувофиқашуда”-и охирин, миёни Тоҷикистон ва Хитой дар минтақаи Помири Бузург, амали анҷомшуда дар ҳалли нофаҳмии сарҳадӣ, ки тули 200 сол миёни Империяҳои Россия ва Хитой, ИҶШС ва Хитой, Тоҷикистон ва Хитой буданд ҳисоб меёфт. Хати ҳозираи гузариши сарҳади давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой, ба таври ҳуқуқӣ дар асоси Созишномаи иловагӣ аз соли 2002, ки аз ҷониби парлумонҳои ду кишвар ба тасвиб расидаанд, шакл гирифтааст [172, с. 14]. Корҳои аломатгузорӣ дар

сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Хитой тули панҷ сол, аз моҳи апрели соли 2005 то моҳи декабри соли 2009 идома ёфтанд. Дар ин муддат, тадқиқоти муштараки маҳал гузаронида шуда, корҳои саҳрои амалӣ гардиданд ва аломатҳои сарҳадӣ гузошта шуданд. Дар натиҷа, соли 2009 корҳои иҷрошуда ҷамъбаст гардида, ҳуҷҷатҳои асосӣ оид ба аломатгузории сарҳад қайд гардида, барои баррасӣ, банду баст, имзо ва тасдиқ пешниҳод гардиданд.

4 июли соли 2000 дар чаҳорчӯбаи сафари Раиси Хитой ба Тоҷикистон музокироти Эмомалӣ Раҳмон ва Тзян Тзэмин дар доираи маҳдуд ва музокироти ҳайатҳо дар шакли васеъ бо иштироки роҳбарони давлатҳо сурат гирифт [142, с. 92].

Президентҳои ду кишвар дар раванди музокирот қаноатмандии худро оид ба рушди бомуваффақи муносибатҳои дуҷонибаи байнидавалтӣ ва сатҳи бадастомадаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногун изҳор намуданд.

Дар соли 2002 барои таҳкими муносибатҳои байнидавлатии дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Хитой корҳои зиёде анҷом шуданд. Меъёрҳои асосӣ ва авлавиятҳои муносибатҳои дуҷониба коркард гардида, асоси мустаҳками ҳуқуқӣ барои рушди онҳо фароҳам оварда шуд. Ба ифтихори 10- солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соли 2002 масъалаи сарҳадӣ миёни кишварҳои ҳамсоя ҳал гардид.

Сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Хитой дар моҳи майи соли 2002 дурнамои васеи ҳамкориҳои мутақобила миёни кишварҳоро кушод [101, с. 652]. 10- соли истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой ба он оварда расонид, ки аз моҳи декабри соли 2002 дар Помири Шарқӣ ҳифзи қитъаи 509 киллометраи сарҳади Мурғоб ба тобеияти сарҳадчиёни тоҷик ворид гардид [12].

Солҳои 2003-2004 яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ пешниҳоди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Хитой буд. Дар ин муддат якчанд

вохӯриҳо ва музокирот дар сатҳи Президентҳо ва Ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой баргузор гардид.

Тавре сиёсатшиноси тоҷик Р. Олимов қайд менамояд: «Ҳолати калидӣ дар рушди заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии равобити байнидавлатии ҳар як кишвар таҷдид ва мутобиқсозии онҳо ба ҳаёти воқеии иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайраҳо мебошад. Бо ибораи дигар, моддаҳои аҳднома натанҳо таҷрибаи мавҷударо ҷамъбаст менамояд, балки ба рушди ояндаи амсилаи муносибатҳо равона гардад.

Соли 2007 муносибатҳои тоҷикӣ-хитойӣ бо барқияи табрикотии сарони ду кишвар ба муносибати 15-умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни давлатҳо оғоз гардида, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари навбатӣ ба Хитой ташриф овард. Сафар аз он ҷиҳат ҷолиби диққат буд, ки он аз тамоми дигар сафарҳо бо барномаи пурмазмун ва афзалияти бахшҳои иқтисодӣ ба ҳисоб мерафт, ки нишондиҳандаи вохӯриҳои сершумор бо гурӯҳҳои кории Хитой, ки дар бозорҳои тоҷикӣ манфиатдоранд [191, с. 150].

Ҳангоми вохӯрӣ бо раиси Кумитаи доимии маҷлиси Умумихитойӣ намояндаи халқӣ У. Банго ҷонибҳо ҳавасмадии худро оид ба таҳкими ҳамкориҳои минбаъда, инчунин қаноатмандии хешро аз сатҳи алоқаҳои мутақобила иброз намуда, қарорҳои қабулгардидаро дар самти ҳамкориҳои сарҳадӣ бомуваффақ арзёбӣ ва Аҳднома оид ба ҳамсоягии нек, дӯстӣ, ва ҳамкорӣ, ташаккури заминаи боэътимоди меъёрӣ-ҳуқуқии бисёрсамта, коркарди нигоҳи ягона ба саҳми якҷоя дар ташаккули сулҳофарии одилона дар асри XXI ва саҳми якҷоя дар мубориза ба муқобили терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизмро тазаккур доданд [232, с. 1].

15 январи соли 2007 дар Пекин Раиси Хитой Ху Тзинтао ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Аҳднома оид ба ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Хитой ва Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Ин ҳуҷҷати сиёсии бунёдӣ, натиҷаи 15- солагии ҳамкориҳои дуҷонибаро миёни ду

кишвари ҳамсоя ва ташаккули натиҷаҳои воқеии сиёсӣ дар зарфи понздаҳ соли заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафт [80, с. 156].

Аҳдномаи мазкур аз 18 мода иборат буда, дар асоси он Тоҷикистон ва Хитой дар асоси бисёрҷониба муносибатҳои ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкориро миёни ду давлат рушд ва таҳким мебахшанд. Кишварҳо қатъиян муқаррароти ҳамаи созишнома ва ҳуҷҷатҳои байнидавлатиро оид ба сарҳади давлатии тоҷикӣ-хитойӣ риоя менамояд. Тоҷикистон ва Хитой ба кишвари сеюм иҷозат намедиҳанд, ки ҳудуди онҳо манофеи якдигар, истиқлолияти давлатӣ, амният ва тамомияти арзии онҳоро халалдор созанд [97, с. 677].

Бо имзои ин Аҳднома марҳалаи нави ҳамкории кишварҳо оғоз гардид. 27 августи соли 2008 аввалин сафари давлатии раиси Хитой Ху Тзинтао ба Тоҷикистон сурат гирифт, ки дар раванди он вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ гардид. Ҷонибҳо қаноатмандии худро аз сатҳи баланди ҳамкориҳо натиҷаҳои бадастомадаи ҳамкориҳои сохторҳои мудофиавии ду кишвар, инчунин рушди тиҷорат иброз намуданд [191, с. 151].

Ҳуҷҷатҳои қаблан баимзорасида ба рушди мусбии ҳамкориҳо мусоидат намуда, ташаккули заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии миёни кишварҳо муҷиби ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрсамта, муассир ва мутақобилан судманд гардидаанд [251].

Ҳодисаи муҳим дар муносибатҳои дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Хитой таъсиси зеркомиссияи «Тоҷикистон-Навоҳии мухтори Синсзян Уйғур (НМСУ)», ки ба ҳамоҳангии ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Синзян боис гардид, дар тиҷорати хориҷии дуҷониба саҳми бузург гузошт. Аҳамияти зиёдро дар таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии ду кишвар сафари кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Синзян бо даъвати Раиси Хитой дар моҳи июни соли 2010 соҳиб мебошад [82, с.  18].

Дар соли 2012 Тоҷикистон ва Хитой 20-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатиро миёни кишварҳо таҷлил намуданд. Ин марҳала

нишон дод, ки ҷиҳати консептуалии ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ санҷидашуда ва асоснок буданд. Бешубҳа, новобаста аз он, ки дар давраи начандон дарози таърихӣ имкони пурра маънидод ва баҳогузории муносибати кишварҳо имкон надорад, аммо мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой тавонистанд заминаи бунёдӣ барои рушди муносибатҳо дар давраҳои минбаъда гардад.

Дар моҳи феврали соли 2013 дар конфронси «Муносибатҳои тоҷикӣ-хитойӣ: таърих, имрӯз ва дурнамо», дар шакли изҳоротӣ возеҳ гардид, ки умқ ва миқёси ҳамкориҳо миёни кишварҳо асос бар он мегардад, ки онро стратегӣ номем [86 с. 49]. Баъд аз се моҳ дар рафти сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Хитой, дар сатҳи сиёсӣ хислати стратегии шарикӣ миёни ду кишвари ҳамсояро тасдиқ намуд.

Бо ин шакл натанҳо ҳамкории босамари Хитой ва Тоҷикистон ҷамъбаст гардид, балки дурнамои рушди муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ таъкид карда шуд. Бо ин ҳол бояд дар назар дошт, ки ҳамкориҳои стратегии Хитой ва Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои усулӣ ташаккул наёфта, балки хатарҳои воқеӣ, таҳлили лоиҳаҳои амалигардида дар ҳоли ҳозир, ба дурнамои он бо фарогирии манофеи мутақобилаи халқҳо равона шудааст.

Бо эълони шарикии стратегӣ, ҷонибҳо изҳор доштанд, ки Тоҷикистон ва Хитой ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои зич дар фазои боварӣ аҳамият медиҳанд, ки дар он ҳамаҷониба ва хусусияти мураккаби низомнокии муносибатҳои онҳо бартарӣ хоҳад дошт. Ҷанбаи марказии ин низом манфиати тарафайн бо иҷрои барномаҳои васеи, сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, ҳамкориҳо ва соҳаи амният, муқобилият бо терроризм ҷудоихоҳӣ, ифротгароии динӣ ва дигар навъи хатар ва таҳдидҳои муосир ба ҳисоб меравад, ки натанҳо амнияти кишвари мо, балки дар маҷмуъ минтақаро халалдор месозад [207, с. 7].

Дар моҳи майи соли 2013 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафар ба Хитой ташриф овард. Махсусияти сафари мазкур натанҳо ба умқи ҳамкориҳои дуҷониба, балки шиносоии шахсии роҳбари тоҷикон бо роҳбари нав- Раиси Хитой, Котиби генералии КМ ҲКХ Си Ҷинпин ва дигар роҳбарон ба ҳисоб мерафт [82, с. 85]. Дар соли 2014 Раиси Хитой Си Ҷинпин бо сафари давлатӣ ба Тоҷикистон ташриф овард [267].

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 19 майи соли 2014 дар шаҳри Шанхай бо Роҳбари Хитой Си Ҷинпин вохӯрӣ намуд. Дар рафти вохӯрӣ ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳо баррасӣ гардиданд. Роҳбари давлати тоҷикон «дар сатҳи олии сиёсӣ гузаронидани вохӯриҳоро миёни ду кишвар дар 12 моҳ рамзи муносибати дӯстӣ, суръат гирифтани рушди алоқаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои самаранок» қайд намуд. Раиси Хитой Си Ҷинпин, Тоҷикистонро «ҳамсояи нек, дӯсти хуб ва шарики стратегии боэътимод» номида, қаноатмандии худро аз рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталиф иброз дошт [219, с. 1].

Тоҷикистон ва Хитой қабули Аҳднома дар бораи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкориро миёни Тоҷикистон ва Хитой аз 15 январи соли 2007 ва Изҳороти муштараки Тоҷикистон ва Хитойро оид ба истиқрори муносибатҳои шарики стратегӣ аз 20 майи соли 2013, инчунин меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқиро бо мақсади тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, татбиқи маҷмӯии меъёрҳои дарозмуддат Протоколи ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Хитойро барои давраи солҳои 2015-2020-ро қабул намуданд.

Дар асоси Барномаи мазкур Тоҷикистон ва Хитой ба мувофиқа омаданд, ки ҳамкориҳо дар соҳаҳои: сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, навоварӣ, саноат, хоҷагии қишлоқ, ҳарбӣ ва амният, нақлиёт ва гумрук, соҳаи гуманитарӣ барои солҳои 2015-2020 рушд медиҳанд [36].

Дар заминаи ҳамкориҳои гуманитарӣ бояд тазаккур дод, ки Хитой кумакҳои мунтазами худро ба Тоҷикистон равона месозад.

Дар соли 2020 тибқи иттилои мақомотҳои омории ҷумҳурӣ, Тоҷикистон аз ҷониби Хитой дар ҳаҷми тақрибан $56 млн, ёрии башардӯстона қабул намудааст.

Ҳоло Хитой аз ҳисоби ворид намудани сармоя ба иқтисоди Тоҷикистон мавқеи садрнишинро ишғол менамояд, дар ҳоле, ки ворид гардидани сармоя ба иқтисоди Тоҷикистон аз соли 2008 оғоз гардида буд ва дар он давра сармояе, ки аз Россия ворид мегардид аллакай $920 млн-ро дар бар мегирифт. Ба Хитой муяссар гардид, ки дар даҳ соли охир ба иқтисоди Тоҷикистон тақрибан $1,4 млрд, ворид намояд, дар ҳоле, ки ин таносуб нисбат ба Россия ба $1 млрд., баробар аст [36].

Барои мисол, агар боло рафтани нақши Хитойиро дар маҷмуъ нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ муайян намоем ва онро бо қудрати дигари минтақавӣ, яъне Россия муқоиса намоем, Хитой ва Россия ба сифати шарикони стратегии кишвар ба ҳисоб меравaнд ва дар соли 2018 табодули мол миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Хитой то ба 20,2%, яъне $28,4 млрд, расид, ки ин таносуб нисбат ба Россия ба 11,7%, ё худ то $25,9 млрд., баробар гардид [36].

Хитой то моҳи майи соли 2020 тавассути гузаргоҳи "Кулма Қаросу" ҷиҳати мубориза бо COVID-19 6,594 тонна дар ҳаҷми $479,6 ҳаз., кумаки башардӯстона пешниҳод намуд. Кумак дар шакли 17 дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, 48,2 ҳаз., ниқобҳои муҳофизатии тиббӣ, 396,8 ҳаз., ниқобҳои муваққатии тиббӣ, 47 ҳаз., ниқобҳои муҳофизатии ҷарроҳӣ, 4 ҳаз., ниқобҳои шаҳрвандӣ, 11750 либосҳои тиббии муҳофизатӣ, 20,6 ҳаз., ҷуфт дастпушакҳо, 11 ҳаз, айнакҳои муҳофизатӣ ва 900 ҳароратсанҷ, 5 ҳаз ниқобҳои шишагини муҳофизатӣ расонида шуд. Қисме аз кумакҳои башардӯстона аз ҷониби бародаршаҳрҳои Душанбе – Синдао ва Сямин расонида шуданд.

Бояд зикр намуд, ки *давраи аввали* ирсоли кумакҳои башардӯстона аз 2000 маҷмӯаи реактивҳо барои муайян кардани кислотаҳои нуклеинии

коронавируси COVID-19, либоси муҳофизати тиббӣ ва дигар маводи зарурӣ иборат буд, ки рӯзи 30 март ба ҷумҳурӣ ворид карда шуданд.

*Даври дуюм,* кумакҳои башардӯстона, ки ҳукумати Хитой ба ҷониби Тоҷикистон пешниҳод намуд, аз 50 000 адад бастаи ташхисӣ, 30 000 либосҳои махсуси муҳофизати тиббӣ, 30 000 ниқоби тиббии N95, 150 000 ниқоби ҷарроҳӣ, 50 000 ҷуфт дастпӯшакҳои тиббӣ, 30 ҳазор адад шишаи тиббӣ ва дастгоҳҳои гармидиҳӣ. Қисмати аввали бахши дуввуми кумакҳо (50 ҳазор системаи озмоишӣ) рӯзи 6 май дар гузаргоҳи марзии Кулма-Қаросу дар марзи Хитойу Тоҷикистон супурда шуд.

*Давраи сеюми* кумакҳои башардӯстонаи ҳукумати Хитой ба Тоҷикистон ҷиҳати мубориза бо корроновирус моҳи июни соли 2020 сурат гирифт, ки дар натиҷа ба Тоҷикистон 50 ҳазор системаи тестӣ барои ташхиси коронавирус, COVID-19, 2 ҳазор либосҳои муҳофизати тиббӣ, 5 ҳазор дона ниқобҳои тиббии N95 ва 500 000 дона ниқобҳои тиббии ҷарроҳӣ, ки вазни умумии кӯмакҳо 9,4 тоннаро ташкил медод ворид гардиданд.

Дар ин замина 16 июни соли 2020 суҳбати телефонии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Хитой Си Ҷинпин сурат гирифта, зимни он оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарафайн қарор гирифт.

Дар ин росто ба тамоюлҳои нигаронкунандаи афзоиши зуҳуроти бӯҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ дар пасманзари паҳншавии пандемияи коронавирус таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Мавзӯи баҳс инчунин чораҳои амалии давлатҳо оид ба мубориза бо COVID -19 ва коҳиш додани таъсири манфии пандемия ба низоми иқтисоди миллӣ ва тандурустии ҷонибҳо буд.

Мавзӯи дигари суҳбат таҳкими ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, пеш аз ҳама СММ, СҲШ ва МҲТБО ба ҳисоб мерафт.

Аз соли 2015 то 2017 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Хитой Си Ҷинпин якчанд маротиба бо ҳам дар шаҳрҳои Душанбе ва

Хитой вохӯрданд. Ҳар яке аз ин вохӯриҳо ба таҳким ва рушди муносибатҳои тоҷикӣ-хитойӣ таҳрики тоза бахшиданд.

Дар натиҷаи музокирот дар сатҳи олӣ 2 сентябри соли 2015 дар Пекин 3 ҳуҷҷати муҳими ҳамкорӣ қабул гардид: Ёддошт миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Хитой оид ба коркарди барномаи ҳамкории Чорчӯбӣ;

Созишнома миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Хитой оид ба ҳамкориҳои соҳаҳои техникӣ-иқтисодӣ;

Барномаи табодули фарҳангӣ миёни Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии мардуми Хитой [219, с. 1].

Дар соли 2017 Тоҷикистон ва Хитой 25 солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни кишварҳои ҳамсояро таҷлил намуданд. Дар 25- соли муносибатҳои байнидавлатӣ Тоҷикистон ва Хитой якчанд марҳалаҳоро аз сар гузаронида, ба сатҳи муносибатҳои шарикии стратегӣ расиданд.

Ба хотири 25- солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Хитой Си Ҷинпин барқияи шодбошӣ фиристод, ки дар он гуфта мешуд: «Мухтарам ҷаноби Раис, 4 январи соли 2017 аз рӯзи оғози робитаҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой бисту панҷ сол пур мешавад. Дар иртибот ба ин марҳалаи муҳим дар таърихи муосири муносиботи байни кишварҳоямон бо камоли майл ба Шумо табрикоти самимӣ ва таманниёти неки хешро ирсол медорам».

Дар маҷмуъ, таҳлили муносибатҳои халқҳои тоҷику хитойӣ дар давраи таҳқиқшаванда нишон медиҳад, ки:

**Аввал,** баъди оне, ки 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон аз истиқлолияти худ эълон дошт, Хитой яке аз аввалин кишварҳое буд, ки 4 январи соли 1992 бо Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд;

**Дуюм,** дар солҳои аввали истиқлолият барои ҳамкориҳои комил миёни Тоҷикистон ва Хитой масъалаҳои ҳалнашудаи сарҳади давлатӣ вуҷуд дошт, ки бо талоши якҷоя онро соли 2002 ҳал намуданд;

**Сеюм,** муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Хитой намунаи олии муносибат ва ҳамкориҳои бомуваффақи қудрати ҷаҳонӣ бо ҳамсояҳои худ мебошанд. Онҳоро дараҷаи хеле баланди боварӣ ба ҳамдигар, ба ҳам мувофик будани муносибатҳои консептуалӣ оид ба доираи васеи масъалаҳои байналмилалӣ, эҳтироми гуногунии фарҳангҳо ва майли инкишофи якҷоя мустаҳкам мекунанд;

**Чорум,** бо итминон метавон гуфт, ки муносибатҳои Тоҷикистону Хитой имрӯз давраи гулгулшукуфии худро аз сар мегузаронанд. Бешубҳа, онҳо иқтидори бузурги афзоиш ва пешомадҳои хеле хуб доранд.

**Панҷум,** муносибатҳои дӯстона миёни Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Хитой Си Ҷинпин ба таҳкими ҳамкориҳо миёни ду кишвари ҳамсоя мусоидат менамоянд.

Ҳамин тавр, шарикии стратегӣ ҳамчун сатҳи муносибат байни кишварҳо, дараҷаи баланди якдигарфаҳмӣ, мувофиқати комили мавқеъ ва набудани ихтилоф байни якдигар буда, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Хитой дар замони муосир дар сатҳи олӣ қарор доранд, ҳамасола саҳифаи тозае дар муносибатҳои дипломатии ин ду кишвар боз мешвад, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои мутақобила мебошад.

# БОБИ II. ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТӢ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ

## 2.1. Вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой дар охири асри XX ва оғози асри XXI

Тоҷикистон дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ дар самти иқтисодӣ яке аз ҷумҳуриҳои қафомондаи иттифоқӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин марҳала корхонаҳо ва соҳаҳое, ки рушди саноат ва кишоварзии ҷумҳуриро муайян менамуданд, аз қабили гидроэнергетика, мошинсозӣ, маъданҳои куҳӣ, корхонаҳои химиявӣ, комбинатҳои нассоҷӣ, бахши аграрӣ, роҳҳои оҳан, дар маҷмуъ тамоми инфрасохтори истеҳсолӣ аз буҷаи умумииттифоқӣ маблағгузорӣ мешуданд [101, с. 488].

Дар Тоҷикистон аз оғози солҳои 90-уми асри гузашта таҳаввулоти иқтисодӣ оғоз гаштанд, ки ба ташаккули иқтисоди бозоргонӣ дар кишвар мусоидат намуданд. Хусусигардонии моликияти давлатӣ оғоз шуда, нархҳои дохилӣ, савдои хориҷӣ ва амалиётҳои асъорӣ озод гардиданд. Дар натиҷаи ин чорабиниҳо дар ҷумҳурӣ асосан заминаҳо барои рушди минбаъдаи иқтисоди кишвар бунёд гардиданд.

Фурупошии ИҶШС ва кандашавии алоқаҳои хоҷагидорӣ байни собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба шиддати масъалаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуд. Ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ҳаёти даҳҳо ҳазор одамонро рабуд, балки зарбаи ҷиддӣ ба иқтисод, иқтидори кадрӣ, инфрасохтор зад. Он ба рафтиислоҳоти иқтисоди таъсири манфӣ расонид [105, с. 112]. Ҳамзамон зарари умумии иқтисодӣ назаррас мебошад – зиёда аз 7 млрд. доллари ИМА, ба хусус вақте ки онро бо ҳаҷми ММД-и ҳозира ё даромадҳои давлатии буҷети кишвар муқоиса намоем [115, с. 12].

Агар дар бораи вазъи иқтисодӣ дар солҳои 1991-1996 сухан гуем, пас он ниҳоят мураккаб буд. Соли 1996 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз сатҳи соли 1990 танҳо 40%-ро ташкил дод. Дар муқоиса бо солҳи пешин суръати коҳиш дар солҳои 1992 – 22,3%, 1993 – 16,3%, 1994 – 21,3%, 1995 – 22,4 % ва

соли 1996 – 16,7 %-ро ташкил дод. Чунин ҳолат дар соҳаҳои дигари иқтисод ҷоий дошт [105, с. 112].

Даромади миллӣ соли 1991 дар муқоиса бо соли 1990 ба 8,7 фоиз кам гардид. Тақрибан ба 9 фоиз фиристодани молҳо бо нақлиёти истифодаи умумӣ коҳиш ёфт. Истеҳсоли молҳои истеҳсолӣ ба 10,8 фоиз коҳиш ёфт. Дар ҳама самт бинобар норасоии ашёи хом коркарди маҳсулоти гӯштию ширӣ, маҳсулоти ҳасиб ва консерва кам гардид. Сатҳи зиндагии аҳолӣ поён рафт [119, с. 647].

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) коҳиши иқтисоди ҷумҳури ба тақрибан 70% -и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз соли сатҳи 1990 расид [116, с. 81].

Ҳамаи ин дар бораи он мегӯяд, ки иқтисоди Тоҷикистон баъди эъломи истиқлолият ва соҳибихтиёрии он ба марҳалаи нави сифатӣ ва ҳамзамон мураккабие рушди худ ворид гардид. Барои қатъиян беҳтар намудани нишондодҳои самаранокии иқтисодӣ талошҳои зиёд дар мукаммал намудани ташкили истеҳсол ва суръати назарраси пешрафти илмӣ-техникиро тақозо менамуд. Барои ҳалли ин вазифаҳо баланд бардоштани тахассуси касбии кормандон, соҳибкорон ва ҳамаи роҳбарон зарур буд.

Ба мақсади баромадан аз буҳрони иқтисодӣ дар солҳои аввали истиқлолият барномаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон тасдик гардид. Мақсад ва вазифаи барномаи мазкур бунёди давлати демократӣ, мустақил ва пешрафтаи иқтисодӣ буд, ки ба озодии иқтисодии шаҳрвандон, кушода будан барои ҳамгироӣ дар ҷомеаи иқтисодии ҷаҳонӣ асос меёфт [119, с. 589].

Барномаи ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон аз се марҳала иборат буд. Марҳалаи якум соли 1992, марҳалаи дуюм соли 1993, марҳалаи сеюм солҳои 1994-1995 –ро дар бар мегирифт. Вале бесуботии сиёсӣ ва шиддати муқовимати қувваҳои сиёсӣ дар кишвар ба рафти татбиқи барнома монеа мешуданд.

Ба ақидаи К.Н.Қаюмов: «Ислоҳоти иқтисодӣ бинобар омилҳои зерин натиҷаи дилхоҳ надоданд:

Якум, дар таърихи муосир намунае нест, ки дар баробари фурупошии давлати бузург ба зиёда аз даҳ кишвар, ҷанги шаҳрвандӣ, ивази моликият, пурра даст кашидан аз идеологияи ҳукмрон ва низоми мавҷудаи иқтисодӣ, ислоҳот, ба хусус барои чунин кишвари хурд, ба мисли Тоҷикистон бе таъсир гузарад;

Дуюм, таҳаввулоти бозоргонӣ дар шароити буҳрони амиқ ва муназзами миқёсӣ амалӣ мешуданд;

Сеюм, то лаҳзаи эъломи истиқлолият, Тоҷикистон, ба мисли кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ барномаии мушаххаси илман асосноки тағйироти иқтисодӣ надошт;

Чорум, ташаккули тағйироти бозоргонӣ аз рӯйи усули ба истилоҳ «табобати садамавӣ», бе назардошти вазъи иқтисодии кишвар, сохтори иқтисоди он, таърих, ҳувияти мардум камбудиҳои зиёд ва падидаҳои манфӣ дошт» [105, с. 316].

Новобаста аз вазъи мураккаби истисноии сиёсӣ ва иқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон талошҳои ҷиддӣ барои амалишавии як қатор ислоҳоти муҳим амалӣ шуданд. Пешрафти нисбатан назаррас дар соҳаи озоднамоии нархҳо, савдои хориҷӣ ва қурби асъор ба даст омаданд.

Дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистону барои баланд бардоштани иқтисоди ва таъмини рушди устувори он сармоягузориҳо зарур буданд. Барои ҷалби сармоягузориҳо ба давлати ҷавони мо дар навбати аввал ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшидан лозим буд.

Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар коҳиши нишондодҳои иқтисоди миллӣ боздошта шуд. Минбаъд ба Ҳукумат муяссар гардид, ки сол то сол вазъиятро ба эътидол оварда аз соли 2000 рушди тадриҷии иқтисоди миллиро оғоз намуд. Дар соли гузашта ҳаҷми ММД дар муқоиса бо соли 1997 2,6 баробар боло рафта, сатҳи миёнаи

солонаи он 7,1 фоизро ташкил дод. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 2,5 баробар, маҳсулоти кишоварзӣ 2,8 баробар, ҳаҷми гардиши чаканаи тиҷоратӣ 3,2 баробар, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 7,8 баробар, ҳаҷми давлатии буҷет ба 75 баробар, ММД ба ҳар сари аҳолӣ 36,3 баробар ва даромадҳои пулакии аҳолӣ 38 баробар афзоиш ёфтанд» [65, с. 3].

Воқеан баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоити миллӣ дар кишвар дар соли 1997 иқтисоди миллӣ бо суръати баланд инкишоф меёбад. Созмонҳо ва ниҳодҳои байналхалқии молиявӣ маблағгузории калонмиқёсро ба иқтисоди ҷумҳурӣ оғоз намуданд. Муносибатҳои боэътимод байни Тоҷикистон ва созмонҳои байналхалқии молиявӣ барақарор гардиданд. Аз соли 1997 суръати баланди афзоиши иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ хислати босубот гирифт.

Тавре иқтисодддонҳои мо менависанд, афзоиши иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2000 110,8%, дар соли 2003 – 111,0%, дар соли 2004 – 110,6%-ро ташкил дод. Бо афзоиши нишондодҳои иқтисодӣ нишондоди ҳаёти аҳолӣ низ боло рафта сатҳи қашшоқӣ поён рафт [105, с. 118]. Ба ҳисоби миёна дар муддати солҳои 2000 то 2015 афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 7,7%. ро ташкил дод. Дар асл, ин болоравӣ бештар хислати барқароршавӣ – баъди фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ ва анҷоми ҷанги шаҳрвандиро дошт.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба низоми бозоргонӣ раванди маҳви тақрибан тамоми самтҳои афзоиши пасосаноатӣ ба назар мерасид. Минбаъд болоравии иқтисодро боз буҳрони иқтисодии солҳои 2007-2008, инчунин баъзе омилҳои дигари тартиботи дохилӣ боздоштанд. Новобаста аз ин, дар асоси натиҷаҳои соли 2015 имконияти таъмини афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 6% ба даст омад. Ин рақамҳо дар соли 2016 то 6,9% баланд рафтанд [202, с. 16]. Соли 2017 нишондоди макроиқтисодӣ дар сатҳи устувор қарор дошта, суръати воқеии афзоиши иқтисодӣ 7 фоизро ташкил дод, соли 2018 афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 7,3 фоизро ташкил дод [66, с. 41]. Новобаста аз таъсири

манфии пандемияи COVID-19 дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зиддибӯҳронӣ дар соли 2021 устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 9,2 фоизро ташкил дод, ки ишондиҳандаи баландтарин дар 17 соли охир ба ҳисоб меравад.

Таҳлили гузаронидаи ҳолати иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият аз он шаҳодат медиҳад, ки иқтисоди кишвар марҳалаи ниҳоят душворро паси сар намуд, вале тадриҷан бо шарофати татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ барқарор гардид. Аз соли 1997 иқтисоди кишвар афзоиши устуворро нишон медиҳад. Дар ин солҳои мураккаб Ҳукумати Тоҷикистон ҳадафи олии худро болоравии сатҳ ва сифати ҳаёти халқ эълон намуда, фаъолияти худро ба ҳалли масъалаҳои рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими иқтидори инсонӣ, мукаммал намудани низоми давлатии идора, густариши имкониятҳои содиротии кишвар, беҳдошти иқлими сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва беҳтар намудани ҳолати бозори меҳнат равона намуд, ки дар Стратегияи Миллии рушд пешбинӣ шуда буданд.

Дар ин ҷо гуфтани яканд сухан дар бораи Хитой ва ҳолати иқтисодии он бамаврид мебошад. Мекӯшем, то нишондодҳои иқтисодии Хитой дар охири асри XX ва оғози асри XXI таҳлил намоем.

Рушди иқтисоди Хитойи муосир бо эъломи ислоҳоти Дэн Сяопин дар соли 1978 оғоз мешавад. Онҳо дар мавқеъгирӣ ба истеҳсоли содиротӣ ва ҷалби оммавии сармоягузориҳо ифода меёфтанд. Барои афзоиши иқтисодӣ бояд бо тамоми ҷаҳон савдо намуд, аз ин рӯ узвият сараввал ба ГАТТ, минбаъд ба СУС барои Хитой вазифаи аввалин дараҷа гардид.

Бо шарофати ҳавасмандкунии содирот, талаботи дохилӣ ва бо такя ба «сиёсати фаоли молиявӣ» (дар маблағгузории калонмиқёси коғазҳои қимматнок ба мақсади сармоягузорӣ ва пешгирии афзоиши норасоии буҷет ифода меёфт), ба Хитой муяссар гардид ки ба болоравии динамикии иқтисод – зиёда аз 7% ҳамасола дастёб шавад. Тибқи маълумоти Раёсати давлатии омори Хитой, дар солҳои 1998-2001 ММД кишвар ба 33,9% дар баробари

афзоиши ҳамзамони даромадҳои буҷетӣ ба 89,2%, содирот ба 45,6%, воридот ба 71,1% афзоиш ёфт [129, с. 21].

Бо шарофати таъмини рушди динамикии ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсати кушода, суръати афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ҳамеша тақвият ёфта дар ҳисоби солона аллакай дар муддати солҳои зиёд на камтар аз 8-9%-ро ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин ба Хитой имконияти мустаҳкам намудани нақши худро дар бозори ҷаҳонӣ ба сифати яке аз бузургтарин истеҳсолкунанда ва содиркунандаи молҳои саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ фароҳам овард [199, с. 8].

Соли 1992 дар Хитой критерияҳои махсуси ададии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (ҳамагӣ 16) дар маҷмуи тавсифкунандаи сатҳи дастраси коркард «осудаҳолии миёна» коркард шуданд, ки соли 2000 расидан ба он асосан дар шаҳрҳо пурра ва дар деҳот ба 70 фоиз муяссар гардид [129, с. 24]. Дар маърӯзаи Сзян Сзэмин дар анҷуман боз як ғояи калидии Дэн Сяопин дар бораи се марҳалаи стратегии амалишавии азнавсозии кишвар (марҳалаи якум солҳои – 1980-ум, дуюм солҳои – 1990-ум, сеюм – нимаи аввали садсолаи кунунӣ) дастгирӣ гардида инкишоф ёфт.

Бо тартиби мушаххаснамоии тавсияҳои «меъмори ислоҳоти хитойӣ» Сзян Сзэмин 20 соли аввали асри XXI-ро «марҳалаи ногузири рушд дар амалишавии вазифаҳои стратегии азнавсозӣ» ва «марҳалаи ҳалкунандаи мукаммал намудани иқтисоди бозоргонии сотсиалистӣ ва густариши кушода будан ба ҷаҳони хориҷӣ» номид. Вазифаи марказии 20-сола дар соҳаи рушди иқтисодӣ афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилии Хитой ба 4 баробар то соли 2020 дар муқоиса бо соли 2000 ва тақвияти назарраси иқтидори маҷмуӣ ва рақобатпазирии байналмилалӣ кишвар дар ин замина муайян гардид [57, с. 24]. Тавре маълум, вазифаи мушобеҳи дар анҷумани XII ҲКХ соли 1982 гузошташуда муваффақона иҷро гардида, ММД-и он соли 2000 дар муқоиса бо соли 1980 ба 6,4 баробар ба ҷои дар ибтидо 4 баробар муайяншуда афзоиш ёфт [129, с. 25].

Воқеан Хитой тавонист муъҷизаи иқтисодиро амалӣ намояд, ислоҳоти иқтисодии Ҳукумати кишвар натиҷаҳои мусбат доданд.

Ғояи марказии консепсияи нави рушд – табдили шакл ва усулҳои афзоиши иқтисодӣ дар кишвар мебошад. Роҳбарияти Хитой аз зарурати тасҳеҳи на суръати баланди афзоиши худ ба худ, балки пайгириии якҷонибаи онҳо, дастёбӣ ба «ваҳдати суръатҳо, мукаммал намудани сохтор, баланд бардоштани сифат ва самаранокии» афзоиши иқтисодӣ буда, ҳамзамон «ҳавасмандкунии ҳамаҷониба, рушди ҳамоҳанг ва тӯлонии соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад» [222].

Табиист, ки аввалин натиҷаҳои амалии пешниҳоди «консепсияи илмии рушд» талошҳои Пекин дар нисбатан коҳиши суръати афзоиши иқтисодӣ зоҳир гаштанд.

Ҳукумати Хитой суръати афзоиши иқтисодиро то 7% дар соли 2004 дар муқоиса бо 9,1% дар соли 2003 кам намуд. Аввалин иқдомҳо даст кашидан аз сиёсати неокейсиании ҳавасмандгардонии афзоиши иқтисодӣ буд, ки дар солҳои 1998-2002 истифода мешуд. Ҳаҷми нашри коғазҳои қимматноки давлатӣ барои мақсадҳои сармоягузорӣ цели соли 2004 то 110 млрд. юан (13,3 млрд. долл.) кам карда шуд. Нишондоди ҳамасола дар солҳои 2000-2002 150 млрд. юан ва дар соли 2003 140 млрд. юан буда, раванди нашри коғазҳои қимматноки давлатӣ нисбатан дақиқ ва шаффоф гардид. Самти коҳиши норасоии буҷет то 2,5% ММД (дар соли 2003 он тақрибан 3% ММД-ро ташкил дод) расонида шуд [129, с. 37].

Возеҳ аст, ки «консепсияи нави рушд» Хитойиро ба «ҳамкории нисбатан васеъ ва сатҳи баланди байналхалқии техникӣ-иқтисодӣ ва рақобат», ба «баланд бардоштани сатҳи кушода будани иқтисоди хориҷӣ» мутобиқи вазъи нави равандҳои ҷаҳонишавӣ ва узвияти кишвар дар СУС водор менамояд [268, с. 209].

Воридшавӣ ба Созмони умумиҷаҳонии савдо нақши худро дар самараноки ангезаҳо ва тақвияти ҳаҷми савдои хориҷии Хитой гузошт.

Ба ақидаи коршиносон бо узвият ба СУС ҳаҷми савдои хориҷии Хитой то 1155 млрд. доллари ИМА боло рафт. Соли 2004 ин нишондод то 1422 млрд. долл. расида, соли 2005 он назар ба узвият ба СУС 2,8 баробар зиёд дар соли 2001 расида вобаста ба ин нишондод Хитой ба ҷои 3-юм дар ҷаҳон пас аз ИМА ва Олмон баромад [129 с. 51]. Бозсозии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи хитойӣ, ки аллакай аз солҳои 80-уми асри гузашта оғоз гардид, муваффақ буда натиҷаҳои мусбатро дар давраи кӯтоҳи таърихӣ инъикос намуд.

То соли 2011 ҳаҷми иқтисоди Хитой тақрибан ба 87% аз ҳаҷми умумии иқтисоди амрикоӣ расид. Ин маънои онро дошт, ки иқтисоди Хитой иқтисоди дуюми ҷаҳон гардид. Моҳи октябри соли 2014 Хазинаи байналхалқии асъор хабар дод, ки иқтисоди Хитой бо гузаштан аз иқтисоди амрикоӣ бузургтарин дар ҷаҳон гардид. Ин аллакай эътирофи он далел гардид, ки иқтисоди хитойӣ ба иқтисоди якуми ҷаҳон табдил ёфт [199, с. 8]. Хитойи мавзун пурра афзалияти хужро эҳсос намуд, аз ин рӯ аллакай он ба муҳофизи асосии СУС табдил гаштааст. Соли 2017 роҳбари Хитой Си Ҷинпин аввалин маротиба ба форуми Давос омада баромад намуд, ки моҳияти он ба даст кашидан аз сиёсати протексионизм ва бозгашт ба савдои озод асос меёфт. Ӯро метавон фаҳмид —рушди босуръати савдои Хитой ба даҳсолаи аввалини узвияти СУС рост омада аз соли 2011 коҳиши тадриҷии суръати он ба назар мерасад [267].

Соли 1988 ҳаҷми содироти хитойӣ 50,6 миллиарда долларро ташкил медод. Баъд аз 30 сол ин нишондод— 2,14 триллиона доллар буда, бо дарназардошти таваррум —33 баробар боло рафт. Соли 2001 ММД Хитой дар сатҳи 1,314 триллиона доллар- дар ҷои шашум баъди Фаронса ва пеш аз Италия қарор дошт. Соли 2009-ум Хитой аз Япония пеш гузашта ҷои дуюмро бо натиҷаи 5,069 триллион доллари ИМА касб намуд. Соли 2018-м Хитой аллакай 13,28 триллиона доллар— ду баробар зиёд назар ба иқтисоди сеюми ҷаҳонӣ МММД дошт. Аз нуқтаи назари истеҳсол Хитой аллакай тамоми ҷаҳонро ишғол намуд. Ба Хитой зиёда аз нисфи истеҳсоли ҷаҳонӣ дар даҳҳо

соҳаҳои воқеии бахши иқтисод рост меояд. Ба ғайр аз чунин соҳаҳои возеҳ, аз қабили истеҳсоли электроника, Хитой зиёда аз 60 фоизи сементро дар ҷаҳон, зиёда аз 60 фоиз пойафзол ва нисфи қобилияти борбардории киштиҳои навро истеҳсол менамояд [226, с. 36].

Дар Хитой аз амалияи ҷаҳонӣ гирифтани ҳадди ниҳоии афзалияти иқтисодиро омӯхтанд, ки барои онҳо тамоюлоти муфиди рушди алоқаҳои байналхалқии муосир, таҳлили ҷанбаҳои мусбат ва манфии онҳо барои кишвар омӯхта мешаванд. Дар ин радиф рушди низоми иқтисодии хитойӣ аз мувофиқи мақсад будани на танҳо омӯзиши дақиқи воқеиятҳои замон, роҳ надодан ба шитоб дар хулоса ва амал, аз ҳад нагузаштанро, балки ба назар гирифтани ҳамаи ҷанбаҳои муфид аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва дар баробари ин анҷоми ҳамаи имконпазир дар худи Хитойиро пешбинӣ менамояд.

Ба ақидаи сафири Хитой дар Тоҷикистон ҷаноби Юе Бин: «Дар панҷ соли охир аз соли 2014 то 2019 иқтисоди Хитой соҳиби рушди динамикӣ гардид. Ҳаҷми ММД аз 9,18 трлн. доллари ИМА то 12,25 трлн. доллари ИМА афзуда, болоравии солона 7,1%-ро ташкил дода саҳми он дар иқтисоди ҷаҳонӣ аз 11,4% то 15% афзоиш ёфтааст. Саҳми Хитой дар болоравии иқтисоди ҷаҳонӣ аз 30% гузашт. Даромадҳои молиявӣ аз 1,89 трлн. доллар то 2,56 трлн. доллар афзоиш ёфтанд. Дар шаҳру шаҳракҳо зиёда аз 66 млн. нафар бо кор таъмин гаштанд. Иқтидори истеҳсоли ғалладонагӣ ба 600 млн. тонна расид. Коэффитсиенти шаҳришавӣ 58,5%-ро ташкил дод. Сохтори иқтисодии Хитой доимо беҳтар мегардид. Ҳиссаи умумии соҳаи хизматрасонӣ дар ММД аз 45,3% то 51,6% боло рафт, ки неруи асосии ҳаракатдиҳандаи афзоиши иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Афзоиши миёнаи солонаи арзиши иловагӣ дар соҳаҳои баланди технологии коркарди саноат 11,7% -ро ташкил дод. Саҳми пешрафти илмӣ-техникӣ дар болоравии иқтисодӣ аз 52,2% то 57,5% афзоиш ёфт» [267].

Тавре коршиносон таъкид менамоянд, соли 2016 афзоиши иқтисоди хитойӣ тақрибан 6,7%-ро ташкил дод. Дар солҳои охир дар иқтисоди хитойӣ

«меъёри нав» ташаккул меёбад. Ҳарчанд суръати афзоиши иқтисоди миллӣ коҳиш меёбад, вале он ҳоло низ нисбатан баланд боқӣ мемонад. Намояндаи Комиссияи давлатӣ оид ба рушд ва ислоҳоти Хитой Сюй Шаоши изҳор дошт, ки ҳаҷми иқтисоди кишвар дар соли 2016 тақрибан ба 5 трлн. иен афзоиш ёфтааз 70 трлн. юан ($10,1 трлн) гузашт. Ӯ илова намуд, ки бо такя ба маълумоти Хазинаи байналхалқии асъор саҳми Хитой дар болоравии ММД – и ҷаҳонӣ 1,2 фоизро дар муқоиса бо 0,3 фоизи ИМА ташкил дод. Тибқи пешбинии Бонки умумиҷаҳонӣ болоравии иқтисод дар соли 2016 тақрибан 2,4% -ро ташкил хоҳад дод [41].

Соли 2017 ҳаҷми ММД-и Хитой 6,9%, даромадҳои аҳолӣ 7,3% афзоиш ёфтанд. Теъдоди аҳолии бо кор таъмингардида дар шаҳру шаҳракҳо 13,51 млн. нафар афзоиш ёфта, коэффитсиенти бекорӣ дар солҳои охир поин буд. Даромади корхонаҳои саноатӣ 21% афзоиш ёфта, даромадҳои молиявӣ 7,4% боло рафтанд. Савдои хориҷӣ 14,2% афзоиш ёфт. Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ 120 млрд. долларро ташкил дод. Ҳаҷми сармоягузориҳои амалан азхудкардаи хориҷӣ ба 136,3 млрд. доллар расид. Ҳаҷми захираҳои асъорӣ ба 3,1 трлн. доллар расида, айни замон Хитой ҷои якумро вобаста ба истеҳсоли саноатӣ, ҳаҷми савдои мол ва ҳаҷми захираҳои асъорӣ ишғол менамояд [267].

Боз як хусусияти хоси Хитойи муосир болоравии ҷаҳонии он ба шумор меравад. Амалан Хитой худро ҳарчи бештар на қудрати осиёии минтақавӣ, балки дар аксари маврид ҳамчун абарқударти ҷаҳонӣ эҳсос менамояд. Ин нақш ба таври возеҳ дар ташаббусҳои ҳукумати Хитой ифода меёбад. Яке аз чунин ташаббусҳо “Як камарбанд ва як роҳ” мебошад.

Соли 2013 Роҳбари Хитой Си Ҷинпин ташаббусро дар бораи сохтмони муштараки Камарбанди иқтисодии Роҳи бузурги абрешим ва Роҳи бузурги абрешими баҳрии асри XXI, яъне “Як камарбанд ва як роҳ”-пешниҳод намуд. Ташаббуси мазкур ба татбиқи афзалиятҳои мутақобила, рушди муштарак ва шукуфоӣ дар заминаи принсипи “ машварати муштарак, сохтмони муштарак ва истифодаи муштарак” ва тақвияти ҳамоҳангии стратегияҳои миллии рушд

бо кишварҳои қад қади Роҳи бузурги абрешим қароргирифта, ҷиҳати табдили “Як камарбанд ва як роҳ” ба роҳи сулҳ, шукуфоӣ, кушода будан, инноватсия ва тамаддун мебошад.

Тоҷикистон давлати муҳим дар масири “Як камарбанд – як роҳ” буда, аз он кишварҳоест, ки – аз аввалинҳо шуда – ибтикори мазкурро дастгирӣ намуд [146, с. 6].

Ташаббуси мазкур на танҳо боиси таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ тайи вақтҳои охир гардид, балки фаолона ба таври амалӣ татбиқ мегардад, ки шаҳодати он бунёди Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ (БОСИ) таҳти роҳбарии Хитой бо сармояи оинномавии 100 млрд. дол. ИМА ба шумор меравад. Ба ин бонк Тоҷикистон 13 январи соли 2015 ворид гардид. Қарори роҳбарияти хитойӣ дар бораи ҷудо кардани зиёда аз 40 млрд. дол. ба Покистон ва зиёда аз 50 млрд. дол. ба Бразилия ва дигар сармоягузориҳои бузург заминаи руҳбаландии кишварҳои ҳамҷавор мебошад. Инчунин бунёди Хазинаи СҲШ мавриди баррасӣ қарор дорад. Тибқи баъзе маълумотҳо барои амалишавии ташаббуси мазкур Хитой омода аст, то зиёда аз 1 трлн. дол. ИМА ҷудо намояд [196].

Дар муддати 5 сол “Як камарбанд ва як роҳ” дорои рушди динамикӣ дар соҳаҳои ҳамоҳангии сиёсӣ, вобастагии мутақобилаи инфрасохтор, савдои бемонеа, ҳаракати озоди сармоя ва наздикшавии мутақобилаи орзуҳои мардумон гардидааст.

Тайи солҳои 2014 - 2016, гардиши маҷмуии тиҷоратӣ байни Хитой ва кишварҳои қад қади Роҳи бузурги абрешим қароргирифта зиёда аз 3 трлн. доллар, ҳаҷми сармоягузориҳои хитойӣ ба иқтисоди ин кишварҳо зиёда аз 50 млрд. долларро ташкил дод. Корхонаҳои хитойӣ 56 минтақаи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодиро дар ҳудуди 20 кишварҳои ҷаҳон бунёд намуданд, ки ба ин кишварҳо даромадҳои андозиро ба маблағи 1,1 млрд. доллар ва зиёда аз 180 ҳазор ҷойҳои кориро фароҳам оварданд [267].

18 декабри соли 2018 ҳангоми ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба 40-солагии баргузории сиёсати ислоҳот ва кушода будан – инқилоби бузург, ки тақдири миллати хитойиро иваз намуда ба тамоми ҷаҳон таъсир расонид, Си Ҷинпин сиёсати ислоҳот ва кушода буданро «бедории бузурги» Хитой номид [225, с. 11].

Маҳз бо шарофати дастгирии мутамарказ ва ягонаи роҳбарияти ҳизб Хитой тавонист ба тағйиротҳои таърихӣ ноил гашта, ба давраи нави ислоҳот кушода будан расад, роҳи нави бедории бузурги миллати хитойиро оғоз намояд. Дар ин даҳсолаҳое, ки ислоҳоти иқтисодӣ ҷараён доштанд, Хитой бо масъалаҳои гуруснагӣ, қашшоқӣ ва маҳрумият, ки мардуми онро ҳазор сол азият медоданд, хайрухуш намуд.

Дар Хитой медонанд, масъалаҳои мавҷударо бодиққат меомӯзанд ва чораҳои заруриро барои ҳалли онҳо меанндешанд. Аз ҳама муҳим –он аст, ки роҳбарияти Хитой намехоҳад ислоҳотро қатъ намояд, ки маҳаки асосии он корхонаҳои давлатӣ ба шумор меравнанд.

Дар маҷмуъ, бо шарофати иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии худ, инчунин натиҷаҳои мусбат дар раванди модернизатсияи кишвар, Хитой намунаи татбиқи муваффақи ислоҳоти бозоргонӣ ба шумор меравад [83, с. 9].

Барои Хитой ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ самти стратегӣ ба шумор меравад. Аз миёнаи солҳои 1990-ум кишварҳои «афзалиятнок» барои Хитой возеҳ мегардад, ки аҳамияти калидиро дар рушди алоқаҳои сиёсӣ медиҳад. Яке аз чунин кишварҳои афзалиятнок Тоҷикистон гардид, ки бо Хитой сарҳади умумӣ дорад. Ҳамсоягӣ тавсифи муҳими вазъи геоиқтисодии кишвар ба шумор меравад [84, с. 76-77].

Баъди ҳодисаҳои баҳори соли 2005 (дар Бишкек ва Андиҷон тазоҳурот сар заданд) ҳокимияти хитойӣ шиддати дастгирии амалҳои ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро муфид донистанд, ки ба таъмини суботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун кафили суботи сиёсӣ дар ин кишварҳо баромад менамуд. Онҳо аз пешбинии оддӣ бармеомаданд: суботи сиёсӣ дар ҳудудҳои

ғарбӣ аз сарҳадҳои хитойӣ имкони таъмини субот сиёсиро ва амниятро дар минтақаҳои ғарбии Хитой фароҳам меорад.

Пекин фаолона ба раванди ҳалли мушкилоти зиёди кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳам дар заминаи дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯбаи СҲШ оғоз намуд. Бо сабабҳои гуногун роҳбарони кишварҳои минтақа нисбати пешниҳоди хитойӣ руҳбаландии зиёд нишон надоданд. Ҷумҳурии ягонае, ки дар минтақа ба пешниҳоди хитойӣ таваҷҷуҳ намуд, Тоҷикистон буд [206].

Тавре академик Т.Назаров таъкид менамояд: «Марҳалаи ибтидоии муносибатҳои иқтисодӣ байни Хитой ва Тоҷикистони мустақил бо ду мушкилӣ рӯ ба рӯ буд, ки мебоист зуд ҳал гардида, заминаи мустаҳкам барои таҳкими ҳамкории мутақобиларо бо соҳаҳои фаррохи ҳамкорӣ чӣ дар шакли дуҷониба, чӣ дар асоси бисёрҷониба фароҳам овардан лозим буд.

Сабаби якум, ки суръати ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии моро коҳиш медод, бешубҳа, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд, ки аз соли 1992 то соли 1997 идома дошт.

Сабаби дуюм – ҳал нашудани масъалаҳои сарҳадӣ ҳамчун мероси гузашта мебошад. Ҳам сабаби якум ва ҳам дуюм дар марҳалаи кутоҳи таърихӣ бартараф гардида, бад-ин васила уфуқҳои ҳамкории ҳозира ваояндаи Хитой ва Тоҷикистон кушода шуданд» [200, с. 9]. Ба ақидаи З. Саидов боз як монеа дар таҳкими алоқаҳои иқтисодӣ байни кишварҳо дар солҳои аввали истиқлолият асосан набудани роҳҳои бевоситаи алоқа буданд [142, с. 13].

Ба соли 1996 оғози истиқрори алоқаҳои бевоситаи иқтисодӣ ҳудудҳои сарҳадии Тоҷикистон ва Хитой рост меояд. Боздидҳои мутақобилаа ҳайати ВМКБ бо сарварии роҳбари вилоят А. Ниязмуҳаммедов ба Навоҳии мухтори Синзян-Уйғури Хитой ва ҳайат бо сарварии муовини роҳбари Ҳукумати ин музофоти Хитой Ли Дунхай ба Тоҷикистон бо мақсади роҳандозии ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ, дарёфти роҳҳои татбиқи лоиҳаи сохтмони шоҳроҳ тавассути ағбаи Кулма роҳандозӣ гаштанд. Бо шарофати чораҳои дипломатӣ

моҳи декабри соли 1996 созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Хитой дар бораи кушодани гузариши муваққатии тиҷоратии Кулма дар сарҳади ду кишвар ба имзо расид [101, с. 650].

Аз он вақт ҳамкории тоҷикӣ-хитойӣ дар самти тиҷоратӣ-иқтисодӣ ҳамасола инкишоф меёбад. Суръати гардиши тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Хитой аз ҳамаи пешбиниҳои мутахассисон зиёд гардид.

Таҳлили вазъи иқтисодии Тоҷикистон ва Хитой дар марҳалаи таҳқиқотӣ нишон доданд, ки:

1. Дар солҳои аввали истиқлолият иқтисоди Тоҷикистон дар ҳолати риққатовар буд, зарари фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ниҳоят бузург буданд;

2. Коҳиши иқтисоди Тоҷикистон аз соли 1991 то соли 1997 идома ёфта, танҳо аз соли 1997 болоравии иқтисоди кишвар ба назар мерасад. Зеро соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоити миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид;

3. Дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон таҳкими назарраси низоми молиявӣ ба даст омад. Суръати рушди иқтисодӣ ҳамасола ба назар мерасад. Ба ҳисоби миёна дар муддати солҳои 2000 – 2015 болоравии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 7,7% -ро ташкил дод;

4. Дар назди Тоҷикистон фаъолияти дурударози бартараф кардани тамоми мушкилоти мавҷуда истодаанд. Барои ин дар навбати аввал мебояд мутахассисони хубро омода намуд. Ҳоло аксар кишварҳои пешрафтаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дарк менамоянд, ки бе ҳалли омодагии сифатии мутахассисон рушди мукаммали иқтисод бо механизмҳои босуботи молиявӣ мушкил мебошад;

5. Дар солҳои ислоҳот дар Хитой тавонистанд, ки вазифаҳои муҳими якумдараҷа – қонеъ намудани талаботҳои асосии ҳаётан муҳими халқи хитойӣ, таъмини он бо хӯрока ва сару либос, афзоиши чоркаратаи иқтидори иқтисодии худро амалӣ намоянд;

6. Дар солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX Хитой бо роҳи пайгиронаи рушд равона буда, тадриҷан иқтисодро ба ҳолати афзоиши устувор бо ҳифзи тавозун байни субот, ислоҳот ва рушд ворид намуд. Ин ҳолат бо принсипи «бе субот ислоҳот нест, бе ислоҳот рушд нест» ҳамоҳанг буд;

7. Баъди ислоҳоти иқтисодӣ ба Хитой муяссар гардид, ки ба натиҷаҳои фавқуллода ноил гардад, суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД ба таври воқеӣ 8% -ро ташкил дод, ки ин ба Хитой имконияти табдил ба яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонро фароҳам овард;

8. Соли 2009 иқтисоди Хитой дар ҷаҳон ба ҷои дуюм баромада аз Япония пеш гузашт.

## 2.2. Сатҳи рушди ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой: самтҳои асосии он

Айни замон механизми самараноки алоқаҳои иқтисодии тоҷикӣ-хитойӣ ташаккул ёфтааст, ки пойгоҳи устувори аҳдномавӣ-ҳуқуқӣ доранд. Байни Тоҷикистон ва Хитой Созишнома дар бораи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ; Протокол дар бораи подастгирӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо; Протокол дар бораи нақлиёти автомобилӣ; Протокол дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сузишворӣ-энергетикӣ, Созишномаи қарзӣ байни Бонки амонатгузории давлатии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва Бонки амонатгузории давлатии рушди Хитой, (2007, 2013); Созишнома дар бораи савдои фаросарҳадӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расиданд.

Яке аз аввалин аснод Созишнома дар самти тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар рафти боздиди Эмомалӣ Раҳмон ба кишвари ҳамсоя 9 марти соли 1993 ба имзо расид [23].

Бояд таъкид намуд, ки муносибатҳо бо Хитой афзалияти на танҳо сиёсати хориҷии кишвари мо, балки яке аз шартҳои бунёдии рушди иқтисоди Тоҷикистон ба шумор меравад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ҷолибияти Хитой пеш аз ҳама бо имкониятҳои сармоягузории молиявии он муайян карда мешавад. Сониян, Хитой ҳеҷ гоҳ лоиҳаҳои мушаххаси иқтисодии аз ҷониби кишварҳои Осиёи Марказӣ пешниҳодшударо, ки ба дастгирии молиявии он ниёз доранд, рад намекунад. Дар ҳама гуна лоиҳа ҳамеша ҷанбаҳои ҷолиб, воқеӣ ё эҳтимолӣ мавҷуданд [206, с. 116].

Тавре академик Т.Назаров таъкид менамояд: «Мавқеи ҷуғрофӣ ва геополитикии Тоҷикистон, бумбаст ва дурии он аз гиреҳҳои байналхалқии нақлиётӣ, набудани чунин захираҳо, мисли нефт ва газ дар рушди самараноки иқтисод таъсири манфӣ мерасонанд. Азхудкунии захираҳои бойи гидроэнергетикии Тоҷикистон на танҳо ҳаҷми бузурги сармоягузориро тақозо месозад, балки инчунин мутаасифона, муқовимати минтақавиро эҷод менамояд. Аз ин рӯ мо ба раванди густариш ва таҳкими ҳамкорӣ бо ҳамсоя ва шарики бузургамон – Хитой аҳамияти зиёд дода онро меписандем» [200, с. 9].

Бояд таъкид намуд, ки муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар солҳои охир ба таври динамикӣ инкишоф меёбанд. Болоравии мутақобилаи гардиши тиҷоратӣ дар тӯли муносибатҳои дипломатӣ байни кишварҳо назаррас мебошад.

Дар марҳалаи таърихии муосир вазъи баамаломада асосан замони ташаккули Роҳи бузурги абрешимро ба хотир меоварад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёна баъди 200 соли маҳрумият аз лашкаршиҳои Искандари Мақдунӣ, ки “дар даст шамшер дошт”, ҳокимияти хориҷӣ ва ҷангҳо аз Шарқ фиристодаи император омад, ки «дар даст шоҳӣ дошта», ҳамаро ба савдои мутақобилан судманд даъват менамуд [109, с. 67].

7 сентябри соли 2013 дар роҳи иштирок дар саммити навбатии СҲШ дар Бишкек (Ҷумҳурии Қирғизистон) Роҳбари Хитой Си Ҷинпин дар «Донишгоҳи Назарбоев» (Остона, Ҷумҳурии Қазоқистон) дар мавзӯи «Инкишофи дӯстии мардумӣ, ба таври муштарак бунёдиояндаи нек»

ташаббус оид ба бунёди муштараки «камарбанди иқтисодии Роҳи бузурги абрешим» пешниҳод намуд [78, с. 237].

Бояд таъкид намуд, ки новобаста аз ҳама ҷангҳо савдо байни кишварҳо тавассути Роҳи бузурги абрешим қатъ нагаштааст. Имрӯз метавон гуфт, ки Роҳи бузурги абрешим бо шарофати талошҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Хитой эҳё мегардад. Зарурати лоиҳаи мазкурро ҳамаи кишварҳои минтақа дарк менамоянд.

Сарвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти ҳамаи ҷанбаҳо моҳи марти соли 1993 аввалин боздиди хориҷии худро маҳз аз Хитой ба амал овард. Аз нуқтаи назари сиёсӣ боздид муваффақ сурат гирифт. Роҳбарони хитойӣ Эмомалӣ Раҳмонро дар сатҳи баланд пешвоз гирифтанд.

9 марти соли 1993 роҳбарони Тоҷикистон ва Хитой дар Пекин Баёнияи муштаракро дар бораи принсипҳои ташаккули ҳамкории тоҷикӣ-хитойӣ ба имзо расониданд. Ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисод бошад, дар он давра ҷониби хитойӣ ба инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ на бо Тоҷикистон, на бо кишварҳои дигари минтақа дар он шакл ва ҳаҷми қонеъкунандаи ҷонибҳо шитоб намекард. Вазъи мавҷудаи ҳамкорӣ онро қаноатманд менамуд [206].

Ҳалқаи асосии ҳамкории тоҷикӣ-хитойии тиҷоратӣ-иқтисодӣ савдои дуҷониба ба шумор меравад. Табодули мол миёни Тоҷикистон ва Хитой аз ибтидои солҳои навадум рушд ёфта, соли 1992 ба $2,75 млн. соли 1993 ҳаҷми савдо байни Тоҷикистон ва Хитой 8,9 млн долларро ташкил медод [266]. Вале ин марҳалаи ибтидоӣ дар муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳои ҳамҷавор ба ҳисоб мерафт. Дар солҳои минбаъда болоравии босуръати нишондодҳои ҳаҷми савдо байни Тоҷикистон ва Хитой ба назар мерасанд.

Соли 2003 ҳаҷми савдо байни кишварҳо 38,8 млн. долларро ташкил дода, аллакай соли 2004 то 69, 9, млн доллар афзоиш ёфт. Нишондоди мазкур дар соли 2005 ба 157,9 млн доллар, соли 2006 то 323,8 млн. доллар, дар соли 2007 то 524 млн доллари ИМА баробар гардид [82, с. 127]. Аз соли 2007 то

соли 2011 гардиши тиҷоратӣ байни кишварҳои мо зиёда аз 8,4 баробар афзоиш ёфт. Ба ҳиссаи Хитой дар соли 2011 зиёда аз 20% содироти Тоҷикистон рост омад, ҳол он ки дар соли 2007 ин нишондод ҳамагӣ ба 5,7% баробар буд.

Аллакай дар соли 2012 ҳаҷми савдо байни Тоҷикистон ва Хитой ба 1,857 млрд долл. ИМА расид [203, с. 43]. Тибқи маълумоти хадамоти гумрукии Хитой, гардиши тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Хитой аз руи натиҷаҳои соли 2013 693,3 млн. долларро ташкил дода, аллакай дар соли ин нишодод 2014 бо афзоиши ба 28,5 фоиз дар муқоиса бо соли 2013-ум ба 765,5 млн. долл. баробар гашта, ҳамин тариқ, Хитой ба сегонаи аввали шарикони тиҷоратии Тоҷикистон дохил шуд [254].

Тибқи дигар манбаъҳои расмӣ соли 2013 гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Хитой $1,65 млрд., ташкил менамуд, ки ин дар таърихи ҳамкориҳои ду кишвар давраи нав ба ҳисоб мерафт. Дар пасманзари бухронҳои молиявӣ-иқтисодӣ чунин нишондод мусбӣ арзёбӣ мегардид. Маҳз солҳои 2012-2013 рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ иқтисодии Тоҷикистон бо Хитой суръати баландро касб менамоянд. Дар ин замина дар давраҳои гуногуни солҳои мазкур, аз ҷумла, иҷрои қарордодҳо бо Корпоратсияи миллии нафти Хитой (CNPC) дар бораи иктишоф ва истихроҷи муштараки конҳои карбогидрид дар Тоҷикистон оғоз шудааст. Корпоратсияи China Road and Bridge (CRBC) ба марҳалаи сеюми сохтмони шоҳроҳи Душанбе-Данғара, бахше аз шоҳроҳи байнулмилалӣ, ки Хитойиро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон мепайвандад, оғоз намудааст.

Бо иштироки ин ширкатҳо фаъолияти солонаи ағбаи Шаҳристон ба дарозии 5 километру 253 метр кушода шуд, ки масир тӯли роҳи ҷануби кишварро ба шимол 5 соат кӯтоҳ кардааст.

Гузаргоҳи Кулма-Қаросу тамоми сол ба кор шуруъ кард, ки то 60%-и гардиши савдои хориҷии Тоҷикистону Хитой тавассути он сурат мегирад. Дар соли 2013 ҷонибҳо бо пуштибонии ҳукумати Хитой ба бунёди пулу

нақбҳо дар роҳи оҳани Ёвон-Ваҳдат, инчунин соли 2012 бо ширкати миллии масолеҳи сохтмонии Хитой як қарордоди ҳамкорӣ имзо шуда буд, ки тибқи он то соли 2015 дар ҷануби Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ТАЛКО як корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори 3 миллион тонна дар сол бунёд мегардид.

Яке аз ширкатҳои машҳури хитойӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан, China Nonferrous Metal Mining Co.Ltd низ Тоҷикистонро ба сифати шарик интихоб карда, ба фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши металлургияи ранга шуруъ намуд. Сармоягузорони бузурги ин соҳа Zijin Mining Group ва China Global мебошанд.

Дар ин давра миёни Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон "Амонатбонк" ва Бонки давлатии рушди Хитой дар бораи маблағгузории бахши кишоварзӣ, омода кардани кадрҳо дар бахши молия ва бонкдорӣ ду созишнома ба имзо расида буд.

25 феврали соли 2013 гузаронидани конфронси муштараки илмию амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди нахустин мулоқоти Хитойу Тоҷикистон дар таърихи ҳамкориҳои дипломатии ду кишвар гардид.

Дар марҳалаи таҳқиқотӣ Тоҷикистон ва Хитой ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монда, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ миёни ду кишвар ба 150 ҳуҷҷати аз ҷониби ду кишвар дар тамоми соҳаҳои ҳамкориҳо баимзорасида баробар гардид.

Тибқи маълумоти Вазорати иқтисод ва савдои Тоҷикистон гардиши тиҷоратии тоҷикӣ-хитойӣ дар соли 2015 793,0 млн. долларро ташкил дода, соли 2016 тақрибан ба 12 фоиз афзоиш ёфта ба $885 млн доллари ИМА баробар гардид. Вале соли 2017 дар гардиши тиҷоратии Тоҷикистон-Хитой коҳиш ба назар мерасад.

Поён рафтани гардиши тиҷоратиро мутахассисон дар солҳои 2016-2017 инъикоси таъсири манфии раванди иқтисоди ҷаҳонӣ медонанд. Дар ин замина кишварҳо талош намуданд то соли 2020 нишондодҳои табодули тиҷортиро миёни кишварҳо ба 3 миллиард доллар мерасонанд [254]. Соли

2017 гардиши тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Хитой 591,6 млн. долларро ташкил дод, вале аллакай соли 2018 бо талошҳои ҳукумати ду кишвари ҳамсоя гардиши тиҷоратӣ байни кишварҳои ҳамҷавор ба 651,2 млн. доллари ИМА расонида шуд [25].

Соли 2019 нишондоди табодули тиҷорат миёни кишварҳо то ба $600 млн. баробар гардид. Вазъи нишондодҳои мазкур дар соли 2020 тақрибан 839,3 млн., доллари ИМА-ро дар бар мегирифт, ки аз он воридот ба Тоҷикистон 679,7 млн. долл ва нишондиҳандаҳои содирот аз кишвари мо ба Хитой ба 159,6, млн. долл. баробар буд, ки он дар маҷмуъ 13,1% ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистонро ташкил менамуд [25].

Аммо ба гуфтаи мушовири Идораи иқтисод ва савдои Сафорати Хитой дар Тоҷикистон, дар соли 2019 гардиши савдои хориҷӣ кишварҳо ба 1 миллиарду 670 миллион доллар, содироти Хитой ба Тоҷикистон 1 миллиарду 590 миллион доллар ва содирот аз Тоҷикистон ба Хитой 85 миллион долларро ташкил додааст [264, с. 18].

Дар соли 2019 Хитой ба Тоҷикистон $210 млн., сармоягузорӣ намудааст, ки ҳаҷми умумии он ба $2,398 млрд., баробар буд. Соли 2020 дар Тоҷикистон 400 корхонаи хитойӣ фаъолият менамуд, ки андозсупорандагон ва содиркунандагони асосӣ ба ҳисоб мераванд [264, с. 18].

Дар ҳамин ҳол, дар солҳои охир Хитой яке аз шарикони бузурги тиҷоратии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои ИДМ ва хориҷи дур ба шумор меравад [250, с. 145].

Хитой шарикии калидии иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳоли ҳозир Хитой ба иқтисоди мо зиёда аз 2,5 миллиард доллари амирикоӣ сармоягузорӣ намудааст, ки қисми зиёди он хислати мустақим дорад. Дар айни замон бо иштироки сармояи Хитой дар Тоҷикистон зиёда аз 350 ширкат фаъолият менамоянд [146, с. 11].

Фаъолияти иқтисодии Хитой дар Тоҷикистон, ки ҳоло ба яке аз сармоягузорони бузург табдил ёфтааст асосан ба самти беҳтар намудани

зерсохтори нақлиётӣ ва энергетикии ду кишвар равона гардидааст. Инчунин ҳамкории кишварҳо дар самти истеҳсоли семент, саноати коркард ва хоҷагии қишлоқ ба роҳ монда шуда. Аз тарафи дигар бо амалӣ гардидани лоиҳаи "Камарбанд ва роҳ" дар Осиёи Марказӣ қарзи кишварҳои минтақа аз Хитой меафзояд, ки ин бештар дар Қирғизистон ва Тоҷикистон ба назар мерасад, ки қарзи ҳардуи кишвар танҳо аз Бонки воридотӣ-содиротии Хитой (Эксимбанк) 40 % қарзи давлатӣ ва ё худ (1,8 миллиард ва 1,2 миллиардро дар бар мегиранд (Туркманистон -16,9 %, Ӯзбекистон-16 % ва Қазоқистон - 6,5 %-и ММД.) [146, с. 11].

Аён аст, ки дар шароити таназзули иқтисодии ҷаҳонӣ, ки бар асари паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID – 19) ба вуҷуд омадааст, мушкилоти қарзи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ метавонад ба таври қобили мулоҳиза бадтар шавад ва ин Пекинро маҷбур кунад, то бори қарзро аз души онҳо қисман сабук кунад.

Пандемияи COVID-19 ба тиҷорати байни Хитой ва кишварҳои минтақа низ таъсири ҷиддӣ расонд. Ин нишондиҳанда дар соли 2020 тақрибан 38,55 миллиард долларро ташкил дода, аз 46,34 миллиард доллари соли 2019 қариб 17 фоиз кам шудааст.

Тибқи иттилои Идораи кулли гумруки Хитой, гардиши молии дуҷониба миёни Хитой ва Қазоқистон 2,5% (то 21,45 миллиард доллар), бо Қирғизистон 54,3% (то 2,9 миллиард доллар), бо Тоҷикистон 36,5 (то 1,06 миллиард доллар) коҳиш ёфтааст.), бо Туркманистон – 28,5 (то 6,51 миллиард доллар) ва бо Ӯзбекистон – 8 фоиз (то 6,63 миллиард доллар). Дар баъзе мавридҳо (масалан, Ӯзбекистон ва Туркманистон) маҳз содирот ба Хитой аз ҳама бештар зарар дидааст, вале кишварҳои дигари минтақа (ба истиснои Қазоқистон) ҳам содирот ва ҳам воридоти молҳоро баробар коҳиш доданд [146, с. 11].

Бо вуҷуди ин ҳаҷм ва динамикаи тиҷорати дуҷонибаи мо ба ниёзу имконоти ду кишвар комилан ҷавобгӯ намебошанд. Аз ин рӯ мо бояд ҳар як

имконро барои самаранокии бештари муомилоти молӣ истифода барем. Масалан, дар солҳои охир соҳибкорони Тоҷикистон ҷиҳати ворид шудан ба бозори бузурги Хитой таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд [146, с. 11].

Санаи 8 декабри соли 2020 дар шакли видеоконфронс ҷаласаи 11-уми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷратии Тоҷикистону Хитой барузор гардид. Дар рафти ҷаласа қайд гардид, ки бо талоши пайвастаи роҳбарони ду кишвар рушди устувори ҳамкориҳои иҷтисодӣ таъмин мегардад.

Дар соли 2019 табодули мол миёни Тоҷикистон ва Хитой ба 660,9 млн. долл. ИМА баробар гардида, 14,6% ҳаҷми умумии табодули хориҷии молро ташкил менамуд. Тибқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои кишвар дар соли 2019 гардиши савдои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ 1,2 миллиард доллар содирот ва 3,3 миллиард воридотро ташкил намуд, ки он бо 105 кишвари дунё сурат гирифтааст [50].

Бояд зикр намуд, ки дар доираи Созишнома оид ба ҳамкориҳои техникӣ барои солҳои 2018-2019 Хитой барои рушди зерсохтори иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар 1 млрд. 700 млн. юан ҷудо намуд. Дар рафти вохӯрӣ ба мувофиқа расиданд, ки ҷониби хитойӣ чораҳои заруриро ҷиҳати тезонидани корҳо дар самти инфрасохтори лоиҳаҳо, аз ҷумла равон намудани мутахассисони иловагӣ барои иҷроиши сариваҡтии корҳо дар сохтмони бинои нави Парлумон ва Ҳукумат, инчунин азнавсозии роҳҳои байнишаҳрии Бохтар-Кӯлоб бо фарогирии Кӯлоб-Муъминобод меандешад.

Дар рафти музокирот ҷонибҳо муҳимияти таҷдиди корҳоро дар самти корхонаҳои ширкатҳои истеҳсоли маъданҳои кӯҳии тоҷикӣ-хитойӣ баррасӣ намуданд. Ҷониби хитойӣ ироз доштанд, ки зиёда аз 1000 мутахассисон аллакай дар ин самт ба Тоҷикистон ҷалб гардида ба фаъолияти худ шуруъ менамоянд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим дар соҳаи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати

Хитой дар бораи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ аз 16 сентябри соли 1996 ба шумор меравад.

Нуқтаи муҳими Созишномаи мазкур пешниҳоди қарзи давлатии Хитой ба Тоҷикистон дар кори татбиқи барномаи барқароркунии баъдиҷангии иқтисоди миллӣ дар Тоҷикистон буд [50].

Ба мақсади фаолнамоӣ ва густариши миқёси сармоягузориҳои хитоӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи ҳукуматӣ як қатор аснадои муҳими меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии ҳамкории сармоягузорӣ бо Хитойиро фароҳам овард. Дар ин қатор: Барномаи ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Хитой барои солҳои 2008-2013., Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Хитой оид ба пешгирии андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо аз сармоя, Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи тавсеа ва умқи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ асосӣ ба шумор мераванд [82, с141].

Икдоми муҳим барои таҳким ва рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой бунёди комиссияи тоҷикӣ-хитоӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ буд. Қарори Ҳукумат аз 2 сентябри соли 1998 таҳти №336 комиссияи тоҷикӣ-хитоӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ таъсис ёфт. Комиссия асосан нақшаи чорабиниҳоро оид ба татбиқи созишномаҳои дуҷонибаи қабулшуда дар бораи ҳамкорӣ дар самти тиҷоратӣ-иқтисодӣ таҳия менамояд [24].

Дар давоми бунёди комиссияи тоҷикӣ-хитоӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ аз 2 сентябри соли 1998 то соли 2018 даҳ ҷаласа баргузор гаштанд. Бояд таъкид намуд, ки ҳар як ҷаласа дар фазои якдигарфаҳмӣ, хайрхоҳӣ ва дӯстии анъанавӣ байни ду кишварҳои ҳамҷавор мегузашт.

Масалан, аз 13 то 15 сентябри соли 2006 ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматии тоҷикӣ-хитоӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар кори Комиссия аъзои қисматҳои тоҷикӣ ва хитоӣ бо сарварии Вазири иқтисоди ва савдои Тоҷикистон

Х.Солиев ва Муовини Вазири тиҷорати Хитой ҷаноби Юй Гуанчоу ширкат варзиданд [266].

Комиссия зарурати баррасии лоиҳаҳоро дар соҳаҳои зерин таъкид намуд, ки натиҷаи муҳими кори он ба шумор меравад:

1. Тавсеаи ҳамкории мутақобилан судманди дар соҳаҳои саноати маъдани куҳӣ ва химиявӣ, бунёди корхонаҳои муштарак оид ба коркарди нахи пахта дар заминаи корхонаҳои нассоҷии амалкуннадаи Тоҷикистон, коркарди алюминии аввалия, васли компютерҳо ва техникаи маишии электронӣ, истеҳсоли шиша, истихроҷи ва коркарди мармар, истеҳсоли маҳсулоти сафолӣ, истеҳсоли маҳсулоти кабелӣ, коркарди пилла ва истеҳсоли маҳсулоти шоҳӣ дар заминаи корхонаҳои соҳавӣ;

2. Рушди дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, парвариш ва истеҳсоли пахта аз руи технологияи зери пленка бо обмонии қатрагӣ, дар соҳаи хадамоти фитосанитарӣ ва бойторӣ, дар соҳаи заминдории лалмӣ ва рушди боғдорӣ ва идораи баъди ҳосилғундорӣ;

3. Дар соҳаи истифодаи иқтидори гидроэнергетикӣ ва нақлиётии Тоҷикистон баррасии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавҷуда ва пешбинишаванда;

4. Идомаи гуфтушунид оид ба ҷалби сармоягузориҳо ва ворид кардани маҳсулоти ширкатҳои пешрафтаи Хитой дар азнавсозии шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва технологияҳои баланд дар Тоҷикистон, инчунин маҷмуи низоми бозрасӣ-азназаргузаронӣ барои назорати гумрукӣ ва махсуси молҳо;

5. Оғози татбиқи лоиҳаҳои сохтмони хаттҳои интиқоли барқ, шохроҳи «Душанбе-Чанок» ва нақби «Шар-шар» аз ҳисоби захираҳои қарзӣ ва грантҳои беподош, ки аз ҷониби хитойӣ пешниҳод мегардад [20].

Ба ғайр аз ин, аз руи ҷаласаҳои Комиссия, ба мақсади расонидани мусоидат дар ҳалли масъалаҳои алоқаманд бо амалишавии лоиҳаҳое, ки аз ҳисоби қарзи имтиёзноки содиротӣ ва грантҳои амалӣ мегарданд, бо хоҳиши

ҳайати Хитой, ҷониби Тоҷикистон рози шуд, то чораҳои зеринро қабул намояд:

- вусъати пардохтҳои пешакии Тоҷикистон дар сохтмони ХББ «Ҷануб-Шимол»;

- пешниҳоди имтиёзҳо бо тартиби муайяншуда оид ба тасвияти андозӣ ва гумрукии молҳо, ки дар чаҳорчӯбаи қарзҳо ва грантҳои мазкур ворид карда мешаванд;

- мусоидат бақайдгирӣ ва кушодани ҳисобҳои ширкатҳои хитойӣ, ки дар татбиқи лоиҳаҳои мазкур, инчунин вдар таъминии иншоотҳо ва ҳайати корӣ бо тахассуси техникӣ иштирок менамоянд [46].

14 октябри соли 2016 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 8-уми комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Хитой-Тоҷикистон баргузор гардид. Дар чаҳорчӯбаи комиссия Созишнома дар бораи ҳамкории техникӣ-иқтисодӣ ба имзо расид, ки дар чаҳорчӯбаи он ҷониби хитойӣ 400 млн. юан барои татбиқи лоиҳаи сохтмони биноҳои Парламент ва комплекси Ҳукумати Тоҷикистон ҷудо мегардад [18].

Ҷаласаи 10-уми комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Тоҷикистон-Хитой 18 сентябри соли 2018 баргзор гардид. Дар чаҳорчӯбаи ҷаласа Мактубҳои мубодилавӣ оид ба лоиҳаҳои сохтмони биноҳои Парламент ва комплекси Ҳукумати Тоҷикистон ба имзо расиданд. Мундариҷаи асосии лоиҳа - сохтмони толорҳои ҷаласа ва толорҳои ҷаласаи муштараки палатаҳои болоӣ ва поёнии парламенти Тоҷикистон, толорҳои қабул, инчунин сохтмони толорҳои ҷаласа, утоқҳои корӣ, утоқҳои ёрирасон ва дигар утоқҳо барои комитетҳо ва ниҳодҳои вазоифии палатаҳои болоӣ ва поёнии парламенти Тоҷикистон маҳсуб мегардид [266].

Масоҳати умумии бино - тақрибан 44,000 метри мураббаъ мебошад. Бояд таъкид намуд, ки моҳи октябри соли 2018 Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой дар бораи пешниҳоди кумаки беподош ба имзо расид. Бо хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистон, Ҳукумати Хитой кумаки

беподошро дар ҳаҷми 900 млн. юани хитойӣ омодагӣ ва татбиқи лоиҳаи сохтмони бинои Парламент ва бинои Ҳукумати Тоҷикистон, лоиҳаҳо дар соҳаҳои нақлиёт, хизматрасониҳои коммуникатсионӣ, фарҳанг, маориф ҷудо намуд [19].

Ҷаласаи Комиссия дар фазои дӯстона ва созанда гузашта, ҷонибҳо ба созиши усулии баланд бардоштани сатҳи муносибатҳои шарикӣ оид а масъалаҳои таваҷҷуҳи мутақобила.

Ба ақидаи Р. Олимов: «Дар рушд ва таҳкими ҳамкории тоҷикӣ-хитойӣ дар соҳаи иқтисод ва савдо ифтитоҳи хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ ва роҳи автомобилӣ байни шаҳрҳои ду кишвар мусоидат намуданд. Алоқаи ҳавоӣ ва заминӣ бо Хитой ба Тоҷикистон имкон дод, ки аввалини маротиба дар таърихи муосири худ аз бумбасти нақлиётӣ баромада, алоқаҳои тиҷоратиро бо ҳамсояи бузурги худ фаолона инкишоф диҳад. Дар навбати худ, ба ширкатҳои хитойӣ ифтитоҳи «дарвозаҳои ғарбӣ» ба ҷониби Тоҷикистон имконияти оғози азхудкунии бозори тоҷикӣ, татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузориро фароҳам овард [82, с. 16].

Боз як омили ниҳоят муҳим барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳо ифтитоҳи намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Хитой мебошад.

Муқаррароти муваққатӣ дар бораи шуъбаҳои Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Хитой мутобиқи Муқаррарот дар бораи Намояндагиҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар хориҷа омода гардид, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон 3 сентябри соли 1998 таҳти №356 (моддаи 9 Муқаррароти мазкур) қабул шуда буд [266].

Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Хитой вазифаҳои намояндагии манфиатҳои кишвар, фаҳмонидани сиёсат ва самти Ҳукумати Тоҷикистон, мусоидат ба иҷрои созишномаҳои қабулшуда байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон дар музофотҳо ва шаҳрҳои Хитой ва омӯзиши бозори талабот ва

фурӯши ҳам Тоҷикистон ҳам содирот ва воридоти Хитойро ба зимма дошт [1].

Бояд таъкид намуд, ки Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Хитой 3 декабри соли 1998 бунёд гардида, К.Ашуров аввалин роҳбари он таин карда шуд [15].

Воқеан нақши Намояндагии тиҷоратӣ дар таҳким ва рушди ҳамкории тоҷикӣ-хитойӣ дар самти тиҷоратӣ-иқтисодӣ бузург мебошад. Бо иштироки он ҳаҷми бузурги кор барои ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисоди Тоҷикистон анҷом пазируфтааст. Намояндагии тиҷоратӣ аз болои пешниҳодҳои мушаххас оид ба ҳамкории самараноки мутақобилан судманд байни Тоҷикистон ва Хитой кор мебарад.

Тавре сиёсатмадорони мо таъкид менамоянд: «Дар ҳамкории иқтисодии тоҷикӣ-хитойӣ омили муҳим танзими масъала дар бораи пешниҳоди Хитой оид ба қарзи давлатии Тоҷикистон мебошад, ки мутобиқи Протоколи имзошуда аз ноябри соли 1997 барои азнавсозии фабрикаи тамокуи шаҳри Душанбе равона шуда буд. Моҳи октябри соли 1997 бк кишвари мо аз Хитой 15 автобус ворид шуда, ҳамзамон бо онҳо мутахассисони хитойӣ барои ташкили кумак оид ба истифодаи онҳо ҳозир гаштанд» [151, с. 131].

Дар соли 1998 муносибатҳои тоҷикӣ-хитойӣ дар шакли дуҷониба тадриҷан инкишоф ёфтанд. 23 июни соли 1998 Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой дар бораи пешниҳоди қарзи имтиёзнок Ҳукумати Хитой Ҳукумати Тоҷикистон ба имзо расид [80, с. 147].

Мутобиқи Созишнома дар бораи пешниҳоди қарзи имтиёзноки соли 1998, Хитой ба Тоҷикистону қарз ба маблағи 100 миллион юан ва кумаки башардӯстона ба маблағи 54 миллион юан барои харидории автобусҳои мусофирбар ва 65 миллион юан қарз барои корхонаи муштараки «Ришта» дар ноҳияи Ҳисор пешбинӣ шуда буд [151, с. 131].

Соли 1999 байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой Созишнома дар бораи ҳамкории техникӣ -иқтисодӣ ба имзо расид. Бо хоҳиши Ҳукумати Тоҷикистон Ҳукумати Хитой ба Тоҷикистону кумаки беподошро дар ҳаҷми 10 млн. юан барои амалишавии лоиҳаи ҳамкорӣ мутобиқи созиш байни Ҳукумати ҳар ду кишвар ё барои ворид намудани молҳои таъиноти умумӣ ба Тоҷикистон пешниҳод намуд [54].

Дар рафти мулоқот бо муовини Раиси Шӯрои давлатии Хитой Эмомалӣ Раҳмон ба ҷониби хитойӣ ҷиҳати дастгирии фаол ва мусоидат ба Тоҷикистон ва таваҷҷуҳ ба мушкилоти он дар кори татбиқи барномаи барақарорсозии баъдиҷангии иқтисоди миллӣ, аз ҷумла барои пешниҳоди кумаки беподош ба маблағи 10 млн. юан ва қарз ба маблағи 100 млн. юан баҳри сохтмони фабрика оид ба истеҳсоли матоъҳо ба Тоҷикистон изҳори сипос намуд [142, с. 45].

Хитой бо дарки мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон, ба кишвари мо кумаки қарзӣ-сармоягузориро мерасонад, ки барои татбиқи лоиҳаҳои ҳаётан муҳим истифода мегардад.

Тавре академик Т.Назаров таъкид менамояд: «Аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар соли 2013 дар Тоҷикистон ба ҳиссаи Хитой тақрибан 50% рост меомад. Захираҳои сармоягузорӣ ва қарзии Хитой дар рушди иқтисоди Тоҷикистон тамоюли афзоиши динамикиро доранд ва яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини субот дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа мегарданд [204, с. 8].

Дар Тоҷикистон ҳадафҳои Хитойро дар самти густариши ҳамкории мутақобилан судманди ҷонибҳо, пеш аз ҳама дар соҳаи гидроэнергетика ва кишоварзӣ, азхудкунии канданиҳои фоиданок ва сохтмони инфрасохторӣ, инчунин бунёди шароитҳои мусоид барои ҷалби сармоягузориҳо ва пешбурди ҳамаҷонибаи ҳамкории воқеъбинонаи дуҷониба баланд қадр менамоянд.

Тавре К.Қаюмов таъкид менамояд: «Гидроэнергетика, захираҳои обии барақароршаванда, ки бо тозагии ниҳоии экологӣ тавсиф мегардад, самти асосии иқтисоди Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд. Маҳз аз ин рӯ Тоҷикистон татбиқи лоиҳаҳоро оид ба бунёди иқтидорҳои бузурги барқӣ-обӣ дар шароити мавҷуд набудани дигар сарчашмаҳои самараноки неру дар кишвар дигар тавсеа мебахшад. Ин ба хусус бинобар сатҳи баланди фаолнокии сейсмикӣ дар қаламрави он имкони рушди неруи атомиро дарояндаи наздик фароҳам намесозад» [105, с. 405].

Ҳамкории мутақобилан судманди байни Тоҷикистон ва Хитой пеш аз ҳама дар соҳаи гидроэнергетика ниҳоят муҳим ба шумор меравад. Тавре маълум, Тоҷикистон дорои захтираҳои бузурги обӣ-энергетикӣ мебошад. Дар ҳудуди Тоҷикистон 55,4% тамоми маҷрои оби дарёҳои Осиёи Марказӣ – ҳавзаи дарёҳои Аму-Дарё ва Сир-Дарё ташаккул меёбад [38].

Дар сохтори умумии захираҳои энергетикии Тоҷикистон ҳиссаи неруи барқ аз об зиёда аз 95%-ро ташкил медиҳад [84, с. 99]. Аз рӯйи ҳисоботҳои мутахассисон Тоҷикистон вобаста ба иқтидори захираҳои обӣ ҷои ҳаштумро дар ҷаҳон ишғол менамояд. Ин иқтидор дар ҳаҷми 525 млрд. кВт.соат арзёбӣ мегардад, ки аз онҳо айни ҳол камтар аз 5% истифода мегардад [201, с. 3].

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки захираҳои обӣ-энергетикӣ ва истифодаи самараноки онҳо на танҳо аҳамияти миллӣ дорад, балки метавонад омили ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои дигар, аз ҷумла бо Хитой гардад.

Бо дарназардошти ин Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ширкати давлатии «Барқи Тоҷик» ва сафорати Тоҷикистон дар Хитой пешниҳоди ҳамкорӣ бо ширкатҳо ва корхонаҳои манфиатдори Хитой дар сохтмони иншооти энергетикӣ дар Тоҷикистон карда шуд.

Тоҷикистон ба ширкату корхонаҳои хитойӣ барои баррасии сармоягузории чунин лоиҳаҳо пешниҳод намуд:

- азнавсозии НБО Норак;

- таҷдиди НБО «Сарбанд»;

- сохтмони силсилаи нерӯгоҳҳои барқӣ-обӣ дар дарёи Зарафшон;

- барқарорсозии Шабакаи барқӣ-гармидиҳӣ дар шаҳри Душанбе [45].

3 декабри соли 2003 дар Вазорати иқтисод ва савдои Тоҷикистон имзои Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой дар бораи ҳамкории техникӣ -иқтисодӣ, дар бораи пешниҳоди кумаки беподош дар ҳаҷми 25 млн. юан баргузор гардид. Созишномаро Вазири иқтисод ва савдои Тоҷикистон Солиев Х. ва Сафири Фавқуллода ва мухтори Хитой дар Тоҷикистон Хунбин У имзо карданд. Кумаки мазкур ба сохтмони нақби Шар-Шар (20 млн.юан) ва 5 млн. юан барои омӯзиши мутахассисони тоҷик дар Хитой равона гардид [260].

Соли 2004 Роҳбари Хитой Ху Сзинтао дар бораи пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки харидорӣ барои кишварҳои узви СҲШ эълон намуд. Ҳукумати Тоҷикистон 53 лоиҳаи-пешниҳодӣ ба маблағи умумии 1 млрд. долларро пешниҳод намуд. Моҳи марти соли 2006 ҳукумати Тоҷикистон ва «Эксимбонк»-и хитойӣ ёддошти ҳусни тафоҳумро ба имзо расониданд. Ҷониби хитойӣ се лоиҳаи бузургро (сохтмони хаттҳои баландшиддати интиқоли барқи «Лолазор – Хатлон» ва «Ҷануб – Шимол», инчунин сохтмони шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чанок) тасдиқ намуда, тендерҳоро барои амалишавии ин лоиҳаҳо миёни ширкатҳои хитойӣ баргузор намуданд [177, с. 11].

Яке аз омилҳои умқ ва тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой ин ифтитоҳи гузаргоҳи Кулма/Қаросу дар сарҳади давлатҳо соли 2004 мебошад. Гузаргоҳи мазкур на танҳо оғози баромадани Тоҷикистон аз бунбасти нақлиётӣ гардид, балки ба ташаккули маҷмааи миллии муосири нақлиётии дорои дастрасии он ба шоҳроҳҳои асосии Хитой, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ такони пурқувват бахшида, Тоҷикистонро ба чорроҳаи асосии транзити тиҷорати байналмилалӣ табдил дод, ба ширкатҳои хитойӣ роҳи кӯтоҳтарини интиқоли мол ба Тоҷикистон, дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ,

Афғонистон ва Эронро фароҳам овард. Мусаллам аст, ки баробари болоравии иқтидори Хитой ва амиқтар шудани муносибатҳои шарикии стратегӣ робитаи маҷмуавии Тоҷикистону Хитой, нақш ва мавқеи гузаргоҳи Кулма/Қаросу дар тиҷорати байналмилалӣ афзоиш хоҳад ёфт [184, с. 303].

21 июли соли 2005 боздиди Муовини Роҳбари Шӯрои Давлатии Хитой хонум Уи дар Тоҷикистон баргузор шуд. Дар рафти боздид ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расиданд:

1. Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой дар бораи ҳамкории техникӣ-иқтисодӣ.

2. Мактуби мубодилавӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой дар бораи расонилани кумак оид ба лоиҳаи сохтмони нақби «Шар-Шар»;

3. Мактуби мубодилавӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой дар бораи омӯзиши 100 мутахассисони тоҷик оид ба идораи иқтисодӣ. Мутобиқи мактуби мазкур дар давраи аз октябри соли 2005 то феврали соли 2006 112 мутахассисони хизматчиёни давлатӣ дар Хитой аз омӯзиш гузаштанд [151, с. 140].

Соли 2006-ро метавон давраи «тағйироти куллӣ» дар таърихи навтарини ҳамкории дуҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ номид. 14 июн дар Шанхай бо ҳузури Президенти Тоҷикистон ва Роҳбари Хитой лоиҳаи созишномаҳои қарзӣ байни Вазорати молиявии Тоҷикистон ва Бонки Содиротӣ-Воридотии Хитой ба маблағи умумии 608 миллион $ ба имзо расид [210].

16 январи соли 2007 дар Пекин Форуми якуми сармоягузории «Тоҷикистон-Хитой» бо иштироки сохторҳои давлатӣ ва доираҳои соҳибкории ду кишвар баргузор шуд. Дар баромади худ Президенти Тоҷикистон Э. Рахмон таъкид намуд, ки «бо иштироки сармоя, технология ва мутахассисони зиёда аз 40 корхонаҳои хитойӣ дар Тоҷикистон тақрибан 50 лоиҳаҳои муштарак татбиқ мегардад, ки бузургтарини онҳо лоиҳаҳои

таҷдиди шоҳроҳи "Душанбе-Чанок", ба шумули сохтмони нақби "Шаҳристон", ХББ-500 "Шимол-Ҷануб" ва ХББ-220 "Лолазор-Хатлон" ба шумор меравconfigurations [84, с. 24].

Ширкати ҶСК ТВЕА Хитой амалишавии муваффақонаи лоиҳаҳои ХББ 500 кВт «Ҷануб-Шимол» ва ХББ-220 кВт «Лолазор-Хатлон»-ро оғоз намуд, ки барои истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад. Маросими ба истифода додани хатти баландшиддати интиқоли барқи 220 кВт «Лолазор-Хатлон» бо ҳузури Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 25 июни соли 2008, шаш моҳ пештар аз мухлати банақшагирифта баргузор гардид [9].

Ба ғайр аз лоиҳаҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ Хитой дар дастгирии саноати сабуки тоҷикӣ– истеҳсоли маҳсулоти пахтагӣ ва шоҳӣ, инчунин саноати алюминий саҳми муассир гузоштааст. Масалан, 21 майи соли 2008 дар Пекин шартнома байни ширкати алюминии Тоҷикистон (КВД «ТАЛКО») ва ширкати миллии хитойии мошинсозии вазнин барои сохтмони заводҳо дар ҷумҳурӣ оид ба истеҳсоли алюминиии фтордор ва креолит ба имзо расид. Мутобиқи шартнома дар муддати як сол дар ҳудуди ноҳияи Ёвони Тоҷикистон бояд ду завод бо арзиши умумии тақрибан 30 млн. доллари ИМА сохта шуда, «ТАЛКО» -ро бо ашёи хом барои истеҳсоли алюминийи аввалия таъмин менамуданд, ки кишвари мо аз Россия, Наздибалтика ва Хитой ворид месохт [212, с. 59].

Соли 2009 яке аз пурмаҳсултарин дар таърихи муосири муносибатҳои Тоҷикистон-Хитой гардида, бо ба истифода додани як қатор лоиҳаҳои бузурги муштарак дар соҳаи энергетика маълум мебошад, ки барои рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон аҳамияти калон дошт. Хатти интиқоли барқи ХИБ-500 «Ҷануб-Шимол» ба истифода дода шуд, ки шабакаи энергетикии кишвар ба низоми ягона табдил дода, инчунин НБГ -1 ва НБГ -2 Душанбе мавриди истифода қарор гирифтанд [151]. Лоиҳа аввалин таҷрибаи муштарак бо ширкати хитойӣ аз руи формулаи «Сармоягузориҳо ба ивази

захираҳои табиӣ» гардид. Дар иншоот ду низоми филтрнамоӣ – матоӣ ва электрикӣ насб шудаанд, ки сатҳи пасти ихроҷи маҳсулоти сӯзонро ба атмосфера таъмин менамоянд. Тозакунандаҳои махсуси газӣ дар истгоҳи гармӣ-барқидиҳӣ то 99,8 % партовҳоро коркард намуд, партоҳои дурушт зимни истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ истифода мешаванд [151, с. 173].

Боз як лаҳзаи муҳим дар ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар соли 2009 боздиди якуми расмӣ ба Тоҷикистон аз ҷониби ҳайати НМСУ Хитой моҳи июни соли 2009 ба шумор меравад [212, с. 59]. Узви Бюрои сиёсии ҲКХ Ван Летсюан ҳайати ҷониби Хитойро роҳбарӣ менамуд [84, с. 124].

НМСУ минтақаи муҳими стратегӣ барои Хитой, ҳам аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. То гузариши ҳудуди мазкур ба тобеияти Хитой, он аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ ҷузъи ҷудонопазири Осиёи Марказӣ бо таърих, забон, анъанаҳои қавмӣ ва дигари худ маҳсуб мегардид. Аксарияти аҳолии ин минтақа мусулмонон ба шумор меравад, аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ ҳудуди он ¼ қаламрави умумии сарҳадии Хитойиро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин он нооромиҳое, ки дар Осиёи Марказӣ сар зананд, метавонанд бевосита ба НМСУ таъсир намоянд. Аз ин рӯ минтақаи ҷуғрофӣ аҳамияти зиёд барои амнияти сиёсии Хитой дорад. Бо назардошти ин, НМСУ ба сифати суботи амнияти сиёсии Хитой баромад менамояд. Аз даст додани НМСУ на танҳо нақшаи стратегиии Пекинро оид ба интиқоли захираҳои энергетикиро аз минтақаи Осиёи Марказӣ ба кишвари худ, балки тамоми амнияти миллии онро зери хатар мегузорад [172, с. 4].

Дар рафти боздиди ҳайати НМСУ ба Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба, аз ҷумла Созишнома байни Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистона бо ҶСК «ТВЕА» Хитой дар бораи сохтмони НБО «Нуробод-1» дар дарёи Хингоб (бо иқтидори-350 МВт, ҳаҷми сармоягузориҳо – 560 млн. доллари ИМА); Созишнома байни Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистона бо ҶСК «ТВЕА» Хитой дар бораи сохтмони Маркази барқӣ - гармидиҳии Душанбе (бо иқтидори -200 МВт, ҳаҷми сармоягузориҳо – 400

млн. доллари ИМА); Созишнома байни ҶСХК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «ТВЕА» Хитой бораи корҳои иловагӣ дар сохтмони ХББ «Лолазор-Хатлон» ва «Ҷануб-Шимол» (сармоягузориҳои иловагӣ – 61 млн. доллари ИМА) ба имзо расид. Ба ғайр аз ин ҷониби хитойӣ 51 млн. доллари ИМА барои таҷдиди роҳи автомобилии Душанбе-Данғара ҷудо намуд, ки марҳалаи аввали азнавсозии шоҳроҳи Душанбе-Данғара-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қошғар ба шумор меравад [234].

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо боздиди ҷавобӣ аз НМСУ моҳи июни соли 2010 дидан намуд, ки дар рафти он як қатор созишномаҳо ба имзо расиданд. Тавассути ин созишномаҳо пешбинӣ мегардиданд: дастгирӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо, дастгирии фаоли фаъолияти ширкатҳо, корхонаҳо, созмонҳо ва шахсони воқеие, ки ба фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳудудҳои ҳамҷавор машғуланд. Ин амр ба мақсади таъмини манфиатҳои қонунии онҳо ва амнияти моликияти онҳо, инчунин қабули чораҳои зарурӣ барои ҳифзи манфиатҳои ҷониби дигар дар қламрави худ амалӣ гардид [84, с. 124].

Байни мақомотҳои маҳаллии Тоҷикистон ва НМСУ Хитой алоқаи хуб барқарор шуда, ҳамкории онҳо тамоми соҳаҳоро фаро мегирад.

Созишнома дар бораи принсипҳои ҳамкорӣ байни минтақаҳои Тоҷикистон ва НМСУ Хитой 17 июни соли 2010 ба имзо расид. Созишномаи мазкурро ба роҳбарӣ гирифта Мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти Вилоти мухтори куҳистони Бадахшони Тоҷикистон ва Ҳукумати халқии округи Қошғари НМСУ Хитой Созишномаро дар бораи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар соли 2011 имзо намуданд [27]. Мутобиқи моддаҳои Созишнома ҷонибҳо қарор доданд, то ҳамкориро дар соҳаи савдо, саноатӣ (ба хусус саноати маъдани кӯҳӣ) ва истеҳсоли кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқаҳо, тандурустӣ ва экология, туризм ва мубодилаи фарҳангӣ амалӣ намоянд. Инчунин барои рушди ҳамкории байни корхонаҳо ва созмонҳои минтақаҳо

ба созиш расида, шароитҳои мусоидро дар ин самт бо дарназардошти манфиатҳои ҳар ду ҷониб фароҳам меоранд [49].

Аз соли 2010 Зеркомиссияи «Тоҷикистон – НМСУ Хитой» амал менамояд, ки дар назди Комиссияи байниҳукуматии тоҷикӣ-хитоӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ 26-27 декабри соли 2010 дар шаҳри Урумчи бунёд шудааст. Дар рафти баргузории ҷаласа масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар соҳаи савдо, сармоягузориҳо, энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, коммуникатсия, гумрук, маориф, туризм, бахшиа молиявӣ ва бонкӣ баррасӣ шуданд. То марҳалаи кунунӣ се ҷаласаи Зеркомиссия баргузор шуданд [37, с. 10].

Воқеан нақши ширкатҳои хитоӣ, асосан НМСУ дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохтории Тоҷикистон, аз ҷумла, дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ бузург мебошад.

Тавре Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо Котиби Комитети Ҳизби Роҳбари НМСУ Чжан Чунсян таъкид намуд: дар чор сол 2006-2010 гардиши тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва ин минтақаи Хитой 310 маротиба афзоиш ёфтааст [40].

Айни замон ҳамкории байни вилояти Хатлон ва шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд бо музофоти Шанси инкишоф меёбад. Ба ин боздиди Президенти Тоҷикистон ба Хитой дар соли 2017 мусоидат намуд [82, с. 16].

Тоҷикистон ва Хитой шоҳроҳро аз Тоҷикистон ба Хитой сохта, гузариши тиҷоратиро дар сарҳад ҳамчуни пули боэътимод барои фаол намудани ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳо мекушоянд [142, с. 45]. Тибқи маълумоти ҷониби хитоӣ, дар 80 рӯзи фаолияти нуқтаи назоратӣ-гузаргоҳии «Қулма-Қаросу» (аз 25 май то 25 ноябр) тавассути он 448 мусофир, аз ҷумла 225 аз самти хитоӣ, 735 тонна бор, ба шумули 727 тонн аз ҷониби Хитой, 101 автомобил гузаштанд [10].

Аз моҳи сентябри соли 2003 созишномаи дуҷониба «Дар бораи нуқтаҳои гузариш дар сарҳади давлатии тоҷикӣ-хитойӣ ва режими кори он», ба имзо расида ҳаҷми гардиши тиҷоратӣ байни кишварҳои мо тақрибан аз нишондоди сифрӣ ($8,9 млн.) дар соли 1993 оғоз шуда тақрибан ба $1,7 миллиард дар соли 2008 баробар гардид [200, с. 2].

Самти дигари ҳамкории байни Тоҷикистон ва Хитой дар бахши тиҷоратӣ-иқтисодӣ ташаббуси «Як камарбанд ва як роҳ» ба шумор меравад. Тоҷикистон ин ташаббусро баланд қадр менамояд, ки ба ҳалли вазифаҳои стратегӣ – коркарди муштарак ва татбиқи барномаҳо оид ба таъмини рушди иқтисодии мо равона шудааст.

Тоҷикистон дар қатори аввалинҳо бо Хитой созишномаро дар бораи ҳамкорӣ нисбати татбиқи ташаббуси «Камарбанд ва роҳ» ба имзо расонид. «Як камарбанд ва як роҳ» – ин платформаи ниҳоят муҳим барои ҳамкорӣ, татбиқи як қатор лоиҳаҳои муштараки бузург мебошад, ки метавонад фоидаи амалӣ ба халқҳои мо биёрад. Ҳамзамон, ин стратегияи дарозмуддати ҳамкорӣ мебошад, ки дар манфиатҳо ва интизориҳои халқҳо таҷассум меёбад. Дар маҷмуъ, ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи ташаббуси Хитой «Камарбанд ва роҳ» метавонад бо он асоснок бошад, ки:

- ворид намудани Тоҷикистон ба силсилаи ҷаҳонии ташаккули арзиши иловагӣ бо ҳалли маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар соҳаи ҳамлу нақли тиҷорати хориҷӣ, ки бо он кишвар рӯ ба рӯ аст. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон масъалаи рушди минбаъдаи мақсадноки хатсайрҳои нақлиётии байналмилалӣ аҳамияти муҳим пайдо менамояд;

- афзоиши имконият барои гуногунрангии сармоягузориҳои мустақим ва содирот [151, с. 145].

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи махсусро ба вохӯрӣ бо намояндагони соҳибкорӣ равона менамояд. Дар рафти сафарҳои хориҷӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳатман бо доираҳои баланди соҳибкорон мулоқот менамоянд. Чунин сиёсати дурандешонаи Президенти муҳтарам натиҷаҳои

мусбат медиҳад. Баъди чунин мулоқотҳои Президент бештар маблағҳои зиёд ба иқтисоди ҷумҳурӣ ворид мегарданд.

19 майи соли 2013 Эмомалӣ Раҳмон баъди омадан ба Пекин як қатор вохӯриҳоро бо намояндагони ширкатҳои Хитой баргузор намуд. Дар мулоқот бо роҳбари ширкати Чайна глобал (China Global) Хуан Ҷянжун ва президенти Иттифоқи саноати кухӣ Ван Хайтао масъалаҳои рушди ҳамкорӣ, аз ҷумла густариши истеҳсол дар корхонаи муштараки истихроҷи маъдани Тоҷикистон ва Хитой «Зарнисор», роҳандозии ҳамкорӣ дар конҳои дигари Тоҷикистон муҳокима шуданд. Таъкид гардид, ки ширкати Чайна глобал дар дар марҳалаи якуми сохтмон ва рушди ширкати муштараки Зарнисор зиёда аз 250 млн. доллари ИМА сармоягузорӣ карда, инчунин дар шаҳри Истиқлол (собиқ Табошар) комбинати бузурги металлургӣ бунёд менамояд [240].

Натиҷаи калидии сиёсии боздид имзои Эъломияи муштарак дар бораи истиқрори муносибатҳои шарикии стратегӣ байни Тоҷикистон ва Хитой аз ҷониби сарварони ду кишвари дӯст – Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин 20 майи соли 2013 дар Пекин мебошад. Эъломия на танҳо таҳаввули муносибатҳои сиёсии вобаста ба болравии сатҳи эътимоди ҷонибҳо, балки истиқрори (де-юре ва де-факто) сатҳи хеле баланд ва сифатии муносибатҳо – шарикии стратегиро ба қайд гирифт [151, с. 145].

4 сентября соли 2017 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чаҳорчӯбаи боздиди корӣ ба шаҳри Сямэни музофоти Футсзян омада бо Президенти ширкати истихроҷи маъданҳои куҳии Зиҷин Чэн Ҷин Хэ вохӯрд. Дар рафти мулоқот ҷонибҳо нисбати ҳамкории минбаъдаи байни ширкати истихроҷи маъданҳои куҳии Зиҷин ва Тоҷикистон дар соҳаи афзоиши истихроҷи саноатӣ ва коркарди тилло дар корхонаи муштараки Зарафшон мубодилаи афкор намуданд. Таъкид гардид, ки ширкати мазкур дар муддати фаъолияти 10 солаи худ дар Тоҷикистон зиёда аз 450 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ намуд. Айни замон истеҳсоли тилло 20 тоннаро ташкил

медиҳад ва шумораи коргарон -зиёда аз 2 ҳазор нафар мебошанд, ки 98 фоизи онҳо мутахассисони маҳаллӣ ба шумор мераванд.

11 июни соли 2018, дар чаҳорчӯбаи боздиди корӣ ба музофоти Хэнан Президенти Тоҷикистон бо роҳбарони як қатор ширкатҳои бузурги хитойӣ вохӯрд, ки ба рушди иқтисоди кишвари мо бо роҳи сармоягузориҳо ва бунёди корхонаҳои муштарак мусоидат менамоянд [239].

Яке аз самтҳои муҳими рушди ҳамкории мутақобила байни Тоҷикистон ва Хитой дар бахши тиҷоратӣ-иқтисодӣ бунёди корхонаҳои муштарак ба шумор меравад.

Тавре Сафири Хитой дар Тоҷикистон Лю Бин таъкид менамояд: «Айни замон дар Тоҷикистон зиёда аз 400 корхонаҳои хитойӣ сармоягузорӣ ва амал мекунанд, ки онҳоро бузургтарини андозсупоранда ва содиркунандагони асосӣ менамояд. Корхонаҳои асосии хитойӣ зиёда аз 130 миллион сомонӣ ба корҳои хайр равона намудаанд. Корхонаҳои хитойӣ 14 лоиҳаҳо, аз ҷумла – 5 лоиҳаи байналхалқии сохтмониро дар соҳаҳои мухталифи иқтисод амалӣ менамоянд» [223].

Сарфи назар аз он, ки сохтори молии савдои дуҷониба гуногунранг ва номутаносиб аст, дар маҷмӯъ он имкониятҳои иқтисодии ду кишварро инъикос мекунад. Дар содироти Хитой ба Тоҷикистон асосан таҷҳизоту мошинҳо, таҷҳизоти сохтмонӣ, маводи ғизоӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ мебошад. Хитой инчунин маҳсулоти саноати электроника, молҳои талаботи оммавӣ, аз қабили нассоҷӣ, либос, пойафзолро ба кишвари мо ворид менамояд. Дар воридоти Хитой аз Тоҷикистон пахтаи хом, нахи пахта, прокати алюминий, матоъҳои абрешимӣ ва абрешими хом бартарӣ дорад, ҳарчанд ашёи дигар, масалан, консентратҳои металлҳои нодири заминӣ ба назар мерасад, Тоҷикистон аз он бой мебошад [185, с. 93].

Ба қавли муаррих Ш.Шарипов: «Тоҷикистон заминаи ашёи хом барои кишварҳои пешрафтаи нассоҷии ҷаҳон ба шумор меравад. Гузариши кишвар ба иқтисоди бозоргонӣ дар назди Ҳукумати Тоҷикистон вазифаи

мушкилтарин– маҳви самти ашёи хоми иқтисоди ҷумҳуриро мегузорад. Қадамҳои аввалин дар ин самт бунёди корхонаи муштараки «Кообол» Текстайлз соли 1996 дар шаҳри Хуҷанд гардид, ки пахтаро барои истеҳсоли нах, матоъ ва ришта коркард менамояд. Баъди як сол дар Ҳисор инчунин корхонаи муштараки тоҷикӣ-хитойии «Ришта» ташкил карда шуд, ки яке аз натиҷаҳои ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Тоҷикистон ва Хитой гардид [180, с. 14].

Фабрикаи тамокуи Душанбе яке аз аввалин корхонаҳое ба шумор меравад, ки дар солҳои душвори ташаккули иқтисоди ҷумҳурии мо бо кумаки мутахассисони хитойӣ, аз ҳисоби қарзи ҷудонамудаи Ҳукумати Хитой ба маблағи 50 миллион юан азнавсозӣ гашта буд. Қарз ба Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Фабрикаи тамокуи Душанбе» мутобиқи Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой «Дар бораи пешниҳоди қарзи давлатии Хитой ба Тоҷикистон», Протокол бораи иҷрои Созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой пешниҳод гардид, ки 15 ноябри соли 1994 ва 10 ноябри соли 1997 ба имзо расида буданд. Амалишавии лоиҳаи азнавсозии фабрика аз ҷониби ширкати Синтсзянӣ оид ба ҳамкории байналхалқии иқтисодии Хитой сурат гирифт. Азнавсозии фабрика 25 ноябри соли 1998 оғоз шуда 28 феврали соли 2001 ба анҷом расид. Фабрикаи давлатӣ бо саҳми корхонаи муштарак 90% ва Хитой 10% ба фаъолият менамояд [8].

Корхонаи дигари муштараки тоҷикӣ-хитойӣ заводи коркарди нефт дар Данғара ба шумор меравад. Иншооти мазкур аз ҷониби корхонаи муштараки тоҷикӣ-хитойӣ «ТК-Oil» бунёд гаштааст. Сохтмони ин завод соли 2014 оғоз шуд. Сармоягузорон дар сохтмон ва муҷаҳҳаз намудани корхона зиёда аз 90 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ намуданд. Корхонаи «Данғара» заводи коркарди нефт «ТК-Oil» дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ сохта шуда дар марҳалаи якум ҳамасола 500 ҳазор тонна нефтро коркард хоҳад намуд [224]. Ба қавли таҳлилгарон дар оянда завод ба иқтидори 1,2 млн. тонн нефт дар як

сол кор карда тамғаҳои аврупоии бензини Евро-4 ва Евро-5, инчунин гази моеъ, сузишвории дизелӣ, парафин ва битуми сохтмонӣ истеҳсол менамоянд [26].

Айни замон тақрибан тамоми истеҳсоли семент дар Тоҷикистон бо кумаки сармоягузориҳои хитойӣ таъмин мегарданд. Истеҳсолкунандагони асосии семент дар ҷумҳурӣ корхонаҳои муштараки тоҷикӣ-хитойии «Чунгтсай Моҳир семент», «Хуаксин Ғаюр семент» ва «Хуаксин Ғаюр Суғд семент» ба шумор мераванд. Ба ин се корхона зиёда аз 85% сементи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда рост меояд. Ба сармоягузорони хитойӣ муяссар гардид, ки дар шаш соли охир истеҳсоли сементро дар Тоҷикистон тақрибан нуҳ баробар афзоиш диҳанд: аз 385 ҳазор тонна дар соли 2013 то 3,8 млн. тонна дар соли 2018 [230].

Даҳҳо ширкатҳои муштараки тоҷикӣ-хитойӣ ба коркарди маъданҳо ва металлҳои қимматбаҳо, истихроҷ ва коркарди маъданҳои қурғошимӣ-синкӣ ва канданиҳои фоиданок машғуанд.

Корхонаи муштараки «Зарафшон» бузургтарин ширкати машғул ба коркарди маъдан ва металҳои қимматбаҳо ба шумор меравад. Корхона дар ноҳияи Панҷакенти Тоҷикистон ҷой гирифта тақрибан 70% ҳаҷми истихроҷи тиллоро дар ҷумҳурӣ ба уҳда дорад [14]. Соли 2007-ум 75 % саҳмияи ин корхонаро аз ширкати британии Common wealth and British Minerals, PLC ширкати хитойӣ Zi jin Mining Group Co., Ltd. (то ин дам корхона ширкати муштараки британӣ буд, ки дар он ҷо британиҳо 51% ва ҳукумати Тоҷикистон – 49 % саҳм доштанд) харидорӣ намуд. Моҳи феврали соли 2018 ширкати хитойӣ ба ҳукумати Тоҷикистон 5 % саҳми худро дар сармояи оинномавии «Зарафшон» ба 1 доллар гузашт намуд. Айни ҳол ҳиссаи Тоҷикистон дар сармояи оинномавии корхонаи муштараки «Зарафшон» 30 % -ро ташкил медиҳад, сармояи оинномавии ширкати хитойии Zi jin Mining - 70 % аст [151, с. 180].

Корхонаи дигар «Пакрут» дар ҳудуди шаҳри Ваҳдат ба истихроҷи тилло машғул мебошад. Ширкати ТВЕА муҷаввизро барои коркарди ду кон дар ноҳияи Айнӣ («Дуоба ва Кумарги боло») ба ҷои сохтмони шабакаи барқӣ-гармидиҳии Душанбе ба даст овардааст. Ширкати «Каши Синюй Дади Майнинг Инвестмент Лимитед» дар кони «Якҷилва» (ноҳияи Мурғоб) фаолият менамояд. Ба ғайр аз ин, «Ширкати тоҷикӣ-хитойии саноати куҳӣ» ба истихроҷ ва коркарди маъдани қурғошимӣ-синкии конҳои Алтин-Топкан ва Пай-Булоқ, «Бартек Тоҷикистон майнинг» кони Мушкистон дар ноҳияи Панҷакент машғул мебошад [13].

Ширкати дигари хитойӣ, ки бо Тоҷикистон ҳамкории наздик дорад, Huawei ба шумор меравад. Huawei соли 1999 ба бозори Тоҷикистон омад. Моҳи марти соли 2005 намояндагӣ ба қайд гирифта шуда, моҳи майи соли 2009 ҷамъияти саҳҳомии духтаронаи он таъсис ёфт. Дар ин муддат Huawei бо операторони алоқаҳои мобилии Тоҷикистон ҳамкории наздик барқарор карда, якҷоя бо онҳо ба рушди минбаъдаи соҳаи телекоммуникатсия мусоидат намуд. Ширкат шумораи зиёди мутахассисонро дар соҳаи телекоммуникатсия омода намуда, барои мутахассисони техникӣ ҷойҳои зиёди кориро фароҳам овард. Соли 2012 ВКД Тоҷикистон шартнома барои иҷрои лоиҳаи «Шаҳри бехатар – Видеоназорат аз болои роҳҳо» ба имзо расид. Лоиҳа муваффақона татбиқ гашта саривақт ба истифода дода шуд [144, с. 156].

Ширкати дигари хитойӣ, ки дар Тоҷикистон фаъолият менамояд, ширкати ТВЕА ба шумор меравад, ки ҳамкории хориҷии иқтисодӣ-техникӣ ва иншоотҳои кумаки хориҷиро дар соҳаи интиқоли барқ ва маводи нав татбиқ менамояд.

Дар Тоҷикистон ширкати ТВЕА ҳамчун пудратчии генералии лоиҳаҳои ХББ 220 кВт «Лолазор-Хатлон», ХББ 500 кВт «Ҷануб-Шимол» ва ҳаҷми иловагии корҳои лоиҳаҳои мазкур, ХББ 220 кВт Хуҷанд-Айни, лоиҳаи «Бунёди низоми ягонаи барқии шимоли Тоҷикистон» баромад намуд, ки

сарчашмаи маблағгузории онҳо қарзи имтиёзноки ҷудонамудаи Хитой ба аъзои СҲШ, ба шумор меравад. Лоиҳаҳои болозикр пеш аз муҳлат анҷом ёфта муваффақона истифода мегарданд [144, с. 185].

Дар Тоҷикистон чунин ширкатҳои хитойӣ, аз қабили ZTE (ширкати телекоммуникатсионӣ, истеҳсолкунанда ва воридкунандаи таҷҳизоти шабакавӣ), Синоҳайдро (корхонаҳои таъиноти ҷаҳонӣ дар соҳаи нерӯйи барқӣ), Ширкати ҷаҳонии хитойӣ оид ба воридот ва содироти технологияҳои нав, ZiJin (ширкати истихроҷи маъданҳои куҳӣ), CRBC (ширкат оид ба сохтмони роҳу пулҳо), Ширкати хитойии металлҳои ранга ва ғайра фаъолият менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳодисаи муҳиме, ки ба таҳкими ҳамкориҳо дар самти иқтисодӣ ва дигар соҳаи ҳамкориҳо мусоидат намуд он буд, ки 14 апрели соли 2019 вохӯрии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Хитой Си Ҷинпин дар доираи Форуми дуюми сатҳи баланд оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ “Як камарбанд- як роҳ” буд, ки дар шаҳри Пекин сурат гирифт.

Дар рафти вохӯрӣ Эмомалӣ Раҳмон ва С.  Ҷинпин қайд намуданд, ки кишварҳо ҳамкориҳоро дар сатҳи олӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ ба роҳ монда имкони васеъ ҷиҳати амалӣ гардидани созишномаҳои қаблан ба имзорасидаро фароҳам меоранд. Президенти Тоҷикистон махсус нақши мусбии Хитойиро дар рушд, дастгирӣ, амалӣ намудани лоиҳаҳо бо ҷалби сармояи хитойӣ, боло рафтани ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар, рушди иқтисоди миллӣ, татбиқи босамари стратегияи миллии рушд, саноаткунонии мамлакат ва дигар соҳаҳои барои ҳарду кишвар муфидро қайд намуданд.

Инчунин, дар рафти сафар ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати идома додани талошҳо дар мубориза бар зидди хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳони муосир- терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухадир иброз намуданд.

15 июни соли 2019 Раиси Хитой Си Ҷинпин ба Тоҷикистон омада, бо Пешвои миллат вохӯрд. Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро миёни ду кишвар баррасӣ намуданд.

Қайд гардид, ки ташаббуси «Як камарбанд як роҳ» ва татбиқи босамари «Барномаи ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой» омили муҳими даст ёфтан ба аҳдофи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030 ба ҳисоб меравад.

Муҳимтар аз ҳама, Сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин Изҳороти муштараки Тоҷикистон ва Хитой дар бораи таъмиқи бештари муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегиро имзо карданд.

Инчунин, Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой оид ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории зиддитеррористӣ дар мавриди мубодилаи иттилоот, инчунин созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи филмбардорӣ, оид ба ташкили пойгоҳи коркарди фулузоти нодир, қиматбаҳо ва ранга, оид Барномаи интернет платформаи усули назорати сифат, оид ба лоиҳакашӣ, таъмин, насб, роҳбарӣ, ба истифода додан ва истеҳсоли тамоми таҷҳизот барои коргоҳи сементбарорӣ ва оид ба таъсиси ширкати муштарак ва сохтмони объекти коркарди металлургияи ранга дар Тоҷикистон ба имзо расида, заминаи рушди устувори ҳамкориҳои ҷонибҳоро фароҳам намуданд.

Ҳангоми вохӯрӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои барҷаста дар таҳким робитаҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ миёни ду кишвар Раиси Хитой Си Ҷинпин мукофоти давлатии Тоҷикистон - “Ордени Зарринтоҷ дараҷаи 1” -ро дар вазъият тантанавӣ тақдим карданд.

Дар маҷмуъ, таҳлили ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар марҳалаи таҳқиқотӣ нишон дод, ки:

1. Ҳамкории тоҷикӣ-хитоӣ бо динамикаи баланди алоқаҳо дар сатҳи олӣ ва пойгоҳи назарраси аҳдномавӣ-ҳуқуқӣ тавсиф мегарданд. Асоси ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба зиёда аз 200 аҳднома ва созишномаҳоро дар

соҳаҳои мухталиф дар бар мегирад. Дар шумори санадҳои асосӣ Эъломияи муштарак дар бораи принсипҳои асосии ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Хитой (шаҳри Пекин, 9 марти соли 1993), Аҳднома дар бораи ҳусни ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, ки 15 январи соли 2007 дар шаҳри Пекин ва Эъломияи муштараки сарварони давлатҳои Тоҷикистон ва Хитой дар бораи истиқрори муносибатҳои шарикии стратегӣ (шаҳри Пекин 20 майи соли 2013) дохил мешаванд;[214, с. 174]

2. Муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар ибтидои солҳои 90-ум дар сатҳи паст буданд, зеро Тоҷикистон на танҳо ба истиқлолияти давлатӣ ёфт, балки қадамҳои аввалинро дар саҳнаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақили байналмилалӣ ниҳод;

3. Баъди рафъи чунин масъалаҳо ба мисли ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 90-ум, танзими баҳсҳои сарҳадӣ байни Тоҷикистон ва Хитой, ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳо бо суръати баланд инкишоф меёбад;

4. Бо талоши роҳбарияти Тоҷикистон ва Хитой гардиши тиҷоратӣ байни кишварҳои ҳамҷавор ҳамасола афзоиш меёбад. Агар соли 1992 ҳаҷми савдо байни давлатҳо $2,75 млн. долларро ташкил медод, пас дар соли 2021 новобаста аз таъсири пандемияи коронавирус табодули мол миёни ду кишвар ба $550 млн. доллар баробар гардид;

5. Айни замон дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 400 корхонаҳои хитойӣ амал менамоянд. Аз ҷониби ширкатҳои хитойӣ дар ҳудуди Тоҷикистон теъдоди зиёди лоиҳаҳои калонмиқёси инфрасохторӣ амалӣ гардиданд, ки бо сохтмони роҳҳои автомобилӣ, нақбҳо, хаттҳои интиқоли барқ, зеристгоҳҳо ва ғайра алоқаманд мебошад.

# БОБИ III. ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛАИ ТОҶИКИСТОН ВА ХИТОЙ ДАР СОҲАҲОИ МАОРИФ, ФАРҲАНГ ВА ДАР ДОИРАИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ

## 3.1. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии халқии Хитой дар соҳаи маориф ва фарҳанг

**а) Ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг:** Тавре Пешвои миллат ишора менамояд: “Эътирофи аслияти фарҳангии ҳар як халқ, ҳамзамон маънои даст кашидан аз фарҳанги тамоми Осиёро надорад. Ин омил муносибатҳои воқеан дӯстонаи моро бо тамоми аҳолии қитъа нишон медиҳад. Халқе нест, ки таъсир ва нуфузи тамаддун, сиёсат, фарҳанг ё иқтисоди давлати дигарро аз хориҷ эҳсос накунад” [72].

Ҳифзи муқаддаси анъанаҳои гузашта боиси рушди бесобиқаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой тайи даҳсолаҳои охир гардид ва имрӯз робитаҳои дуҷонибаи давлатҳо ҳамаҷониба буда, дар умум, тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти аҳолӣ ва ҷомеаро фаро мегиранд. Ҳамкориҳои инкишофёбандаи иқтисодӣ ҳар чӣ бештар раванди алоқаҳои мутақобиларо дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф, тиббу варзиш ва дигар соҳаҳо аз пайи худ кашонида истодааст ва он дар навбати худ, шавқи табақаҳои гуногуни ҷомеаи Тоҷикистон, пеш аз ҳама ҷавононро ба дарки мероси гузашта ва воқеияти ҳаёти имрӯзаи Хитой ташаккул медиҳанд.

Муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистон бо Хитой аз давраҳои қадим сарчашма мегирад. Омили фарҳангӣ бошад ҳамеша яке аз нақшҳои муайянкунандаро дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ бозӣ менамуд. Бо дар назардошти ин, давлатҳо ба сиёсати фарҳангии хеш ҳарчӣ бештар диққат медиҳанд. Зеро омили фарҳангии ин ё он давлат метавонад на танҳо ҳамчун абзори рушди дипломатия истифода гардад, балки метавонад воситаи муассири мубориза барои ҳифзи манфиатҳои миллии ин ё он давлат дар хориҷа гардад [29].

Барқарор гаридани муносибатҳои ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои манфиатбор миёни Тоҷикистон ва Хитой алоқаҳои ногусастаниро ҳамчунон дар соҳаи фарҳанг дар назар доранд. Чӣ тавре маълум аст, табодул ва ҳамкориҳои фарҳангӣ метавонанд боиси пурзӯркунии бародарӣ миёни халқҳои ҳарду давлат, устувории эътимод, манфиатборӣ ва баробарӣ, талош баҳри рушда эҳтироми гуногуншаклии фарҳангӣ гарданд.

Заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳоро миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи фарҳанг санадҳои зерин ташкил медиҳанд:

1) Моҳи декабри соли 1993 дар ш. Душанбе "Созишнома миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой дар бораи ҳамкориҳои фарҳангӣ" имзо карда шуд;

2) Моҳи майи соли 2005 дар ш. Душанбе "Барномаи табодули фарҳангӣ миёни Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Хитой барои солҳои 2005-2009" имзо карда шуд;

3) Моҳи августи соли 2007 дар ш. Бишкек миёни сарвазирони давлатҳои узви СҲШ "Созишнома миёни ҳукуматҳои давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар бораи ҳамкориҳои дар соҳаи фарҳангӣ" имзо карда шуд;

4) 28 августи соли 2008 дар ш. Душанбе Созишнома миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Дафтари асосии Институти Конфутсия дар бораи ҳамкорӣ ҷиҳати бунёди "Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсия дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" имзо шуд, ки бо номи МФТК дар назди ДМТ муаррифӣ гардид;

5) 2 сентябри соли 2015 "Барномаи табодули фарҳангӣ миёни Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Хитой" қабул гардид;[151, с. 205].

Дар ҳуҷҷатҳои ишорашуда ӯҳдадориҳое ба қайд гирифта шуданд, ки табодул ва алоқаҳоро дар тамоми соҳаҳои фарҳанг ва санъат, аз ҷумла, баргузории чорабиниҳои тантанавӣ, ташкили сафари ҳайатҳои ҳунарӣ,

таъсиси намоишгоҳҳо, таъмини ҳамкории фаъолияти чопхонаҳо ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Дар ин мухлати сипаришуда доир ба татбиқи санадҳои болозикр корҳои муайян амнҷом дода шуданд. Ҳамасола намояндаҳои фарҳангӣ, фаъолони санъат ва дастаҳои ҳунарии ҳарду кишвар дар конференсия, симпозиумҳо ва тантанаву намоишҳои байнамилалии фарҳангие, ки дар ҳарду давлат баргузор мегарданд, иштирок менамоянд ва инчунин, миёни давлатҳо чорабиниҳои ибратомӯзи фарҳангӣ дар бахшҳои мухталиф доир карда мешаванд.

Яке аз созишномаҳои муҳим миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи фарҳанг “Созишнома миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Хитой оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ аз соли 1993” ба ҳисоб меравад, ки дар ш. Душанбе ба имзо расида буд.

Дар асоси бандҳои Созишномаи мазкур Тоҷикистон ва Хитой вазифадор гардиданд, ки дар доираи салоҳиятҳои хеш барои тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои санъати театрӣ, мусиқӣ, расомӣ, ҳунари сиркбозӣ, китобдорӣ ва музейҳо шароити арзандаро бунёд намоянд. Инчунин, ҷиҳати ҳифзи объектҳои мероси таърихиву фарҳангӣ, дастгирии ҳунарҳои дастии мардумӣ, санъат ва ҳунармандии анъанавии халқӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ чорабиниҳои муштаракро роҳандозӣ намоянд.

Дар баробари ин, давлатҳо ба фаълияти марказҳои фарҳангӣ мусоидат намуда, фаъолияти фарҳангии халқу қавмҳое, ки дар ҳудудҳои воҳиди миллӣ-давлатии якдигар зиндагонӣ намекунанд, дастгирӣ менамоянд ва ба онҳо кумакҳои усулӣ, машваратӣ ва амалӣ мерасонанд. Тоҷикистон ва Хитой ҷиҳати мусоидат ба коркарди барнома ва лоиҳаҳои солонаи ҳамкориҳои фарҳангӣ, ташкили сафарҳои хориҷии ҳунармандони театр ва дастаҳои ҳунарӣ, бунёди низоми китобдорӣ-иттилоотӣ, феҳристҳои ҷорӣ ва муштариёни байни китобхонаҳо, табодули намоишҳои расомӣ ва ёдгориҳои

музейҳо (дар асоси созишномаҳои алоҳида), гузаронидани тантанаҳо, озмунҳо, конференсияҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо дар соҳаи санъати касбӣ ва эҷодиёти халқ вазифадор мегарданд [53].

Гузаронидаи Рӯзҳо ва Ҳафтаҳои фарҳангӣ, ташкили намоишҳои синамогарон, аксу наворҳо ва санъати расомӣ, сафарҳои мутақобилаи фаъолони фарҳанг ва санъат ба ҳукми анъана даромадааст. Дар телевизионҳои миллии Тоҷикистон ва Хитой филмҳои ҳуҷҷатӣ оид ба Тоҷикистон ва Хитойро намоиш медиҳанд; дар ш. Пекин аввалин таълифоти адабии нависандаҳои тоҷик дар мавзӯи Роҳи бузурги абрешим ва дар ш. Душанбе китоби шеърҳои собиқ Вазири корҳои хориҷии Хитой Ли Чжаосин "Як саду шаш аврок" ва китоби собиқ Вазири фарҳанги Хитой Сун Тзячжен "Талош ва орзуҳо дар фарҳанги муосири хитойӣ" ба табъ расиданд; ҳарчӣ бештар намоишҳои расомон ташкил мегарданд ва санъати ороишии тоҷик дар Хитой ба намоиш гузошта мешавад [84, с. 184].

Яке аз воқеаҳои муҳимми фарҳангии соли 2004 дар Тоҷикистон ташкили Рӯзҳои синамои Хитой ва намоиши расмҳои бадеии хитойӣ дар Осорхонаи миллӣ ба номи К. Беҳзод дар ш. Душанбе буд, ки ба ифтихори 55-умин солгарди таъсисёбии Хитой бахшида шуда буд. Намоиши филмҳои синамогарони Хитой дар ш. Душанбе барои тамошобинони тоҷик дастовардҳои синамоофарони хитойиро нишон дод, ки соли 2006 ҷашни 100-солагии он таҷлил карда шуд. Тамошобинони тоҷик умедворӣ намуданд, ки бародарӣ ва ҳамкории ду халқи ҳамсоя дар самтҳои синамоофарӣ дар оянда низ рушд хоҳад кард [182, с. 85].

Ҳарду давлат ба масъалаи ташкили намоишҳои санъати аккосӣ диққати махсус медиҳанд. Моҳи феврали соли 2003 бо дастгирии сафорати Хитой дар Тоҷикистон ва Ҷамъияти дӯстии тоҷикон ва ҳамкориҳои фарҳангӣ (ҶДТҲФ) бо кишварҳои хориҷӣ дар Осорхонаи миллӣ ба номи К. Беҳзод бори аввал намоишномаи "Роҳи бузурги абрешим – фарҳанги Хитой" кушода шуд. Ин намоишнома доираи васеи ҷамъиятиро бо гуногуншаклии фарҳанги кишвари

зери Осмон ва таърихи Роҳи бузурги абрешим, ки дар давраҳои тӯлонии таърихӣ ҳамчун пуле миёни Шарқ ва Ғарб хизмат менамуд, ошно намуд. Дар шаҳрҳои Урумчи ва Пекин (26-28 декабир соли 2004 ва 6-8 январи соли 2005 мутаносибан) сафорати Тоҷикистон дар Хитой бо дастгирии Ҷамъияти дӯстии тоҷикон ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ намоиши синамогарони машҳури тоҷик, ҳунарманди хизматнишондодаи фарҳанги Тоҷикистон Заур Доҳтиро зери унвонии “Шиносои бо Тоҷикистон” ба маърази тамошо гузошт. Ин намоишгоҳ ба 13-солгарди барқароргардии муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой бахшида шуда буд [188, с. 148].

Доир ба гуногунрангӣ ва мазмуни баланд доштани ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой намоишгоҳи мусавварaҳои “Тоҷикистон-Хитой: дӯстии абадӣ – рушди умумӣ” шаҳодат медиҳад, ки он 9 январи соли 2007 дар ш. Пекин ифтитоҳ гардид ва ба ифтихори сафари давлатии Эмомалӣ Раҳмон ба Хитой ва 15-солагии барқароргардии муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар бахшида шуда буд. Шиносоӣ аз намоишгоҳи мусавварaҳо ба тамошобинон имкон дод, ки ба лаҳзаҳои таърихии ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой ворид гарданд ва бо дурнамои рушди онҳо шиносоӣ пайдо намоянд. Дар маърази намоишгоҳи мусавварaҳо 128 нигора лаҳзаҳои аз ҳама муҳимми ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитойро дар давоми 15 соли охир инъикос менамуданд [182, с. 85].

26 феврали соли 2014 дар Ҷамъияти дӯстии Пекин бо кишварҳои хориҷӣ намоишгоҳи мусавварaҳо зери унвони “Тоҷикистон ва Хитой дар манзараи таърих” кушода шуд, ки он ба 20-солгарди аввалин вохӯрии сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Хитой (9 марти соли 1993) бахшида шуда буд. 19 ноябри соли 2015 бошад дар ш. Пекин намоиши албоми мусавварaҳои “Эмомалӣ Раҳмон. Ҳадафи созандагӣ” баргузор гардид [246]. Ин омил аз эҳтироми сатҳи баланди халқи Хитой нисбат ба Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва умуман, халқи тоҷик далолат мекунад.

Дар моҳи марти соли 2007 бо як комёбии бузург Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Хитой гузаронида шуд.

Чӣ тавре Р. Алиева менависад: “Воқеаи бузург дар ҳаёти маънавии ду халқи бародар ташкили Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Хитой (21-26 майи соли 2007) гардид, ки ба 15-солгарди рӯзи барқароргардии муносибатҳои дуҷонибаи дипломатӣ бахшида шуда буд. Ин чорабинӣ аз тарафи Сафорати Тоҷикистон дар Хитой дар ҳамбастагӣ бо Вазорати фарҳанги Хитой баргузор гардид ва дар доираи он консерти дастаҳои ҳунарӣ ва намоиши эҷодиёти расомони Тоҷикистон пешбинӣ шуда буд. Намоиши мусаввараҳои расомони тоҷик ва намоиши аксу нигораҳо зери унвони “Тоҷикистони муосир” дар китобхонаи машҳури Пекин “Шоуду” доир гардид. Дар ин намоишгоҳ 51 мусаввара ва 50 аксу нигораҳои расомони муосири Тоҷикистон, ҷаҳони бурсарвати маънавии халқи тоҷик ва муҳити табиии хосси Тоҷикистонро инъикос намуданд. 22 май дар ш. Пекин дар театри Тян Тсзяо консерти ҳунармандони санъати Тоҷикистон доир гардид.

Ҳайати гурӯҳҳои эҷодии тоҷик дили тамошобинони Пекинро тасхир карда, ба тамошобинони кишвари зери Осмон гуногунрангӣ, зебоӣ ва ғановати ҳунари халқи тоҷикро нишон доданд ва бо ҳунар ва санъати баланд дили мухлисонро тасхир намуданд” [182, с. 86].

Барномаи табодули фарҳангӣ миёни Вазрати фарҳанги Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Хитой барои солҳои 2005-2009 дар моҳи майи соли 2005 имзо шуда буд. Ин барнома ба фаъолгардонии ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг мусоидат намуд.

Дар чаҳорчӯбаи татбиқи ин барнома соли 2006 дар Тоҷикистон намоишгоҳи асбобҳои мусиқии Хитой ташкил гардид ва дар шаҳрҳои Душанбе ва Турсунзода консерти гурӯҳҳои эҷодии Хитой доир гардид. Дар моҳи августи соли 2008 Рӯзҳои фарҳангии Хитой дар Тоҷикистон бо як тантанаи хосса гузаронида шуд, ки дар доираи он Рӯзҳои синамои Хитой дар

Тоҷикистон доир гардид. Бо чунин муваффақиятҳо Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон низ дар Хитой анҷом пазируфтанд [44].

Дар соли 2007 ҳангоми баргузории Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Хитой, фаъолони фарҳангии Хитой ба мундариҷаи Рӯзҳои фарҳангӣ – намоишгоҳи санъати расомии муосири Тоҷикистон, баромади консертии ҳунармандони санъат ва сарояндаҳои ҷавони мо дар саҳнаҳои гуногун диққати беандоза медоданд. Барои тамоми ҳайати ҳунармандон шароити хуби будубош ва барномаи фарҳангии такрорнашаванда муҳайё сохта шуда буд.

Моҳи августи соли 2008 пас аз сафари давлатии Роҳбари Хитой ҷаноби Ху Сзинтао ба Тоҷикистон боз як воқеаи муҳимми дигар рух дод. Дар Кохи Ваҳдат ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳангии Хитой баргузор гардид. Чун рамзи эҳтиром, қадрдонии дӯстон ва фарҳанги Хитой ҷониби Тоҷикистон ду ҳадияи ногаҳонии зеринро омода намуд: аввал – китоби Сун Сзячжен “Талош ва орзу дар фарҳанги муосири Хитой” бо забои тоҷикӣ тарҷума ва нашр карда шуд. Иқтибос аз ин китоб: “Фарҳанги беҳтарин, илман асоснокшуда рӯҳияи маънавиро барои рушди ҷомеа чарх мезанонад. Он барои ҳақиқат, некӣ, зебоӣ ва сипас бетағйир ҳам барои озодагии қалби инсон, барқарории робитаҳои неки инсон ва умуман, барои беҳтаргардии шароити зист ва рафтори одамон, баландбарории сатҳи фарҳангии ҷомеа дар ҳаёт талош менамояд. аз фарҳанг албатта миллат вобаста аст. Вазифаҳои тарбиявӣ, маърифатӣ ва қоидаҳои рафтори он ноайён ва бесаддо иҷро мегарданд”. Ба сифати тӯҳфаи дуюм, ба меҳмонони олимақом аз кишвари зери Осмон ва тамошобинони Рӯзҳои фарҳангӣ Вазорати фарҳанги Тоҷикистон намоишгоҳи олии нақшу нигораҳоро зери унвони “Хитой аз нигоҳи аксбардорони тоҷик” ташкил карда шуд, ки дар доираи он осори диққатҷалбкунандаи пурҷилои таърихи гузашта ва имрӯзаи Хитой ба намоиш гузошта шуд [16].

Рушди нави гуфтугӯҳои байнифарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соли таҷлил аз 20-солгарди истиқлолияти Тоҷикистон ба вуҷуд омад.

Зеро моҳи феврали соли 2010 дар сомонаи расмии маҷалаи “Жэнмин Жибао” саҳифаи махсуси дузабона “Тоҷикистон-Хитой: гуфтугӯи фарҳангӣ” кушода шуд, ки аз маводи он даҳҳо ҳазор хонандагони хитойӣ ва русзабон ҳамарӯза истифода мебаранд [82, с. 273].

Ба ифтихори 20-солгарди истиқлолияти Тоҷикистон ду гурӯҳи ҳунармандон аз Хитой бо барномаҳои аҷибу рангини хеш ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Дар ҷавоб ба ин, сафари ҳунармандони ансамбли рақсии “Лола” ба Хитой сурат гирифт [5].

Ба ифтихори 27-солгарди барқарории муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон дар Хитой дар маркази маъмурии музофоти Шэнси – шаҳри таърихии Сиан, намоишгоҳи нақшу нигораҳо зери унвони “Тоҷикистон ва Роҳи бузурги абрешим” кушода шуд. Намоишгоҳ бо ибтикороти Сафорати Тоҷикистон дар Хитой ва Маркази омӯзиши таърихи Тоҷикистони Донишгоҳи омӯзгории Шэнси ташкил карда шуд. Намоишгоҳ аз шаш қисм – алоқаҳои байналмилалӣ дар сатҳи олӣ, манзараҳои табии Тоҷикистон, анъанаҳои миллӣ, иншоотҳои фарҳангӣ-меъморӣ ва инчунин чорабинии Маркази омӯзиши таърихи Тоҷикистони Донишгоҳи омӯзгории Шэнси иборат буд [261].

Тайи солҳои 2014-2019 Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Хитой баргузор гардиданд. Дар раванди онҳо, санъати рақсӣ ва мусиқии тоҷикӣ ба тамошобинони хитойӣ аз ҷониби ансамблҳои рақсии “Гулрез”, ансамбли халқии “Дарё” ва инчунин ҳунармандони машҳури санъати мусиқи Тахмина Ниёзова, Шарофат Усмонова, Хуршед Иброҳимов, Ҳақназар Аловатов, Давлат Назриев ва дигарон намоиш дода шуд. Дар доираи баргузории Рӯзҳои фарҳангӣ дар маҷмааи консертии “Ҳафтуми феврал” вохӯрии муовини аввали Вазири фарҳанги Тоҷикистон Обидҷон Назариён бо муовини Вазири фарҳанг ва сайёҳии Хитой Чанг Су доир гардид [237].

Зимни ин вохӯрӣ масъалаҳои рушди алоқаҳои фарҳангӣ миёни ду давлат баррасӣ гардиданд. Чанг Су махсусан қайд намуд, ки алоқаҳои

фарҳангӣ дар ҳамкорҳои мутақобилаи ду давлат мавқеи хосса доранд. Ҷониби Тоҷикистон бошад лоиҳаи нави Барномаи табодули фарҳангиро миёни давлатҳои ҳамсоя муаррифӣ намуд. Пас аз вохӯрӣ роҳбарони гурӯҳҳои ҳарду давлат ва намояндагони корпуси дипломатии муқими ш. Пекин ба намоишгоҳи расомӣ ва нигораҳо зери унвони "Тоҷикистони муосир" ташриф оварданд [17].

Чӣ тавре маълум аст, гузаронидани Рӯзҳои фарҳангӣ, табодул ва ҳамкориҳои фарҳангӣ метавонанд боиси мустаҳкамгардии дӯстӣ миёни халқҳои ду давлати ҳамсоя гарданд. Маҳз дар соҳаи фарҳанг ҳама чиз намоёнтар аст, зеро робитаҳо дар ин соҳа васеътар ва наздиктар гардида, мисле, ки ҳадафи олӣ ва ҳасанаи хешро ҷиҳати пойдории дӯстии халқҳои кишварҳоямон иҷро менамояд.

Боиси қайд аст, ки 17 декабри соли 2019 дар ш. Пекин маросими расмии ифтитоҳи Маркази табодули фарҳангии Тоҷикистону Хитой баргузор гардид, ки бо шарофати талошҳои муштараки Сафорати Тоҷикистон дар Хитой ва Донишгоҳи шаҳрии Пекин таъсис дода шуд.

Зимни маросими ифтитоҳӣ Сафири Тоҷикистон дар Хитой Парвиз Давлатзода қайд намуд, ки кушодашавии Марказ ва ташкили фаъолияти он бевосита ба рушди ҳамкориҳои башардӯстона миёни кишварҳо мусоидат хоҳад кард. Мувофиқи суханронии Сафир дар назди Марказ якчанд нақшаҳо ва яккатор ҳадафҳо истодааст. Ӯ қайд намуд, ки "Ин пеш аз ҳама тарғиби омӯзиши забон, таърих, фарҳанги тоҷикӣ ва санъату ҳунари халқи тоҷик, татбиқи барномаи умумии таълим, гузаронидани форумҳои мухталиф, намоишгоҳҳо, консертҳо, вохӯриҳои эҷодӣ, презентатсияҳо ва чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ мебошанд". "Марказ ба ташкилотҳо ва шаҳрвандони Тоҷикистону Хитой зимни барқароркунии алоқаҳо дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла, дар робитаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, илмиву техникӣ, тиббӣ ва тиҷоративу иқтисодӣ кумакҳои иттилоотӣ хоҳад расонид", - илова намуд дипломат. Ректори Донишгоҳи шаҳрии Пекин Лю Лин дар маросими

кушодашавӣ умедворӣ намуд, ки Марказ саҳнаи нав ҷиҳати таҳкими дӯстӣ миёни ҷавонони Тоҷикистону Хитой хоҳад шуд [238].

Қайд кардан зарур аст, ки саҳми назарраси хешро дар рушди робитаҳои фарҳангӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ-фарҳангии ҳарду давлат низ мегузоранд. Сол то сол ҳамкориҳои Ҷамъияти дӯстии тоҷикон ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо Ҷамъияти дӯстии Хитой ва робитаҳои фарҳангӣ дар ш. Урумчи ва Ҷамъияти дӯстии халқҳои дар ш. Пекин тақвият меёбанд.

Алоқаҳо, вохӯриҳо ва табодули фарҳангӣ тавассути ин ташкилотҳо "дипломатияи халқи" – и ду давлатро ғанӣ гардонида, ҳамчун ниҳодҳои мустақил дар самти тавсеаи робитаҳои фарҳангӣ ва таҳкими ҳамдигарфаҳмии халқҳои ҳамсоя баромад менамоянд. Дар ҷараёни вохӯрии аввал, ки моҳи феврали соли 2006 дар ш. Пекин доир гардид, роҳбарияти "дипломатияи халқи" – и Тоҷикистон ва Хитой Барномаи ҳамкориро миёни Ҷамъияти дӯстии тоҷикон ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва Ҷамъияти халқии дӯстии Хитой бо давлатҳои хориҷӣ барои солҳои 2006-2007 ба имзо расониданд [182, с. 86].

б) **Ҳамкориҳо дар соҳаи маориф**: Дар таърихи маорифи кишвар ва низоми давлатдории тоҷикон пас аз ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ Тоҷикистон ва бо пешбурди сиёсати оқилонаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибати сифатан нав ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи маориф пайдо гардида, инъикоси худро дар Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дигар пайдо намуданд. Новобаста аз марҳалаи душвор ва вазнини гузаришӣ, Ҳукумати Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун самти афзалиятноки рушди давлат дар зери назорат ва ҳифзи худ қарор дод [249].

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд менамояд, ки "Танҳо ҳамон халқе метавонад давлати хешро арзанда идора намояд, ки оид ба рушди илм ва маориф ғамхорӣ менамояд" [73, с. 36].

Чӣ тавре дар диссертатсияи У. Атақулаев ишора шудааст: “Дар солҳои истиқлолият барои пойдории заминаҳои ҳуқуқӣ ва пояҳои қонунгузории ин соҳа Қонуни Тоҷикистон “Дар бораи моариф” (27 декабри соли 1993 ва тарҳи нав аз 17 майи соли 2004), Қонуни Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти касбии ибтидоӣ” ва Қонуни Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти касбии олӣ ва касбии миёна”, Консепсияи миллии маорифи Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия ва дигар санадҳо қабул гардиданд, ки дар маҷмуъ, дар ин соҳа беш аз 150 санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии муассисаҳои таълимӣ коркард ва омода гардиданд. Бе шубҳа, тамоми ин ҳуҷҷатҳо ва қонунҳо ба талаботи санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд” [169, с. 3].

Миёни Тоҷикистон ва давлатҳои ҷаҳон теъдоди зиёди карордод ва созишномаҳо дар ин соҳа баста шуданд. Тайи солҳои охир, робитаҳои Тоҷикистон бо Хитой дар соҳаи маориф рушд карда истодааст.

Тавре Р. Олимов қайд менамояд: “Заминаҳо барои ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой дар соҳаҳои маориф ҳанӯз моҳи марти соли 1993 зимни аввалин вохӯрии роҳбарони Тоҷикистон ва Хитой гузошта шуданд. Дар натиҷаи он, Эъломияи муштарак доир ба усулҳои асосии муносибатҳои мутақобила миёни Тоҷикистон ва Хитой имзо шуд. Дар он аз ҷумла, дарҷ гардида буд, ки кишварҳо барои “мусоидат ба тавсеаи ҳамкориҳо миёни ду давлат дар соҳаҳое чун илму маориф” талош хоҳанд намуд” [82, с. 275].

Заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои маорифро санадҳои зерин ташкил менамоянд:

1. Эъломияи муштарак доир ба усулҳои асосии муносибатҳои мутақобила миёни Тоҷикистон ва Хитой аз моҳи марти соли 1993;

2. Созишнома миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Хитой доир ба корҳои маориф аз 16 сентябри соли 1996;

3. Созишнома миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Хитой аз 1 феврали соли 2002;

4. Протоколи иловагӣ ба Созишнома миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Хитой аз 15 январи соли 2007;

5. Созишнома миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Дафтари асосии Институти Конфутсия оид ба ҳамкориҳо дар бунёди “Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсия дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, ки бо номи “МФТК дар назди ДДМТ” маълум аст (ш. Душанбе 20 августи соли 2008);

6. Созишнома оид ба ҳамкорӣ миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Синтсзян (Урумчи, Вилояти мухтори Синтсзян-Уйғур, Хитой аз 17 июни соли 2010) [28].

Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Хитой бо такя ба решаҳои дӯстии таърихӣ миёни халқҳои ҳарду кишвари ҳамсоя, бо назардошти анъанаҳои неки алоқаҳои Тоҷикистону Хитой, бо дарки манфиати мутақобила дар ҳамкориҳои баробарӣ, кушиш менамоянд, ки муносибатҳои манфиатборро дар соҳаҳои маориф дастгирӣ ва инкишоф диҳанд. Инчунин, дар муносибатҳои мутақобила ва сиёсати хеш дар соҳаи маориф афзалияти арзишҳои умумиинсониро эътироф намуда, омодагии худро ба ҳамкориҳои муфиди мутақобила дар асоси Созишнома оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи маориф аз 16 сентябри соли 1996 баён намуданд [55].

Дар моддаи 1-уми Созишнома оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи маориф миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Хитой доир ба корҳои маориф қайд гардидааст, ки:

“Ҷонибҳо ҳамкориҳоро дар соҳаҳои зерин татбиқ хоҳанд кард:

-табодули хонандагон ва коромӯзон бо таъмини шароити зарурӣ барои таълим ва бозомӯзии онҳо;

-ҳамкориҳо дар самти омӯзиш ва паҳни забонҳои тоҷикӣ ва хитойӣ дар ҳарду давлат;

-интишори муштараки фарҳанги истилоҳоту луғатҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ” [51].

Аз соли 1993 Ҳукумати Хитой ба донишҷӯёни тоҷик ҳамасола идрорпулиҳои давлатӣ пешниҳод менамояд ва шумораи онҳо дар соли таҳсили 2013-2014 ба 92 адад баробар буд, ки 60 адади онҳо ба донишҷӯёни беҳтарини Институти давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ва Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон барои гузариш аз курси як солаи омӯзиши забони хитойӣ пешниҳод карда шуданд.

Дар даҳҳаи аввали барқарории муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой, миёни ҷавонони тоҷик майли зиёди истифода аз имконияти таҳсил дар Хитой ба назар намерасид ва сабабҳои зеринро низ дошт: мавҷуд набудани алоқаи мустақими ҳавоӣ, роҳи оҳан ва нақлиётӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой, сатҳи пасти фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузории ширкатҳои Хитой дар Тоҷикистон, холигии иттилоотӣ, инчунин, таҷрибаи манфии хатмкунандагони авваини донишгоҳҳои Хитой, ки ба Тоҷикистон бар гашта, имкониятҳои истифолаи донишҳои худро дар ватан пайдо карда наметавонистанд. Дар давоми аз соли 1993 то соли 2005 ба донишгоҳҳои Хитой танҳо 265 донишҷӯёни ҷавон аз Тоҷикистон дохил шуданд [183, с. 138].

Баъди ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ ва кушода шудани хатсайрҳои ҳавоии доимӣ миёни шаҳрҳои Тоҷикистон ва Хитой роҳи донишҷӯёни ҷавони тоҷик ва хитойиро ба муассисаҳои олии таълимии ҳарду давлат кушода намуд.

Чӣ тавре Р. Олимов қайд менамояд: “Дар давоми солҳои 2006-2011 аллакай 3677 ҷавонон аз Тоҷикистон дар донишгоҳҳои Хитой ба сифати донишҷӯ қабул гардиданд. Бинобар ин, шумораи донишҷӯён дар Хитой дар давоми аз соли 1993 то ба соли 2011 тақрибан 300 маротиба зиёд шудааст. Шумораи зиёди донишҷӯёни тоҷик аз ҳисоби худ таҳсил менамуданд.

Мувофиқи маълумоти Вазорати маорифи Хитой дар соли таҳсили 2012-2013 шумораи умумии донишҷӯёни тоҷике, ки дар муассисаҳои олии таълимии ин кишвар таҳсил менамуданд, тақрибан ба 1389 нафар баробар гардид, ки аз ин шумора танҳо 285 ҷавонписар ва ҷавондухтар дар асоси

идрорпулиҳои давлатии аз тарафи Ҳукумати Хитой пешниҳодшуда сафарбар шуда буданд" [82, с. 275].

Чӣ тавре маълум аст, дар асоси Созишнома миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи маориф ҳамасола Ҳукумати Хитой барои шаҳрвандони Тоҷикистон ҷиҳати таҳсил квотаҳо ҷудо менамояд. Муҳасилин метавонанд пас аз гузаштан аз мусоҳиба бо намояндагони Хитой ва Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии Хитой таҳсил намоянд. Масалан, аз соли 2009 то соли 2015 – 477 донишҷӯи тоҷик дар асоси квотаҳо дар донишгоҳҳои гуногуни Хитой таълим гирифтанд. Аз ин шумора, 85 нафар бо идрорпулии докторантура, 47 нафар бакалавр, 215 нафар курси як солаи омӯзиши забон ва 51 нафари дигар курси шашмоҳаи омӯзиши забонро соҳиб шуданд.

Дар баробари ин, Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсий барои 144 донишҷӯ ҷиҳати таҳсил ва забономӯзӣ квотаҳои махсус ҷудо намуд [6].

Донишҷӯёни тоҷик дар Хитой падидаи нисбатан назаррас гардидаанд ва ҳамчун ҷузъи муҳимми мустаҳкамкунандаи пайвандҳои анъанавии дӯстӣ ва ҳамкориҳо миёни ду давлат баромад намуда, интиқолдиҳандаи фарҳанг ва санъати тоҷик дар кишвари иқомат ба шумор мераванд. Дар соли 2009, бори аввал дар таърих авҷи таҳсили донишҷӯёни ҷавони Тоҷикистон дар Хитой ба вуҷуд омад.

Бо истиқрори алоқаҳо миёни мақомотҳои дахлдори Тоҷикистон ва Хитой, зиёда аз 3 ҳазор донишҷӯёни тоҷик дар беш аз 112 муассисаҳои мухталифи таҳсилоти олии Хитой таҳсили илм намуданд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон шуъбаҳои омӯзиши забони хитойӣ кушода шуда, инчунин шаҳрвандони Хитой дар донишгоҳҳои гуногуни Тоҷикистон таҳсил менамоянд [151, с. 206].

Воқеаи дигари хотирмон дар соли 2009 бори аввал дар таърих ҷамъомади донишҷӯёни ҷавони Тоҷикистон, ки дар Хитой таҳсил намуданд, доир гардид, ки аз ин пас он ҳамасола дар моҳи декабр даъват карда

мешавад. Ин ҷамъомади ҷавонон дар соли 2009 боз як анъанаи фарҳангии дигар – “Хониши зардолу” - ро асос гузошт. Маркази баргузории ҷашнвора боғи дӯстии зардолуи Тоҷикистону Хитой гардид, ки ҳанӯз 20 марти соли 2006 дар ҳудуди Донишгоҳи аграрии Пекин таъсис ёфта буд. Боғи зардолу яке аз рамзҳои дӯстии абадӣ ва шикастнопазири халқҳои тоҷику хитойӣ гардид [207].

Дар заминаи моддаҳои Созишнома дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи маориф, Тоҷикистон ва Хитой ҳамкориҳои фаъолро дар самтҳои ишорашуда пеш бурда истодаанд ва агар дар соли 1993 Кумитаи давлатӣ доир ба идрорпулиҳои Хитой ба донишҷӯёни тоҷик барои 5 ҷой квота ҷудо карда бошад, пас дар соли таҳсили 2018-2019 барои таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии Хитой беш аз 350 квота ҷудо карда шуд ва ин рақам ҳамасола афзоиш ёфта истодааст [7].

Дар асоси Созишнома миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Хитой дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи маориф аз 1 феврали соли 2002, шумораи умумии идрорпулиҳо барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии Хитой аз 15 нафар зиёд набуд. Вале пас аз панҷ сол Протоколи иловагӣ ба Созишнома миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Хитой дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи маориф қабул гардид, ки дар асоси он шумораи идрорпулиҳо доир ба табодули донишҷӯён аз ҳар ҷониб ду баробар зиёд гардида, ба 30 нафар дар як сол баробар гардид [151, с. 207].

Донишгоҳҳои аз ҳама машҳур миёни донишҷӯёни тоҷик Донишгоҳи давлатии Синтсзян, Донишгоҳи омӯзгории Синтсзян, Донишгоҳи тиббии Синтсзян, Донишгоҳи хоҷагии қишлоқи Синтсзян, Донишгоҳи молияи Синтсзян, Донишгоҳи саноати нафтӣ ва кимиёвии Ляонин, Донишгоҳи фарҳанг ва забонҳои Пекин, Донишгоҳи Ҷанчун, Донишгоҳи халқии Хитой ва ғайраҳо ба шумор мерав止 [84, с. 187].

Хурсандиовар аст, ки табодули донишҷӯён на танҳо аз як тараф сурат мегирад: тайи солҳои охир донишгоҳҳои Хитой ҳарчӣ бештар аз имкониятҳои шарикони тоҷик барои коромӯзии донишҷӯёни худ истифода менамоянд. Масалан, Донишгоҳи омӯзгории Синтсзян ҳамасола донишҷӯёни худ – забоншиносонро барои таҷрибаи шашмоҳа барои тақвияти донишҳои аз барнамудаашон аз фанҳои “забони тоҷикӣ ва забони русӣ” ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон равон менамоянд [82, с. 281].

Чӣ тавре академик Т. Назаров ишора менамояд: “Хитой ҳарсол барои таҳсил дар донишгоҳҳои кишварҳои ғарбӣ теъдоди зиёди донишҷӯёнро сафарбар менамояд, ки пас аз хатми таҳсил, чун қоида ба ватан бар мегарданд. Ба онҳо дар ширкатҳо, корхонаҳо, идораҳо ва дигар сохторҳои бонуфуз кор пешниҳод менамоянд.

Чунончӣ, танҳо дар соли 2016 шумораи ҷавонони барои таҳсил ба донишгоҳҳои кишварҳои ғарбӣ сафарбаршуда, тақрибан 250 ҳазор нафарро ташкил намуд. Чӣ тавре ишора гардид, хитойиҳо дар кишварҳои ғарбӣ баъди хатми донишгоҳ дар хориҷа боқӣ намонда, кушиш менамоянд, ки ба ватан баргарданд ва бо ин роҳ сафи элитаи зеҳнии давлатро зиёд гардонанд” [202, с. 18].

Дар моддаи 4-уми Созишнома миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Хитой дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи маориф аз 1 феврали соли 2002 чунин ишора шудааст: “Дар асоси талаботҳои хеш, Ҷонибҳо (Тоҷикистон ва Хитой) метавонанд омӯзгорони забонӣ ва омӯзгорони ихтисосҳои дигари давлати Ҷонибро барои фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳҳо ё дигар муассисаҳои таълимии давлати хеш даъват намоянд. Чун қоида, мӯҳлати фаъолити омӯзгорӣ 2 солро ташкил медиҳад.

Ҷониби равонкунанда роҳкирои омӯзгори давлати хешро бо аъзои оилааш аз пойтахти давлатӣ худ то пойтахти давлати Ҷониби қабулкунанда пардохт менамояд. Ҷониби қабулкунанда омӯзгори давлатии Ҷониби дигарро бо аъзои оилааш бемаблағ бо ҳуҷҷатҳои раводидӣ, ҳуҷра ё хона бо тамоми

шароитҳо (талаботҳои асоси истиқоматӣ – оинаи нилгун, яхдон ва ғайраҳо) ва расонидани кумакҳои зарурии тиббӣ таъмин намуда, маоши ҳармоҳаи омӯзгорро дар асоси қоидаҳои амалкунандаи давлатии худ пардохт менамояд” [52].

Ҳамдигарфаҳмӣ ва барқарории муносибатҳои эътимоднок миёни шарикон аз забони муошират – пуле, ки имконияти барқароргардии алоқаҳоро миёни фарҳанг ва тамаддунҳои гуногун фароҳам меорад, оғоз мегардад. Дар саргаҳи ду ҳазорсола забони муошırати байналмилалӣ дар сайёра забони англисӣ буд. Аммо аз даҳҳаи аввали асри XXI вазъият пайваста тағйир ёфта истодааст.

Забони хитойӣ, яке аз шаш забонҳои расмии СММ ба ҳисоб рафта, фазои забоншиносии ҷаҳонро бо маром ишғол карда истодааст. Имрӯз онро метавон бо як бовари комил забони муошırати байналмилалӣ дар минтақаи паҳновари Осиёии уқёнуси Ором (МОУО) номид ва дар солҳои охир забони аз ҳама машҳур дар сайёра ба ҳисоб меравад. Омили объективии афзоиши нуфузи Хитой ва забони хитойӣ равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди бо суръати воситаҳои нақлиёт ва алоқа мебошанд, ки олами моро ба як “деҳаи умумиҷаҳонӣ” табдил додаанд ва дар он ҳар як панҷумин одам бо забони хитойӣ ҳарф мезанад [183, с. 250].

Барои омӯзиши забони хитойӣ дар Тоҷикистон Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсий бунёд гардид. Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсий дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси созишнома миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Дафтари Институти Конфутсия 27 августи соли 2008 таъсис дода шуд.

Дар асоси Созишномаи мазкур Донишгоҳи омӯзгории Синтсзяни Хитой ҳамчун шарики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бунёди Марказ эътироф гардид. 17 июни соли 2009 маросими расмии ифтитоҳи Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсий дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳадафи асосии Марказ таълим ва тадриси забони хитойӣ ба

хоҳишмандон ва дар ин чаҳорчӯба шинос намудани онҳо ба урфу одат ва фарҳанги халқи хитойӣ мебошад. Ба курсҳои забономӯзӣ донишҷӯён новобаста аз сину сол қабул карда мешаванд.

Дар ибтидои таъсиси Марказ танҳо 4 муаллим аз Хитой барои тадриси забони хитойӣ ҷалб шуда буд, аммо ҳоло шумораи омӯзгорон ба 23 нафар мерасад. Дар Марказ барои омӯзиши забони хитойӣ беш аз 200 нафар дар 13 гурӯҳҳо ҷалб шудаанд, ки ба онҳо 6 омӯзгор аз Хитой дарс мегӯянд. Дарсҳо дар як ҳафта се рӯзро дар се баст дар бар мегиранд. Омӯзгорони хитойии ин Марказ дар Институти давлатии забонҳо ба номи С. Улуғзода, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара ва дигар муассисаҳои таълимӣ дарс мегӯянд [11].

Аз соли 2009 то соли 2020 дар доираи барномаҳои гуногуни маркази таълимӣ зиёда аз 6000 дарсҳои забони хитоӣ барои шунавандагони тоҷик баргузор гардид. Шумораи нафароне, ки соҳиби идрорпулӣ гардиданд ба 200 нафар расида, аз онҳо 40 донишҷӯи бакалавр, 70- аспирант ва 100 нафар шунавандагон ба Хитой барои таҳсили яксола ба донишкада ва донишгоҳҳои хитойӣ сафарбар гардиданд [173, с. 18].

Рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ, дар ифтитоҳи марказҳои Конфутсия, ки дар заминаи донишгоҳҳои давлатӣ фаъолият менамоянд фаҳмида мешаванд. Шумораи онҳо натанҳо дар кишвари мо балки дар Қазоқистон 5- адад, Қирғизистон 4-адад, Узбекистон фаъолият менамоянд.

- Шумораи донишҷӯёни тоҷик низ дар Хитой назаррас мебошанд. Дар соли таҳсили 2013/2014 дар муассисаҳои таълимии хитойӣ донишҷӯёни тоҷике, ки тибқи бурсияҳои Хитой сафарбар гардидаанд 122 нафарро ташкил намуд. Солҳои таҳсили 2015/2016 Хитой барои донишҷӯёни тоҷик 64 ҷой барои омӯзиши забон ва 105 ҷой барои таҳсил дар зинаи бакалавриат, инчунин 20 ҷойи дигар барои таҳсили магистратура пешниҳод намудааст. Тамоми имкониятҳои таҳсил дар Хитой аз ҳисоби буҷаи давлат буда, соли

2017 шумораи ҷойҳои пешниҳодгардида барои таҳсил 189 адад ва соли 2018 он ба 298 нафар расид [268, с. 41].

Маркази Конфутсий дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар зарфи 10 сол зиёда аз 10 ҳазор нафарро ба таҳсил фаро гирифтааст. Дар кишвар ҳатто "рӯзи интситути Конфутсия" таҷлил карда мешавад, ки он санаи 29 сентябри соли 2015 дар Душанбе ҷанш гирифта шуд. Фаъолияти марказҳои Хитой бо пойтахти Тоҷикистон маҳдуд нагардида, 21 августи соли 2015 дар шаҳри Чкаловски вилояти Суғд маркази Конфутсий кушода шуд [268, с. 40].

Ҳоло дар Тоҷикистон талабот нисбат ба омӯзиши забони хитоӣ сол то сол меафзояд. Барои мисол, агар дар давраи солҳои 1994-2004 дар Хитой тайёрии забониро 199 нафар аз Тоҷикистон мегирифт, пас ин нишондод дар давраи то соли 2020 зиёда аз – 978 донишҷӯро ташкил менамуд [173, с. 18].

Самти дигари муносибатҳои мутақобила миёни кишварҳо дар соҳаи маориф таъмини алоқаманди миёни донишгоҳҳои тоҷикӣ ва хитойӣ ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи иқдоми "Ширкати саноати кӯҳкории Тоҷикистону Хитой" (ШСКТХ) дар соли 2018 ҳайати бузурги намояндагони се донишгоҳҳои пешсафи Хитой бо сафари корӣ ва шиносоӣ ба шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ташриф оварданд. Дар доираи ин сафар, намояндагони Донишгоҳи илм ва техникаи Кунмин, Донишгоҳи Шимол-Ғарб ва Донишгоҳи Ланчжоу бо мақсади пойдории ҳамкориҳои илмӣ, рушди алоқаҳои мутақобила миёни донишгоҳҳои тоҷикӣ ва хитойӣ дар соҳаҳои омӯзгорӣ ва таҳқиқоти илмӣ бо муовини сарвазири Тоҷикистон Азим Иброҳим, бо роҳбарияти Вазорати маориф ва илм, Вазорати саноат ва технологияҳо, ректорони донишгоҳҳои Хуҷанд ва бо доираи намояндагони илмии вилояти Суғд вохӯриҳо доир намуданд.

Бо мақсади бастани Меморандум оид ба ҳамкорӣ, муҳокимаи дурнамои ҳамкориҳо ва иштирок дар маросими имзои созшнома миёни "ШСКТХ" ва

донишҷӯёне, ки барои таҳсил ба донишгоҳҳои хитойии дар боло номбаршуда сафарбар шудаанд, ҳайати намояндагони Хитой аз Институти металлургияи кӯҳии Тоҷикистон дар ш. Бӯстон дидан намуданд.

Ҳайати иборат аз 8 намояндагони донишгоҳҳои Хитой аввал аз фаъолият ва дастовардҳои Институти Конфутсия шиносоӣ пайдо намуданд. Ба меҳмонон оид ба дастовардҳои донишгоҳ аз замони бунёд ва таъсиси курсҳои омӯзиши забон ва фарҳанги хитойӣ иттилоъ дода шуд, Қайд карда шуд, ки дар давоми фаъолияти Институт нуқтаҳои омӯзиши забон ва фарҳанги Хитой дар заминаи факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, дар заминаи мактаби миёнаи №2 ва дар заминаи коллеҷи маҳаллӣ дар ш. Истиқлол, дар заминаи мактаби миёнаи деҳаи Зарнисори ш. Гӯлистон ва дигар нуқтаҳо дар ш. Хуҷанд таъсис дода шуданд. Баъдан маросими имзои Меморандум оид ба ҳамкорҳо миёни Донишгоҳи илм ва техникаи Кунмин ва Институти металлургияи кӯҳии Тоҷикистон ва инчунин, имзои Созишнома миёни “ШСКТХ” ва донишҷӯёне, ки ба Хитой барои таҳсил сафарбар шудаанд, баргузор гардиданд [235].

Ширкатҳои Хитой ба мисли TBEA, ЯН СЕН, China Railway WUJU, Синоҳайдро, Синтсзян Бейсин дар бозорҳои Тоҷикистон ба таври самаранок фаъолият доранд ва дар давоми солҳои охир дар бунёди мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳудуди Тоҷикистон иштирок менамоянд.

Масалан, ширкати хитойии China Railway WUJU мактаберо дар деҳаи Ҳусейншайхи н. Данғараи в. Хатлони Тоҷикистон барои 640 ҷой бунёд намуд. Ширкати дигари хитойӣ - ЯН СЕН бошад ду мактабро дар ш. Норак бо 960 ҷой ба истифода дод. TBEA яке аз ширкатҳои бузурги Хитой ду мактабро дар шаҳрҳои Душанбе ва Ваҳдат бо 3140 ҷой ба истифода дода, боз сохтмони ду мактаби дигарро дар ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Данғара идома дода истодааст. Ширкати Синтсзян Бейсин нақша дорад, ки дар ш. Душанбе ду мактаби таҳсилоти умумиро бо 4000 ҷои нишаст бунёд намояд [21].

Ширкати хитойии Power China (Синоҳайдро) низ нақша дорад, ки дар шаҳрҳои Бохтар, Левакант ва н. Данғара се мактабро то соли 2020 ба истифода диҳад. Ҳаҷми умумии ин лоиҳаҳо ба 3,5 млн. доллар баробар мебошанд. Ба гуфтаи Вазири маориф ва илми Тоҷикистон созишнома бо ширкати Power China (Синоҳайдро) оид ба бунёди се мактаб дар дар шаҳрҳои Бохтар, Левакант ва н. Данғара аллакай баста шудааст. Ҳоло бошад ширкати хитойӣ санҷиши лоиҳаҳоро барои ин иншоотҳо гузаронида истодааст [244].

Таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Хитой дар соҳаи фарҳанг ва маориф дар давраи таҳқиқотӣ аз чунин натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд:

1. Тоҷикистон ва Хитой ҳамкориҳои фарҳангиро дар асоси манфиати мутақобила инкишоф дода истодаанд. Дар ин самт, теъдоди зиёди созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ баста шудаанд. Аз ин рӯ, бастани созишномаҳо дар бахшҳои алоҳидаи соҳаи фарҳанг, аз ҷумла, омода кардани мутахассисони соҳаи синамо, театр, сиркбозон, меъморон аз аҳамият холӣ нест;

2. Дар рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой нақши чорабиниҳои фарҳангӣ, сафарҳои ҳунарӣ, чорабиниҳои тантанавӣ, баромадҳои ҳунарпешаҳо, гурӯҳои рақсӣ ва сарояндаҳо, табодули намоишҳои мусаввара ва нақшу нигораҳо, намоиши ёдгориҳои таърихӣ дар музейҳои миллии якдигар хеле муҳим аст. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба ҳар як бахш барномаҳои байнисоҳавии кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлат барои тақвияти дипломатияи халқӣ коркард карда шавад;

3. Бо мақсади тақвияти ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистону Хитой табодули иттилоот доир ба ҳаёти фарҳангии ҳарду кишвар, чопи китобҳои донишмандони давлатҳо бо забонҳои якдигар, табодули китобҳои дарсӣ, гузаронидани таҳқиқоти илмии муштарак пахши барномаҳои забонӣ, фароғатӣ ва хабарӣ дар телевизионҳои миллӣ ва татбиқи барнома ва лоиҳаҳои муштарак дар шабакаҳои интернетӣ зарур аст. Дар ин самт

пешниҳод мегардад, ки ҳамкориҳои давлатҳо барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пешгирии вуруди фарҳангҳои бегона ба доираҳои ҷамъиятӣ ҳарду кишвар тақвият бахшида шавад;

4. Муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар соҳаҳои фарҳанг ҳамеша дар сатҳи баланд қарор доштанд. Ҷиҳати тасдиқи ин суханон метавон ташкили Рӯзҳо ва Ҳафтаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Хитой ва Рӯзҳо ва Ҳафтаҳои фарҳангии Хитой дар Тоҷикистонро мисол овард. Дар ин замина пешниҳод карда мешавад, ки зимни ин чорабиниҳои муҳим, рӯзҳои синамо, театр, сирк операву балет, чорабиниҳои рақсӣ, барномаҳои эстрадӣ бо ҷалби доираи васеи аҳолӣ дар ҳарду давлат гузаронида шаванд, то ки халқ аз дастовардҳои фарҳангии давлатҳо бештар огоҳӣ пайдо намоянд;

5. Самти муҳимтарини ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон ва Хитойро соҳаи маориф ташкил медиҳад. Маълум аст, ки заминаи асосии рушди бесобиқаи давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Хитой ғамхории беандоза ба соҳаи маориф буд. Аз ин рӯ, ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва байнифазоратӣ ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи соҳаҳои маорифи Хитой бояд тақвият дода шавад. Инчунин, пешниҳод мегардад, ки зимни ҷори кардани ислоҳотҳо дар низои ва бахшҳои маорифи Тоҷикистон, ҷалби мутахассисон ва коршиносон аз Хитой анҷом дода шавад, то ки таҷрибаҳои пешқадами ин давлат дар низоми маорифи кишвар ворид карда шаванд;

6. Маълум аст, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои маориф бо дарназардошти ҷалби шумораи зиёди донишҷӯён ба донишгоҳҳои ҳарду давлат дар сатҳи баланд қарор дорад. Таҳсил дар донишгоҳҳои пешрафтаи Хитой ба ҷавонони мо имкон медиҳад, ки аз донишҳои нав ва замонавӣ бархурдор бошанд. Аз ин рӯ, бештар намудани идрорпулиҳои давлатӣ ва квотаҳо барои таҳсили донишҷӯни тоҷик дар Хитой хеле муҳим ба шумор меравад. Зарур мебошад, ки ин квотаҳо соҳаҳоеро фаро гиранд, ки баъди таҳсил ин мутахасисон ба ватан баргашта, дар рушди соҳаҳои калдии иқтисоди Тоҷикистон саҳмгузор бошанд;

7. Ҷанбаи калидии робитаҳои судманд миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи маориф ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ ба шумор меравconfiguration. Барои тақвияти ин ҳамкориҳо дар назди донишгоҳҳои Тоҷикистон Марказҳои фарҳангӣ-таълимии Конфутсия таъсис дода шудаанд. Дар баробари ин, давлатҳоро зарур аст, ки ҷиҳати кушодани марказҳои омӯзишии саноати кӯҳкорӣ, металлургия ва машинасозӣ чораҳои зарурӣ раҳандозӣ намоянд. Инчунин, пешниҳод мегардад, ки марказҳои омӯзиши забон ва фарҳанги Тоҷикистон дар Хитой кушода шаванд;

8. Тайи солҳои охир, Ҳукумати Хитой ва ширкатҳои хитойӣ ба бунёди мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳудуди Тоҷикистон мусоидат менамоянд, ки ин самт низ дар ҳамкориҳои давлатҳо дар соҳаи маориф нақши назаррас дорад. Хитой дар самти татбиқи лоиҳаҳои хайриявӣ ва молиявӣ як қатор чорабиниҳоро роҳандозӣ менамояд.

Аз ин рӯ, мақомотҳои дахлдори ҷумҳуриро зарур аст, ки барои аз худкунии чунин лоиҳаҳо дар бахшҳои гуногуни соҳаи маориф барномаҳои созандаро коркард ва пешниҳод намоянд, то ки бо ин роҳ рушди низоми маорифи кишвар таъмин карда шавад.

## 3.2. Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СҲШ ва СММ

То имрӯз асоси пойгоҳи ҳуқуқиву шартномавии ҳамкориҳоро миёни Тоҷикистон ва Хитой беш аз 200 созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ ташкил менамоянд. Бо бастани Ёддошти тафоҳум миёни Тоҷикистон ва Хитой доир ба шарикии стратегӣ саҳифаи нав дар таърихи ҳамкориҳои дуҷониба кушода шуд. Вохӯрӣ ва музокираҳо дар сатҳи баланд нишон доданд, ки роҳбарони ҳарду давлат ҷиҳати идомаи пойдории самти шарикии стратегӣ, инчунин дар доираи Созмони Миллали Муттаҳида (СММ) ва Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) омода мебошанд.

Чӣ тавре Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: “Мо бояд пайваста кушишҳои муштараки худро барои пойдории сулҳ, амният ва субот равона намоем, инчунин рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башардӯстонаро дар доираи СҲШ пайгирӣ намоем” [126, с. 3].

Аз арсаи сиёсӣ рафтани ИҶШС, пошхӯрии низоми дуқутбӣ, зуҳури як катор кишварҳои нав ва аз ин рӯ, мушкилоти нав — ҳамаи ин дар якҷоягӣ бисёр кишварҳоро водор кард, ки ҷиҳати дарёфти мувозинати гумшуда дар шароити нави амнияти дастаҷамъона ва ҳамкории иқтисодӣ бо иттиҳодияҳои минтақавӣ муносибатҳоро барқарор намоянд [182, с. 82].

Дар муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ равобити дуҷониба бо ҳамсояи бузурги шарқӣ Хитой ҷойгоҳи хосаеро ишғол намуда, ба самти шарикии стратегӣ табдил меёбад. Ин на танҳо ба вазни сиёсӣ ва иқтисодии Хитой дар ҷаҳон ва минтақаи Осиё ва ҳавзаи укёнуси Ором, балки ба робитаҳои амиқи таърихӣ, муштараки арзишҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ ва мавҷудияти марзи муштарак низ вобаста аст [182, с. 83].

Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва сиёсати «дарҳои кушода» ба он мусоидат намуданд, ки хатти стратегии ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ дар саҳнаи ҷаҳонӣ бетағйир боқӣ монда, дар саргаҳи сиёсати хориҷии Тоҷикистон қарор гирифтаанд ва муайянкунии самтҳои татбиқи онҳо бо дарназардошти манфиатҳои мутақобила заминагузорӣ шудаанд. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон – ин як сиёсати дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобила бо дигар кишварҳои ҷаҳон буда, рушди ҳамаҷонибаи алоқаҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро бо онҳо пайгирӣ менамояд.

14-15 июни соли 2001 дар ш. Шанхай вохӯрии сарони шаш давлат – Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Хитой доир гардид, ки дар он доир ба таъсиси СҲШ эълон баромад. Дар Эъломияи қабулшудаи созмон дар ин саммит ба сифати ҳадафҳои асосӣ, дастгирӣ ва таъмини сулҳ, амният ва субот дар Осиёи Марказӣ эълон шуд, инчунин

рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, илмӣ-таълимӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ, экологӣ ва ғайра пайгирӣ хоҳанд шуд. Ҳуҷҷати дигари муҳим – Конвенсия оид ба мубориза бо терроризм, ифротгароӣ (экстремизм) ва ҷудоихоҳӣ (сепаратизм) буд, ки дар он бори аввал дар сатҳи байналмилалӣ мафҳумҳои ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ ҳамчун амалҳои зӯроварона сабт гардида, ҳамчун амалҳои ҷиноӣ эътироф гардиданд [141, с. 127].

Дар як муддати кӯтоҳ ба СҲШ муяссар гардид, ки сохтори муассир, пойгоҳи ҳуқуқӣ ва симои диққатҷалбкунандаро барои аъзои эҳтимолии нав бунёд намояд ва ба бозингари пешсаф дар Осиё ва сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфт. Ин омил ба иқтидори пурзӯри рушди СҲШ далолат менамояд. Қаламрав, шумораи зиёди аҳолӣ ва сарватҳои табиии пурарзиши давлатҳои аъзои СҲШ чандин баробар аз нишондиҳандаҳои сохторҳои амниятии дигари мавҷудаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ зиёд аст. Паҳноии ҳудуди давлатҳои ба СҲШ дохилшаванда тақрибан 61% тамоми ҳудуди Авруосиёро ташкил медиҳад. Дар ин ҳудуд беш аз 3,5 млрд. аҳоли зиндагӣ мекунанд, 55% маҷмуи маҳсулоти миллии ҷаҳонӣ истеҳсол карда мешавад, 40% тиҷорати ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад. Иқтидори иқтисодии он тавоноии Хитой, Россия, Ҳиндустон ва сарватҳои дигар давлатҳои аъзо ва нозирони созмонро дар бар мегирад [181, с. 154].

Ҷанбаҳои мусбии таъсиси СҲШ – ро баҳогузорӣ намуда, роҳбарияти Федератсияи Россия ва давлатҳои навтаъсис (Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон) ба ҳалли мушкилиҳои мавҷуда миёни онҳо оғоз намуданд ва дастгоҳи наздикшавиро ба Хитой бо умеди дастёбӣ ба ҳадафҳои зерин коркард намуданд:

- содда кардани раванди ҳалли баҳсҳои ҳудудӣ;
- ба даст овардани қарзҳои имтиёзнок;
- ҷалби сармоягузориҳо бо мақсади фаъолгардонии корхонаҳои саноатии аз кормонда;

- дастёбӣ ба бозорҳои бузурги Хитой ҷиҳати фуруши ашёи хом, нимтайёр, металҳои гуногун, маҳсулоти чубин, маҳсулоти нафтӣ, гази табиӣ ва моеъ, лулаҳои металлургӣ, техникаи вазнин, нахи пахта, пашм ва ғайра;
- бунёди роҳҳо ва пулҳои нақлиётӣ ва роҳи оҳан бо кумаки мутахассисони Хитой;
- харидории маҳсулотҳои ниёзи мардум, асбобу дастгоҳҳои технологӣ, ашёи хом ва таҷҳизоти ёрирасон;
- коркарди заминҳои бекорхобида ва истихроҷи сарватҳои табиӣ;
- таъмини амнияти сарҳадӣ;
- пойдории дӯстӣ ва бародарӣ миёни халқҳои ин давлатҳо;
- ҳамкориҳои муштарак дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ;
- таъмини дастаҷамъонаи амнияти ҳудуди кишварҳои аъзои созмон [126, с. 21].

Чӣ тавре вақт нишон дод, ин масъалаҳо бо як душворӣ танзим гардиданд. Сарони давлатҳои аъзои СҲШ тамоми талошҳои худро барои бартарафкунии мушкилиҳои мавҷуда равона намуданд.

Муносибатҳои мутақобилаи давлатҳои аъзои СҲШ дар доираи созмон, на танҳо дар соҳаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, балки дар самтҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ низ рушд намуданд. Чунончӣ, дар доираи СҲШ Барномаи дарозмуддати ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои аъзои СҲШ ба мӯҳлати 20-25 сол тасдиқ гардид. Соли 2004 дар Саммити сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар ш. Санкт-Петербург нақшаи татбиқи ин барнома қабул гардид, ки аз 130 банд иборат буд [4].

Дар ин барномаи дарозмуддат ишора шудааст, ки ҳадафи ҳамкориҳои иқтисодӣ бунёди шароити беҳтар барои ҳаракати озоди сарватҳо ва сармояи инсонӣ ба ҳисоб мераванд. Ин кори хеле мушкил аст, зеро давлатҳои аъзои СҲШ дар сатҳи рушди иқтисодии мухталиф ҷиҳати маблағгузории лоиҳаҳои

муҳимтарин баҳри тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ба хотири амнияти минтақавӣ қарор доранд.

Бо мақсади таъмини маблағгузории лоиҳаҳои муҳимтарин баҳри тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ба хотири амнияти минтақавӣ сохторҳои ғайридавлатӣ ва ғайриҳукуматӣ – Шӯрои кории СҲШ ва Хазинаи рушди СҲШ таъсис дода шуданд, ки барои истифодаи маблағҳои ширкатҳо, сохторҳои молиявии хусусӣ ва низомҳои бонкӣ баҳри таъмини маблағгузории лоиҳаҳои созмон мусоидат менамоянд [181, с. 154].

Махсусияти муносибатҳои Тоҷикистону Хитой аз миёнаи солҳои 1990-ум то ибтидои солҳои 2000 дар таъсири омили ниҳодӣ – мавҷудияти "Панҷгонаи Шанхай" (соли 1996) ва сипас аз соли 2001 дар фаъолияти СҲШ инъикос мегардад. Тоҷикистон ва Хитой ба узвияти "Панҷгонаи Шанхай" ворид гардида, дар ҳамбастагӣ бо Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Ӯзбекистон асосгузорони СҲШ гардиданд. Ниҳоди мазкур сохтори мукаммали минтақавӣ баҳри беҳсозии ҳамкориҳои судманд буда, ба рушди муносибатҳои дуҷонибаи манфиатбори Тоҷикистон ва Хитой такони иловагӣ ворид намуд [82, с. 67].

Боиси қайд аст, ки аз аввалин Саммити сарони давлатҳои аъзои СҲШ (14.06. 2001) то вохӯрии 18-ум (09.06.2018) мувофиқати манфиати давлатҳои аъзо дар омилҳои зерин инъикос мегардид:

- дарки ягонагии ҳадафҳои бунёд ва пойдории СҲШ;
- афзоиши нақш ва нуфузи созмон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи сулҳу субот дар минтақа;
- ташвиқи шаклҳои гуногуни тиҷорати байниминтақавӣ ва наздисарҳадӣ;
- барқароркунии муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба;
- беҳтаркунии фазои сармоягузорӣ;

- мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии силоҳ ва моводи мухаддир;

- тавсеаи СҲШ аз ҳисоби пайвастани давлатҳои нав;

- таҳкими ҳамкориҳо бо СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ;

- бунёди мақомоти фаъоли идораи сохтори минтақавии зиддитеррористӣ;

- таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои илму маориф;

- рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг, алоқаҳои ҷавонон ва тандурустӣ;

- тавсеаи ҳамкориҳои башардӯстона [126, с. 23].

Имрӯз Тоҷикистон ва Хитой – ин натанҳо ҳамсоягони наздик, балки шарикони боэътимоде мебошанд, ки дар таъмини амнияти сартосарӣ ва минтақавӣ муштаракан амал намуда, талошҳои дастаҷамъонаро бар муқобили “се бадӣ” – терроризми байналмилалӣ, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ, инчунин зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир равона месазанд. Тоҷикистон ва Хитой нисбат ба ҷаҳони муосир ва бисёрқутбагии ояндаи он, ба равиши ягонаи консептуалӣ нисбат ба доираи васеи мушкилиҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла, дар доираи рӯзномаи СММ ва СҲШ нигоҳи умумӣ доранд.

Ин умумият дар доираи СҲШ махсусияти хосса дорад. Аз ҷумла, истифода аз сарватҳои табиӣ ва инсонии мавҷуда, инфрасохтори нақлиётӣ ва воситаҳои дигар ба Тоҷикистон имкони роҳандозӣ ва татбиқи лоиҳаҳои бузургро тавассути дастгоҳи СҲШ ба вуҷуд меоранд, ки ба тамоми давлатҳои аъзои созмон низ манфиатбор хоҳанд буд. Сухан дар бораи лоиҳаҳои сатҳи умумимиллие чун сохтмони роҳи нақлиётии Кулма-Душанбе-Чанок ва хатти интиқоли неруи барқи “Ҷануб-Шимол” меравад, ки татбиқи амалии онҳо ба шарофати қарзҳои имтиёзноки пешниҳоднамудаи Ҳукумати Хитой, аъзои фаъоли СҲШ имконпазир гардиданд. Пайвастгардии ин иншоотҳо ва дар

баробари бунёди иншоотҳои нави гидроэнергетикӣ ба хатҳои нисбатан пурзӯри тиҷоратӣ-иқтисодии минтақавӣ бешубҳа ба манфиати тамоми давлатҳои аъзои созмон хоҳад буд [186].

Дар самти мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ, зуҳури вазъи нави геополитикӣ баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, аз роҳбарияти Хитой коркард ва татбиқи сиёсати хориҷии оқилонаро талаб намуд. Рамзи ин сиёсати дурандешона, на танҳо ҳалли муваффақонаи масъалаҳои сарҳадӣ, ки таърихан ба давлатҳо боқӣ монда буданд ё таҳкими чораҳои эътимодӣ дар хати сарҳад, балки асосан бунёд ва таҳкими пайвастаи созмони минтақавӣ, дар аввал бо унвони "Панҷгонаи Шанхай" ва аз қарни нав бо номи "СҲШ" ба ҳисоб мерафт.

Моҳи июли соли 2001 дар ш. Шанхай зимни саммити муассисии СҲШ роҳбари Хитой Сзян Сзэмин бори аввал усули пайравӣ аз "Рӯҳи Шанхай" – ро пешниҳод намуд. Дар давоми фаъолияти СҲШ "Рӯҳи Шанхай" таҷрибаи арзишманд ва дастоварди пурбаҳо дар раванди татбиқи ҳамкориҳо миёни давлатҳои аъзо гардид, ки дар самти муайянкунии амсилаи нави ҳамкориҳои минтақавӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ мубрамият ва моҳияти хосса касб намудааст [156, с. 250]. Пас аз пайвастани Ҳиндустон ва Покистон (баъдан Эрон) ба созмони мазкур "Рӯҳи Шанхай", ки ба "панҷ усули ҳамзистии осоишта" такя менамуд, рамзи нави Авруосиё гардид.

Тағйиротҳои бунёдии ибтидои асри XXI сарони давлатҳои аъзои СҲШ – ро ба ҳамкориҳои зерин водор намуд:

- муттаҳид гардидан дар доираи созмони мазкур;
- таҳкими эътимоду дӯстии мутақобила ва ҳамсоягии нек миёни давлатҳои аъзои СҲШ;
- дастёбӣ ба ҳамкориҳои муассир ва манфиатбори мутақобила дар тамоми соҳаҳои фаъолият;
- дастгирӣ ва таъмини сулҳ, амният ва субот дар минтақа;

- омодагӣ ҷиҳати мубориза бар муқобили чолишу хатарҳои муосир ва шаклҳои нави зуҳури терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ;

- дастёбӣ ба тартиботи ҳуқуқии байналмилалии сиёсӣ ва иқтисодии ҷадид, демократӣ, адолатпеша ва оқилона бе мудохила ба корҳои якдигар [126, с. 8].

Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СҲШ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ инкишоф ёфта истодааст. Маҳз дар доираи СҲШ Хитой ба Тоҷикистон кумакҳои назаррасро дар шакли қарзҳои имтиёзнок пешниҳод намуд, ки дар барқарорсозии иншоотҳои инфрософтори коммуникатсионӣ истифода гардиданд. Дар сатҳи СҲШ ҳарду давлат дар самти мувофиқакунии амалҳои худ доир ба мушкилиҳои мавҷудаи амниятӣ ва суботи минтақавӣ, аз ҷумла, доир ба мубориза бо таҳдиду хатарҳои муосир ҳамкориҳои нисбатан наздики мутақобиларо пайгирӣ менамоянд, ки ин мушкилиҳо ҳарчӣ бештар ба амнияти байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ таҳдид менамоянд. Ин фаъолияти муштаракро давлатҳо бояд дар оянда боз ҳам тақвият бахшанд.

Ҷаҳони имрӯза ҳоло ҳам шоҳиди зуҳури рӯирости терроризм, гардиши ғайриқонуни маводи мухаддир, ифротгароии динӣ ва ҷудоихоҳӣ гардида истодааст. Дар ин ҷанба нақши рӯзафзуни СҲШ, арзишмандӣ ва муҳиммияти беназири он ҳамчун саҳнаи хосса барои алоқаҳои сиёсӣ ва қабули қарорҳои дахлдори дастаҷамъона дар сатҳи баланд ба назар мерасад [201, с. 3].

Ба шарофати ҳадафҳои гузошташуда дар як муддати кӯтоҳ сохтори идории фаъол таъсис ёфт, санаду ҳуҷҷатҳои заминавӣ ва танзимкунанда коркард гардиданд, Мақомоти минтақавии зиддитеррористӣ созмон ёфт, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии силоҳ ва маводи мухаддир пурзӯр гардид ва роҳҳои муносибати мутақобила бо СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ коркард гардиданд [126, с. 8].

Ба назари Р. Алиева: “Дар ибтидо, фаъолияти СҲШ дар ташаккули усули ҳалли сулҳхоҳонаи зиддиятҳо миёни давлатҳои аъзо ва на нигаронидани фаъолияти СҲШ бар зидди дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ инъикос мегардид. Барқарор кардани созиши байнитамаддунӣ, рушди гуфтугӯи байнимазҳабӣ ва эҳтироми арзишҳои тамаддунии шарикони худ, СҲШ – ташкилоте гардидааст, ки чунин гуногунрангии фарҳангиро дар фазои хеш таъмин менамояд. Барқароргардии рӯҳияи эътимод, манфиатдорӣ, баробарӣ, машварат ва эҳтироми мутақобилаи гуногунрангии фарҳангӣ ва кушиши рушди мутақобила, ки ҳамчун “Рӯҳи Шанхай” маълум гардидааст, ниҳоят СҲШ – ро ҳамчун омили асосии муттаҳидкунанда ва мувофиққакунанда устувор намуд” [181, с. 154].

Чӣ тавре Р. Алиева қайд менамояд: “Рӯҳи Шанхай – маънои усули эътимод ва эҳтиромро ба интихоби як дигар дар назар дошта, ба гуногунрангии фарҳангӣ ва ҳамкориҳои бисёрсатҳа ҳам дар дохили созмон ва ҳам бо ҷонибҳое, ки хоҳиши ҳамкорӣ бо ин созмонро доранд ва ба ҳадафу вазифаҳои Хартияи СҲШ – ро эҳтиром мегузоранд, пайгирӣ менамояд” [82, с. 245].

Метавон ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитойро дар доираи СҲШ дар соҳаҳои фарҳангӣ-башардӯстона ба таври мусбӣ баҳогузорӣ намуд. Ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг боиси таҳкими муносибатҳои дӯстона, ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамкориҳои судманд, наздикшавии маънавӣ, таҳкими гуфтугӯи тамаддунҳо ба манфиати халқҳои дар фазои СҲШ зиндагикунанда мегардад.

Дар соли 2005 гурӯҳи коршиносӣ доир ба масъалаи ҳамкорҳои мутақобилаи фарҳангӣ таъсис дода шуд, инчунин нақшаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи фарҳангии давлатҳои аъзои созмон барои солҳои 2005-2006 қабул гардид. Дар баробари ин, иштирокчиёни ин вохӯрӣ масъалаҳои мусоидат ба рушди алоқаҳои мустақим миёни расомон, ҳунарпешаҳои рақсӣ ва мусиқии миллӣ, дастаҳои театрӣ, истифодаи нисбатан васеи имкониятҳои

сайёҳӣ дар рушди робитаҳои фарҳангиро мавриди баррасӣ қарор доданд [220].

Дар самти тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилаи башардӯстона саҳми Котиботи СҲШ беандоза аст. Моҳи апрели соли 2007 дар саммити ш. Бишкек Созишнома дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг ба имзо расид. Ин воқеа раванди боз ҳам наздикшавии давлатҳо ва иштирокдорони созмонро тақвият бахшид. Теъдоди чорабиниҳои гуногун гузаронидашуда низ афзоиш ёфтанд. Чунончӣ, албоми “Гуфтугӯи тамаддунҳо” таъсис дода шуд, ки шарҳи фарҳанги давлатҳои аъзои созмонро инъикос менамуд ва инчунин барномаи намоиши синамо дар Иссикӯл ва форуми бадеӣ дар Ханчжоу гузаронида шуданд [42].

Соли 2008 вазирони фарҳанги давлатҳои аъзои созмон нақшаи навбатии ҳамкориҳоро барои солҳои 2009-2011 қабул намуданд ва гурӯҳи корӣ Ҳалномаи ягонаро оид ба фестивалҳоро қабул намуд, ки ин соҳаи фаъолияти судмандро нисбатан ба танзим даровварда, таъминоти молиявии баргузории онҳоро беҳтар намуд [197, с. 156].

Робитаҳои мутақобила миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои маориф дар чаҳорчӯбаи СҲШ дар сатҳи хуби рушд қарор доранд. 26 октябри соли 2005 Шӯрои сарони ҳукуматҳои давлатҳои аъзои СҲШ қарорро доир ба фаъолгардонии ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф қабул намуд, ки дар доираи он баргузории машварати вазирон пешбинӣ шуда, бунёди гурӯҳҳои кории коршиносони доимо амалкунанда пазируфта шуд.

Мувофиқи ин созишнома, давлатҳои аъзои СҲШ бояд рушди равандҳои ҳамгироиро дар соҳаҳои маориф таъмин намоянд, ба табодули донишҷӯён ва кормандони илмӣ-таълимӣ мусоидат намоянд, доир ба масъалаҳои маориф табодули иттилоот намоянд ва омӯзиши забон, таърих ва фарҳанги давлатҳои аъзои созмонро ташвиқ намоянд.

Боиси қайд аст, ки дар ибтидо, дар СҲШ равиши ягона доир ба воридот ва содироти хизматрасониҳои таълимӣ ва инчунин маркази ягонаи иттилоотӣ

вуҷуд надошт. Барои танзими ин мушкилиҳо соли 2007 сомонаи махсус кушода шуд ва нашри бюллетенҳои иттилоотиро оид ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф оғоз намуд [197, с. 157].

Ҳамкориҳои фарҳангӣ ва таълимӣ миёни давлатҳои аъзои СҲШ дар ҳоли рушд қарор доранд. Дар Созишнома оид ба дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилаи давлатҳои аъзои созмон, ки дар саммити ш. Бишкек соли 2007 имзо гардид, ҷонибҳо талоши ташвиқ ва дастгирии алоқаҳои мустақимро миёни муассисаҳои фарҳангӣ, таълимӣ, илмӣ ва таҳқиқотӣ иброз намуда, барномаҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотиро дар соҳаҳои омода кардани мутахассисон, табодули донишҷӯён, донишмандон ва коршиносон амалӣ месозанд [42].

Дар ҷаласаи Душанбегии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ аз 11-12 сентябри соли 2014, сарони давлатҳо ба натиҷаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳангӣ-башардӯстона баҳои мусбат дода, ҷиҳати рушди минбаъдаи робитаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба дар соҳаҳои фарҳанг, илму техника, навоварӣ, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва варзиш баромад намуданд, ки боиси таҳкими муносибатҳои дӯстона, ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамкориҳои судманд, наздикшавии маънавӣ, таҳкими гуфтугӯи тамаддунҳо ба манфиати халқҳои дар фазои СҲШ зиндагикунанда мегардад [43].

Тоҷикистон ва Хитой доир ба масъалаҳои калидии ҳамкориҳои минтақавӣ ва рӯзномаи СҲШ ҳамфикранд ё мавқеъҳои наздик доранд. Дар навбати аввал, сухан дар бораи робитаҳои фаъол ва созандаи Тоҷикистон ва Хитой дар чаҳорчӯбаи СҲШ дар самти ташаккули низоми нави амниятӣ меравад, ки метавонад талошҳои васеи байналмилалиро ҷиҳати муқовимат бар зидди хатару чолишҳои нави ҷаҳонӣ ва суботи минтақавӣ – терроризми байналмилалӣ, ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мутамарказ намояд.

Аз соли 2003 Тоҷикистон ва Хитой иштирокчиёни фаъоли машқҳои муштараки зиддитеррористии давлатҳои аъзои СҲШ ба ҳисоб меравад, ки

онҳо барои мукаммалгардонии шаклҳои муқовимати дастаҷамъона бар зидди терроризми байналмилалӣ гузаронида мешаванд. Яке аз ҳадафҳои марказии машқҳо – мувофиқакунии амалиётҳои муштараки қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои аъзои созмон дар сурати таҳдиди хатарҳои терроризм ба амнияти давлат ва халқҳои маскуни фазои СҲШ ба ҳисоб меравад [84, с. 161].

Боиси қайд аст, ки робитаҳои мутақобила миёни кишварҳо дар доираи СҲШ сол то сол рушд ва таҳким ёфта истодаанд. Махсусан, муносибатҳои ду давлат дар самтҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва сармоягузорӣ инкишоф ёфтаанд.

Татбиқи созишнома ва лоиҳаҳои қарзие, ки зимни вохӯрии сарони давлатҳои аъзои СҲШ моҳи июни соли 2006 басташуда, имконият дод, ки хати баландшиддати интиқоли неруи барқи 220 кВт-и “Лолазор-Хатлон” ба истифода дода шавад [211].

Моҳи декабри соли 2009 ХББ 500 кВт-и “Ҷануб-Шимол” аз тарафи мутахассисони Хитой ба истифода дода шуд, ки тавассути он метавон ҳамасола 8 млн. кВт соат неруи баркро аз ҷануби ҷумҳурӣ ба шимол интиқол дод. Ба истифода додани хати интиқоли неруи барқи 500 кВт боиси оғози рушди васеи корхонаҳои хусусии хурд ва миёна дар вилояти Суғд шудааст. Инчунин, он метавонад равандҳои саноатиро тезонида ва шаҳрнишинии вилоятро пешгирӣ намуда, боиси рушди босуръати иқтисоди деҳаҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои дар канори ин хати интиқоли барқ қарордошта, гардад.

Иншоотҳои инфросохторие, ки бо маблағгузорӣ ва кумакҳои техникии Хитой дар Тоҷикистон бунёд мегарданд, ба ақидаи олимон ва коршиносони кишвар метавонанд асоси рушди нисбатан босуръати раванди иқтисодӣ, ҳалли муассири мушкилиҳои ҷидди иҷтимоӣ, аз он ҷумла коҳиши сатҳи камбизоатӣ гарданд [181, с. 155]. Бо ин мақсад, дар маҷмуъ тақрибан 400 млн. доллар сафарбар гардидааст, ки аз тарафи Эксимбонки Хитой дар асоси қарзҳои имтиёзнок дар чаҳорчӯбаи маблағгузориҳо ба давлатҳои аъзои СҲШ пешниҳод шудаанд.

Тоҷикистон чаҳор маротиба (солҳои 2008, 2013, 2018 ва 2021) саммити созмони бонуфуз ва партаъсири минтақавӣ – СҲШ – ро мизбонӣ намудааст ва кишвари мо аз ин вазифа бо сарбаландӣ баромадааст. Мизбониҳои Тоҷикистон дар СҲШ зери шиори "ҳамкорӣ, ҳамрушдӣ ва ҳамшукуфоӣ" баргузор гардидаанд.

Рӯзҳои 8-10 августи соли 2019 дар шаҳри Душанбе бо иштироки Котиботи СҲШ Анҷуман ва Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «Тоҷикистон-2019» баргузор гардид, ки дар ифтитоҳи он имкониятҳои ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистон намоиш дода шуданд.

Дар доираи ин ҳамоиш, дувумин муаррифии лоиҳаи «8 мӯъҷизаи СҲШ», ки дар боғи Куруши Кабир дар якҷоягӣ бо Ширкати рушди фарҳанг ва сайёҳии назди Академияи илмҳои Хитой ташкил карда шуд, инчунин муаррифии санъати амалӣ, дастовардҳои моддӣ ва бадеӣ, маснуоти косибӣ-расмҳо, маснуоти заргарӣ, либос, ва асбобҳои мусиқии миллӣ баргузор гардид.

Ҳамзамон сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷие, ки дар Душанбе мустақар шудаанд, ҳамчунин маҳсулоти санъати ороишӣ ва амалии худро ба намоиш гузоштанд [173, с. 18].

*Робитаҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СММ.* Робитаҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар саҳнаҳои байналмилалӣ саҳми арзишманди хешро дар таъмини суботи ҳам минтақа ва ҳам ҷаҳон гузошта истодааст. Сатҳи баланди алоқамандии дуҷониба дар доираи СММ миёни давлатҳо ба даст оварда шудааст. Мисоли ин гуфтаҳо метавонад Баёния дар бораи "Соли байналмилалии шарикии дар соҳаи об дар соли 2013" бошад, ки аз тарафи Ассамблеяи умумии СММ моҳи декабри соли 2012 қабул гардид. Хитой бошад на танҳо ин иқдомро дастгирӣ намуд, балки ба ин ҳуҷҷати муҳим ҳаммуаллиф гардид, ки он ба ҷомеаи миллатҳо аз тарафи Тоҷикистон пешниҳод шуда буд. Хитой иқдоми Тоҷикистонро доир

ба рушди сиёсати обии СММ дар заминаи барномаи Ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи обӣ барои то соли 2030 низ дастгирӣ намуд [247].

Ғояи зарурати таъсиси созмоне, ки тавонад кафолати сулҳ ва амниятро диҳад, хеле пештар ба вуҷуд омада буд, аммо шаклгирии воқеии он дар ибтидои солҳои 40-уми асри XX оғоз гардид. Қадами аввал ҷиҳати таъсиси СММ имзои эъломия дар Лондон аз 12 июни соли 1941 гардид, ки дар асоси он иттифоқчиён ӯҳдадор гардиданд, ки “бо давлатҳои дигари мустақил ҳам дар замони ҷанг ва ҳам дар замони осоишта муштаракан фаъолият менамоянд”. Сипас як қатор воқеаҳо дигар, аз ҷумла имзои санаде ба номи “Хартияи атлантикӣ” аз 14 августи соли 1941 ба вуқуъ пайваст, ки дар он аз тарафи Президенти ИМА Ф. Рузвелт ва Сарвазири Британияи Кабир Черчил маҷмуи усулҳои ҳамкории байналмилалӣ дар самти дастгирии сулҳ ва амният пешниҳод гардиданд. Баъдан 1 январи соли 1942 намояндагони 26 давлатҳои иттифоқчӣ оид ба дастгирии “Хартияи атлантикӣ” баромад намуда, “Эъломияи Милали муттаҳида” – ро имзо намуданд. Дар раванди ду вохӯрӣ: дар Москва ва дар Теҳрон (30 октябр ва 1 декабри соли 1943) ин ҳадаф боз ҳам аз тарафи сарони ИМА, ИҶШС ва Британияи Кабир тасдиқ гардид. Аввалин сохторбандии СММ дар конференсияи Вашингтон дар ду ҷаласа, ки аз 21 сентябр то 7 октябри соли 1944 доир гардиданд, коркард шуданд ва сарони ИМА, ИҶШС, Британияи Кабир ва Хитой оид ба ҳадафҳо, сохтор ва салоҳиятҳои созмони умумиҷаҳонии оянда ба мувофиқа расиданд [241].

Нақши миёнаравии СММ имконият дод, ки 27 июни соли 1997 “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” дар ш. Москва ба имзо расонида шавад. Сипас Тоҷикистон давра ба давра доираи ҳамкориҳои хешро бо тамоми сохторҳои зертобеи СММ дар самти танзими низоъҳои минтақавӣ, анҷоми амалиётҳои башардӯстона ва дигар соҳаҳо тавсеа бахшид. Фаъолияти муштараки СММ ва САҲА дар

Тоҷикистон муҳиммияти истифодаи саривақтии доираи васеи восиатҳои дипломатияи пешгирикунандаро возеҳ нишон дод [117].

Ҷанбаи дигари муҳимми мусоидати СММ ба раванди сулҳ дар Тоҷикистон – коркард ва татбиқи стратегияи маҷмуии кумакҳои башардӯстона ва барқарорсозии баъдиҷангии иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад. Чаҳорчӯбаи хуберо барои ин кор Баёнияи Ассамблеяи умумии СММ доир ба расонидани кумакҳои башардӯстонаи байналмилалии фавқуллода ба манфиати барқарории сулҳи устувор ва ризоият дар Тоҷикистон бунёд намуд [69, с. 32].

Хитой ба тавсияи Котиботи умумии СММ ҷиҳати афзоиши кумакҳои молиявӣ ба Тоҷикистон ба таври фаврӣ амал намуд ва ба барномаҳои қабулнамудаи Тоҷикистон ҷиҳати барқароркунии иқтисодиёт кумаки хешро дареғ намедошт. Хитой боварӣ дошт, ки сулҳ ва суботи пойдор дар Тоҷикистон метавонад танҳо дар асоси барқарор гардидани иқтисодиёт ва таъмини рушди кишвар ҳифз карда шавад [84, с. 155].

Миссияи СММ дар ш. Душанбе 1 феврали соли 1993 кушода шуд. Вале ҳамкориҳои бевоситаи Тоҷикистон бо ин созмон аз ин пештар, моҳи сентябри соли 1992, яъне баъди чор моҳи оғози ҷанги шаҳрвандӣ шуруъ гардида буданд.

Зимни баромади худ дар сессияи 50-уми Ассамблеяи умумии СММ 24 октябри соли 1995 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гуфт: “Мо дар оянда низ манфиатҳои миллии хешро дар ҳамкориҳо бо СММ ҳифз хоҳем кард.” [69, с. 32].

29 январи соли 1992 дар ҷараёни сессияи Шӯрои амнияти СММ Баёния дар бораи қабули Тоҷикистон ба узвияти СММ ба сифати аъзои комилҳуқуқ қабул карда шуд. Ниҳоят 2 марти соли 1992 аъзои СММ гардида, Тоҷикистон заминаи устуворро барои рушди ҳамкориҳои давлат бо ниҳодҳо, муассисаҳо ва мақомотҳои махсусгардонидашудаи низоми СММ гузошт. Дар замони муосир Тоҷикистон бо СММ дар соҳаҳои мухталиф, аз он ҷумла, дар соҳаҳои

таъмини сулҳ ва суботи умумиҷаҳонӣ, мубориза бо хатарҳои муосир ва чолишҳои амниятӣ, ҳифзи муҳити зист, рушди устувори ҷомеа ва идораи сарватҳои обӣ ҳамкориҳои фаъолро ба роҳ мондааст [252].

Дар солҳои аввали истиқлолият муносибатҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ дар сиёсати ҳукумати кишвар нақши бузургро иҷро мекард. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти хориҷӣ, дастгирии робитаҳои мутақобила ва ҳамкориҳои созанда бо СММ ва ниҳодҳои он ба ҳисоб мерафт, ки дар раванди музокираҳои байнитоҷикӣ доир ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар ҷалб шуда буданд.

Муҳимтарин ва арзишмандтарин дастовардҳои судманди Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ 4 иқдоми Президенти Тоҷикистон ба шумор меравванд, ки аҳамияти умумиҷаҳонӣ доранд ва ин иқдомҳо оид ба эълони соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза; оид ба эълони солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт"; доир ба эълони соли 2013 Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об ва доир ба эълони солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" ба ҳисоб меравванд [255].

Аз қадамҳои аввали барқарории ҳамкориҳои дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Хитой ба робитаҳои мутақобила дар доираи СММ диққати махсус дода мешуд. Ин омил инъикоси худро дар Эъломияи муштарак доир ба усулҳои асосии муносибатҳои мутақобила миёни Тоҷикистон ва Хитой ёфтааст (ш. Пекин аз 9 марти соли 1993). Дар банди 10-уми ин санад Ҷонибҳо омодагии хешро ҷиҳати иҷрои ҳадаф ва принсипҳои Оинномаи СММ тасдиқ намуда, иброз намуданд, ки "барои таҳкими нақш ва мақоми созмон бо мақсади татбиқи муваффақонаи меъёрҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ, таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ баромад менамоянд" [82, с. 228].

Мавзуи марказии вохӯрӣ ва музокираҳои сатҳи баланд миёни Тоҷикистон ва Хитой доираи васеи ҳамкориҳои мутақобила дар сатҳи

дучониба ва дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ боқӣ монда, ки масъалаҳои таъмини амнияти байналмилалӣ ва суботи минтақавӣ, мусоидат ба беҳшавии вазъи ҳарбӣ-сиёсии Афғонистон, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ, қочоқӣ маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро фаро мегиранд.

Тоҷикистон ва Хитой талошҳои ҳукумати Афғонистон ва ҷомеаи ҷаҳониро дар ҳалли ҳадафҳои барқарорсозии сулҳ дар ин кишвар дастгирӣ менамоянд. Ба ақидаи ду кишвар самти дигари тавсеаи талошҳои муайян бояд мубориза бо хатарҳои қочоқи маводи мухаддир, ки асосан аз Афғонистон сарчашма мегирад, бошад. Тоҷикистон чунин мешуморад, ки яке аз соҳаҳои фаъолияти ҷомеаи байналмилалӣ метавонад расонидани кумакҳои молиявӣ ва техникӣ ба Афғонистон дар асоси барномаҳои мақсаднок бошад ва инчунин, бунёди хадамоти фаъоли муосири сарҳадии Афғонистон барои ҳифзи муассири сарҳади Тоҷикистону Афғонистон аҳамияти хеле бузург дорад. Хитой иқдомҳои мазкури Тоҷикистонро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ дастгрӣ менамояд [84, с. 147].

Тоҷикистон аз тарафи худ, аз рӯзҳои аввали истиқлолият ва барқароргардии муносибатҳои дипломатӣ мавқеи Хитойиро нисбат ба масъалаи Тайван, аз он ҷумла, дар доираи СММ дастгирӣ менамояд. 13 сентябри соли 2005 сафири Тоҷикистон дар СММ бо баёнияе баромад намуд, ки дар он мавқеи усулии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии мустақилият ва тамомияти арзии Хитой, вазъи байналмилалӣ-ҳуқуқии он, ки аз он ҷумла, дар Оинномаи СММ инъикос ёфтааст, зикр гардидааст [190].

Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СҲШ ва СММ метавон чунин хулосаҳоро ироа намуд:

1. Тоҷикистон ва Хитой дар қатори дигар давлатҳо ҳамчун муассисони СҲШ ба ҳисоб мераванд. Бояд гуфт, ки заминаи таъсиси СҲШ ҳалли мушкилиҳои сарҳадӣ ва таҳкими эътимод дар минтақаҳои наздисарҳадӣ

гардида, дар натиҷа, “Панҷгонаи Шанхай” шакл гирифт. Дар охири солҳои 90-ум робитаҳои мутақобила миёни Тоҷикистону Хитой ва дигар давлатҳои аъзо маҳз дар доираи “Панҷгонаи Шанхай” инкишоф ёфта, заминаҳои усутвор ҷиҳати табдили он ба СҲШ дар ибтидои асри XXI гузошта шуд. Бинобар ин пешниҳод мегардад, ки раванди такмилдиҳии ниҳодии созмон идома дода шавад ва вобаста ба самтҳои афзалиятнок мақомотҳои зертобеъ дар дигар кишварҳои аъзо таъсис дода шаванд;

2. Шаклгирии СҲШ асосан аз ибтидои асри XXI оғоз гардида, имрӯз он ба як созмони муҳимми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Фаъолияти муштараки Тоҷикистону Хитой дар доираи СҲШ ба давлатҳо боз ҳам имкониятҳои бештарро ҷиҳати тавсеаи робитаҳои судманд, татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ ва байниминтақавӣ ва ҳифзи сулҳу суботи минтақавӣ ва миллӣ ба вуҷуд меорад. Афзудани шумораи давлатҳои аъзои СҲШ аз он далолат менамояд, ки дар баробари нуфузи созмон, инчунин, нуфузи Тоҷикистон ва Хитой низ ҳамчун давлатҳои муассис боло меравад. Бе сабаб нест, ки пайвастани Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ҳайати СҲШ дар ш. Душанбе зимни мизбонии Тоҷикистон дар соли 2021 сурат гирифт. Ин омил аз мавқеи намоёни Тоҷикистон дар ин созмон нишон медиҳад;

3. Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СҲШ ҳамкориҳои мутақобиларо дар тамоми соҳаҳои манфиатбор дастгирӣ менамоянд. Имрӯз ҳарду давлат талошҳои хешро дар ҳамбастагӣ бо дигар давлатҳои аъзо ҷиҳати таҳкими дӯстӣ, суботи минтақавӣ ва мубориза муштарак бар зидди тамоми падидаҳои номатлуб равона намудаанд. Аз ин рӯ, дар доираи созмон ҳангоми қабули қарорҳои дахлдор нисбати масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ бояд ҳамдилии кишварҳо, махсусан ҳамдигарфаҳмӣ миёни Тоҷикистону Хитой таъмин карда шавад;

4. Имрӯз бо иқдомандешиҳои Хитой дар фазои СҲШ як қатор лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ ва байниминтақавӣ роҳандозӣ шуда Тоҷикистон ҷиҳати пайвастан ба ин лоиҳаҳо ҳам дар шакли дуҷониба ва ҳам дар доираи СҲШ бо

Хитой ҳамкориҳои созандаро ба роҳ мондааст. Дар натиҷа, бо маблағгузориҳои ҷониби Хитой дар Тоҷикистон як қатор иншоотҳо ва инфросохторҳои хислати иқтисодӣ, энергетикӣ, коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва маишидошта бунёд гардиданд, ки дар рушди ҳаматарафаи Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки барои татбиқи ҳадафҳои калидии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикстон то давраи соли 2030 аз таҷриба, имконият, технология ва сармояҳои имтиёзноки Хитой бо пешниҳои лоиҳаҳои мақсаднок истифода гардида дар ин самт аз лоиҳаҳои пешниҳодгардида дар доираи СҲШ бештар истофода карда шавад;

5. Зарурати фаъолияти муштараки Тоҷикистон ва Хитойро дар доираи СҲШ пешбурди муборизаҳои дастаҷамъона бар муқобили “се омили бадӣ” таъмин менамоянд. Заминагузории ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар шакли дуҷониба ва бисёрҷониба маҳз аз пешбурди муборизаи муштарак бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ сурат гирифтааст. Хатарҳои мазкур натанҳо ба Тоҷикистону Хитой, балки ба тамоми давлатҳои аъзои СҲШ ва дигар кишварҳои ҷаҳон таҳдид менамоянд. Бинобар ин Тоҷикистону Хитой дар сатҳи дуҷониба ва дар доираи СҲШ бояд чораҳои зарурироо ҷиҳати ҳифзи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон роҳандозӣ намоянд ва фаъолияти Кумитаи зиддитеррористии СҲШ дар ин самт таъмин ва маблағгузорӣ карда шавад.

6. Тоҷикистон 2 марти соли 1992 ба узвияти комилҳуқуқии СММ пазируфта шуда, ҳамкориҳои созандаро бо ин ниҳоди байналмилалӣ ва дар доираи он бо дигар давлатҳо дастгирӣ менамояд. Дар ин миён, алоқамандии фаъолияти Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СММ фарқкунанда буда, давлатҳо пайваста аз мавқеъҳои якдигар дар ин минбари баланд пуштибонӣ менамоянд. Аз ин хотир, пешниҳод мегардад, ки намояндагони доимии Тоҷикистон ва Хитой дар СММ барнома ва иқдомҳои манфиатбори муштаракро коркард ва ба тасдиқи зерсохторҳои созмон пешниҳод намоянд,

ки ин ҳолат дар навбати худ, метавонад боиси тақвияти робитаҳои ду давлати ҳамсоя дар чаҳорчӯбаи ин созмони бонуфуз гардад;

7. Хитой яке аз панҷ давлатҳои аъзои доимии Шӯрои амнияти СММ ба шумор рафта, дар қабули қарорҳои муҳимтарини минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ накши ҳалкунанда (тавассути овоздиҳии Вето) дорад. Аз ин рӯ, намояндаии доимии Тоҷикистонро дар СММ зарур аст, ки бо намояндаи доимии Хитой дар СММ алоқаҳои устуворро ҷиҳати касби таҷриба, мушаххаскунии мавқеъҳои муштарак, тавсияҳои амалӣ, фаъолияти санҷидашуда, истифода аз фишангҳои созмон дастгирӣ намояд;

8. Маълум аст, ки СММ ҳамчун ниҳоди универсалии ҷаҳонӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти байналмилалӣ, ҳалли мушкилиҳои умумиҷаҳонӣ ва пешгирии хатару таҳдидҳои умумиинсонӣ иштироки фаъол дорад. Тоҷикистон низ ҳамчун аъзои комилҳуқуқи он дар самти тақвияти ҳамкориҳои созанда бо дигар давлатҳо, махсусан бо Хитой манфиатдор мебошад. Инчунин, Тоҷикистон бо иқдомҳои беназири хеш дар соҳаи дипломатияи обӣ ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои умумиҷаҳонӣ дар ин соҳа, ки аз тарафи СММ дастгирӣ ва тасдиқ гардиданд, ном баровардааст. Инчунин, пешниҳоди Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бунёди камарбанди амнияти дар атрофӣ Афғонистон аҳамияти хосса дорад. Бинобар ин метавон гуфт, ки Тоҷикистон ва Хитой ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар доираи СҲШ ва СММ аз муносибатҳои дӯстона, робитаҳои манфиатбор, ҳамкориҳои созанда ва умуман, шарикии стратегӣ пайравӣ менамоянд.

## ХУЛОСА

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Пас аз касби истиқлолият дар соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як давраи ниҳоят мушкил дар таърихи хеш ворид гардид ва новобаста аз оғозгардии ҷанги шаҳрвандӣ давлати ҷавонро зарур буд, ки сиёсати хориҷии мустақилро ба роҳ монад. Дар чунин вазъияти душвори сиёсӣ ва иҷтимоӣ Ҳукумати Тоҷикистон, аз он ҷумла Вазорати корҳои хориҷиро мебоист фаъолияти сиёсати хориҷиро аз сифр оғоз намоянд. Маълум аст, ки созмондиҳии сиёсати хориҷӣ раванди хеле мушкил ба ҳисоб меравад. [1-М]

Зимни таҳлили илмии истиқрор ва рушди муносибатҳои Тоҷикистон ва ҶХХ дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2021), ироаи чунин хулоса ва пешниҳодҳо лозим дониста мешавад:

1. Муносибатҳои мутақобила миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой барои ҳарду кишвар аз самтҳои афзалиятнок ҳисобида мешавад. Дар муносибатҳои худ Тоҷикистон ва Хитой роҳи тӯлонӣ ва душворро сипарӣ намудаанд. Баъди барқароргардии муносибатҳои дипломатӣ миёни давлатҳо 4 январи соли 1992, алоқаҳои судманд миёни ҷонибҳо дар тамоми сатҳҳо фаъол гардид. Дар замони муосир ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой бо бисёрҷанибагии хеш фарққунанда буда, тамоми соҳаҳои манфиатбор, аз он ҷумла соҳаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангу маориф ва ғайраро дар бар мегиранд. Муносибатҳои дуҷонибаи ду ҷумҳурӣ ҳам дар шакли дуҷониба ва ҳам дар шакли бисёрҷониба дар доираҳои созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд. [2-М]

2. Хитой яке аз шарикони анъанавии иқтисодӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар соли 1992 ҳаҷми тиҷорати мол миёни кишварҳо ба $2,75 млн. долларро ташкил намуд. Дар соли 2020 бо талоши ҳукуматҳои ду кишвари ҳамсоя гардиши мол миёни давлатҳои 679,7 млн. долл ва нишондиҳандаҳои содирот аз кишвари мо ба Хитой ба 159,6, млн.

долл. баробар буд, ки он дар маҷмуъ 13,1% ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистонро ташкил менамуд. [3-М]

3. Боиси қайд аст, ки ширкатҳои хитойи дар татбиқи лоиҳаҳои мухталиф дар ҳудуди Тоҷикистон ба таври фаъол иштирок менамоянд. Ба хусус, як қатор ширкатҳои хитойи роҳҳои зиёди Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таъмир қарор доданд. Онҳо ба таҷдид, таъмири мавмуии роҳҳо, бунёди нақбҳои автомобилӣ, ҳамчунин нақбҳои роҳи оҳан машғуланд. Бояд қайд намуд, ки дар асоси кӯмаки бебозгашт ширкатҳои хитойи инфрасохтори энергетикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намуда истодаанд, ки ба рушди соҳаи энергетикии минтақа мусоидат менамоянд. [3-М]

4. Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои хоҷагии халқ ва кишоварзӣ низ ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондаанд. Масалан, дар соли 2014 ширкати давлатии Хитой "Xinjiang Production and Construction" тақрибан 500 гектар заминро ба мӯҳлати 50 сол дар вилояти Хатлон ба иҷро гирифт. Инчунин ширкатҳои "Синзян инхай" ва "Хай ли" низ дар вилояти Хатлон ба мӯҳлати 49 сол заминҳоро барои кишту кор ба иҷора гирифтанд.

5. Рушди муносибатҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой дар давраи таҳқиқотӣ ҷавогӯи талабот ва имкониятҳои ҳарду халқ мебошанд. Барқароргардии муносибатҳои ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои мутақобила миёни кишварҳо, алоқаҳои пайвастаро дар соҳаҳои фарҳанг низ талаб менамоянд. Чӣ тавре маълум аст, табодул ва ҳамкориҳои фарҳангӣ метавонад дӯстӣ, принсипҳои эътимод, манфиатбории мутақобила ва баробариро миёни халқҳои мо пойдор гардонад ва боиси рушд ва эҳтироми гуногунрангии фарҳангӣ гардад. Дар давраи сипаришуда барои татбиқи созишномаҳои басташуда корҳои муайян иҷро шудаанд. [2-М]

6. Заминаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой дар соҳаҳои маориф 16 сентябри соли 1996 гузошта шуд. Дар ин рӯзи таърихӣ Созишнома дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Ҷумҳурии халқии Хитой доир ба корҳои

маориф имзо гардид. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти кӯҳкорӣ ва металлургии Тоҷикистон Маркази таълимӣ-фарҳангии “Конфутсия” фаъолият мекунад, ки дар он забон, фарҳанг, расму анъанаҳои халқи хитойӣ омӯзонида мешаванд. Дар умум, дар ин марказҳо тақрибан 2 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекунанд. Аз соли 1993 шуруъ карда Ҳукумати Хитой ҳамасола барои муҳасилини ҷониби тоҷик идрорпулиҳо ва квотаҳои давлатиро пешниҳод менамояд. Шумораи донишҷӯёне, ки дар Хитой таҳсил намуданд сол аз сол меафзояд. Дар замони муосир дар беш аз 112 муассисаҳои гуногуни оли таълимии Ҷумҳурии халқии Хитой зиёда аз 3 ҳазор донишҷӯёни тоҷик таҳсил менамоянд. Аз ҳисоби кумакҳои бебозгашти Ҷумҳурии халқии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо муассисаҳои умумии таҳсил сохта ва сохта шуда истодаанд. Чунончӣ, дар соли 2014 аз тарафи ширкатҳои хитойӣ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Данғара мактабҳо сохта шуданд. Дар солҳои 2016-2018 бошад за ҳисоби ширкати “TBEA” чор мактаб дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва дар ноҳияҳои Данғара, Рӯдакӣ бунё гардиданд. Ҳоло аз ҳисоби грантҳои ҳамин ширкат корҳои тайёрӣ ҷиҳати оғози сохтмони мактаби таҳсилоти умумӣ барои 1200 ҷойи нишат дар шаҳрҳои Ваҳдат ва Файзобод идома доранд. Нақшаи хароҷотҳо доир ба ин лоиҳа дар соли 2020 пурра омода гардида, сохтмони он оғоз гардидааст. Инчунин, ширкати хитойии “Синогайд”-ро дар доираи лоиҳа доир ба таҷдиди НБО Сарбанд се муассисаи таълимиро дар ноҳияҳои Данғара, Леваканд ва шаҳри Бохтар бунёд хоҳад кард. [1-М]

7. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой ҳамчун муассисони СҲШ ҳамкориҳои мутақобиларо ба роҳ мондаанд, ки дар худ имкониятҳои зиёдро ҷиҳати тавсеаи робитаҳо, татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ҳифзи сулҳу суботи минтақавӣ ва миллиро фаро мегирад. Созмон айни замон ба яке аз ниҳодҳои муҳимми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфта, кишварҳои бузурги қитъаи Авруосиёро муттаҳид менамояд. Бо дарназардошти иқтидори созмон зарурати фаъолияти муштараки кишварҳо дар мубориза

дастаҷамъона ба муқобили “се омили бадӣ” ва ҳалли масоили минтақавӣ возеҳ мебошад. [5-М]

Бо дарки мақоми Ҷумҳурии халқии Хитой дар Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва зимни қабули қарорҳои муҳимтарини умумиҷаҳонӣ тақвияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он аҳамияти хосса дорад.

### II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

- дар самти ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ назорати сарҳадӣ беҳтар карда шавад ва имкониятҳои тиҷорати наздисарҳадӣ бештар истифода гардад;

- барои дастрасӣ ба молу маҳсулот, хизматрасониҳои мутақобила ва сармояи ҳарду давлат дар бозорҳои якдигар шароити мусоид бунёд карда шавад ва ҳамкориҳои техникӣ-иқтисодӣ ва сармоягузории давлатҳо, аз ҷумла дар бахшҳои бунёди корхонаҳои муштарак, муассисаҳои истеҳсолӣ ва табодули технология карда шаванд;

- барои рушди тиҷорати тамаддунӣ дар асоси талаботҳои Созмони умумиҷаҳонии тиҷорат ва бунёди дастгоҳҳои муассир доир ба пешгирии қочоқи молу маҳсулот шароити созгор созмон дода шавад;

- табодули погоҳҳои иттилоотӣ ва маълумотӣ ва инчунин, модернизатсияи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои фаъолияти пурсамарӣ хадамоти гумрукӣ анҷом дода шавад;

- тавсеаи доираи тиҷорати мутақобила, беҳтаргардонии сохтори молии он аз ҳисоби баланд бардоштани ҳиссаи технологияҳои хушсифат, маҳсулоти мошинсозӣ, таҷҳизотҳои электронӣ ва дигар маҳсулотҳо бо арзиши дарстрас ва рушди муътадилӣ он бояд амалӣ карда шавад;

- беҳтаркунии низоми амалиётҳои хизматрасонии тиҷоратӣ, аз он ҷумла таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи ҳисоббаробаркуниҳои бонкӣ, кафолати қарзҳо, суғурта зарур буда, кушишҳои ҳарду давлат дар соҳаҳои ҳуқуқӣ ва маъмурии танзими ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо мақсади ба талаботҳои

байналмилалӣ мутобиқ кардани реҷаи тиҷорати давлатҳо бештар карда шаванд;

- дар соҳаҳои фарҳанг нақшаи ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Вазоратҳои фарҳанги Тоҷикистон ва Хитой мувофиқа карда шаванд;

- истифодаи гуногунрангӣ ва муассири васоити ахбори омма барои шиносоии аҳолӣ бо дастовардҳои фарҳанги миллии халқҳои ҳарду давлат зарур мебошад;

- таҷрибаи офаридани филмҳои ва барномаҳои телевизионии муштара, намоиши филмҳои синамогаронӣ ҷумҳуриявӣ истифода карда шавад;

- дар соҳаҳои маориф таҳкими ҳамкориҳо миёни донишгоҳҳои ду двлати ҳамсоя муҳим арзёбӣ мегардад;

- афзудани шумораи квотаҳо барои таҳсили ҷавонон дар донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Хитой аз аҳамият холи нест;

- ҳамкориҳо дар соҳаҳои омода кардани мутахассисон ва баландбардории сатҳи касбии мутахассисони илмӣ ва муҳандививу техникӣ бо роҳи истифода аз аспирантураи мақсаднок ва коромӯзии мутахассисон дар донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Хитой тақвият бахшида шаванд.

Дар маҷмуъ, Тоҷикистон ва Хитой ҳадафи таърихии хешро мисли давраҳои пештара иҷро намуда, дар муносибат бо якдигар сиёсати ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкориҳои судмандро дастгирӣ менамоянд. Тавсеаи муносибатҳои Тоҷикистону Хитой то сатҳи муносибатҳои шарикии стратегӣ барои субот, рушд ва ҳамкориҳои ду давлат аҳамияти муҳим дорад.

Тавре Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: “Рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманд бо ҳамсояи бузурги мо – Хитой – яке аз ҳадафҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Фаъолгардонии робитаҳои дуҷониба дар тамоми соҳаҳо ба манфиатҳои на танҳо Тоҷикистон ва Хитой ҷавогӯ буда, балки ба манфиати пойдории сулҳ ва суботи тамоми минтақа мебошад”.

Дар навбати худ Роҳбари Хитой Си Ҷинпин қайд менамояд, ки: “Хитой ва Тоҷикистон бояд ҳадафи таърихии таъмини суръати рушди худӣ ва баландбардории мақоми миллиро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳо, ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва муборизаи муштарак бо таҳдидҳои умумиинсонӣ амалӣ намоянд”.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

### Маводҳои бойгонӣ

[1] Временное положение об отделениях Торгпредства Таджикистана в Китай [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[2] Выступления бывшего Министра культуры Республики Таджикистан Мирзошохруха Асрори [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати фарҳангӣ Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.

[3] Основные показатели внешнеторгового оборота между Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики 1992-2018 гг [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[4] Отчёт деятельности Республики Таджикистан в рамках международных и региональных организации [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон.

[5] Отчёт за 2012 год. Культурные отношения между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.

[6] Отчёт за 2015 год [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.

[7] Отчёт за 2018 год [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.

[8] Отчёт о деятельности Душанбинской табачной фабрики от 21.07.2001 г [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[9] Отчёт о деятельности компании ТВЕА Китайской Народной Республики в Республики Таджикистан от 16.04.2009 [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[10] Отчёт о деятельности контрольно-пропускного пункта «Кульма-Карасу» от 10.12.2004 [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[11] Отчёт о деятельности культурно-образовательного центра Конфуций при Таджикском национальном университете [Текст] // Бойгонии ҷории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
[12] Отчет о деятельности Министерства иностранных дел Республики Таджикистан за 2002 год [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон.
[13] Отчёт о деятельности совместных предприятий Таджикистан-Китай [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[14] Отчёт о деятельности СП «Зарафшан» [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[15] Отчёт о деятельности Торгпредства Таджикистана в Китай [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[16] Отчёт о проведения Дней культуры Китайской Народной Республики в Республике Таджикистан от 23.08.2008 года [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.
[17] Отчёт о проведения Дней культуры Республики Таджикистан в Китайской Народной Республике за 2014 и 2019 годы [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.
[18] Отчёт о работе восьмой заседании таджикско-китайская комиссия по торгово-экономическому сотрудничеству от 25.10.2016 [Текст] // Бойгонии

ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[19] Отчёт о работе десятой заседании таджикско-китайская комиссии по торгово-экономическому сотрудничеству от 27.09.2018 [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[20] Отчёт о работе третьей заседании таджикско-китайская комиссия по торгово-экономическому сотрудничеству от 03.10.2006 года [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[21] Отчёт о строительстве школ со стороны китайских компаний [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.

[22] Отчёт о таджикско-китайских отношениях за 1992 год [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. Раёсати Осиё ва уқёнуси Ором.

[23] Отчёт о таджикско-китайских отношениях за 1993 год [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[24] Отчёт о таджикско-китайских отношениях за 1998 год [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[25] Отчёт о товарообороте между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[26] Отчёт о ходе строительства нефтеперерабатывающего завода от 12.08.2015 [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[27] Папка Соглашение между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[28] Папка Соглашение между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.
[29] Парвандаи Тоҷикистон-Хитой, № 4/6, вараҷи 3 [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.
[30] Парвандаи Хитой [Матн] // Бойгонии ҷории Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.
[31] Парвандаи Хитой (солҳои 1991-2021) [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. Раёсати ИДМ. Раёсати Осиё ва Африко.
[32] Парвандаи Хитой (солҳои 1991-2021) [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[33] Парвандаи Хитой (солҳои 1991-2021) [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон.
[34] Парвандаи Хитой (солҳои 1991-2021) [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.
[35] Парвандаи Хитой ва созишномаҳо (солҳои 1991-2021) [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ.
[36] Программа сотрудничества между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой на 2015-2020 годы [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.
[37] Торгово-экономические отношения между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой. Хроника событий. -С. 10 [Текст] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

[38] Ҳисобот барои фаъолият дар соли 1999 [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон.

[39] Ҳисобот оид ба муносибатҳои Тоҷикистону Хитой (солҳои 1991-2021) [Матн] // Бойгонии ҷории Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ.

[40] Ҳисоботи соли 2010 [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон.

[41] Ҳисоботи соли 2016 [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон. Шуъбаи байналмилалӣ.

**Санадҳои байнидавлатӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ**

[42] Договора о дружбе и сотрудничестве государств-членов ШОС. Статья 19. - Бишкек, 16 августа 2007 года [Манбаи электронӣ]. URL: https://lex.uz/docs/2051397 (санаи муроҷиат: 23.01.2019).

[43] Душанбинская декларация глав государств-членов Шанхайской организации сотрудничества от 12 сентября 2014 г [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.kremlin.ru/supplement/4750 (санаи муроҷиат: 20.01.2019).

